**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**ДОНИШКАДАИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД: 330 (575.3)**
**ТКБ: 65.9 (5Тоҷ)**
**Ҷ - 30**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ҶАМОЛИДДИНОВ СУҲРОБ РУСТАМҶОНОВИЧ**

# АСОСҲОИ РАҚОБАТ ДАР БОЗОРИ СОҲАВИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

**(дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

# ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 5.2.1. – Назарияи иқтисодӣ

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор Газибеков Садриддин**
**Арслонбекович**

**ХУҶАНД-2026**

# МУНДАРИҶА


Саҳ.

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ** .................. 3

**МУҚАДДИМА** .................. 4

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚОТИ МУНОСИБАТҲОИ РАҚОБАТӢ** .................. 16

**1.1.** Инкишофи назарияи рақобат дар илми иқтисодӣ .................. 16

**1.2.** Ҷанбаҳои консептуалии танзими давлатии рақобат .................. 37

**1.3.** Ташаккули муносибатҳои рақобатпазир дар бозори молҳои истеъмолӣ .................. 53

**БОБИ 2. АРЗЁБИИ САТҲИ РАҚОБАТ ДАР СЕГМЕНТИ БОЗОРИ МОЛҲОИ ИСТЕЪМОЛӢ** .................. 72

**2.1.** Вазъи умумии бозори молҳои истеъмолӣ дар шароити густариши муносибатҳои рақобатӣ .................. 72

**2.2.** Инкишофи рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ: муаммоҳо ва омилҳо .................. 88

**2.3.** Ҷанбаҳои миқдорӣ ва сифатии рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ .................. 105

**БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ РАҚОБАТПАЗИРИИ БОЗОРИ МОЛҲОИ ИСТЕЪМОЛӢ** .................. 125

**3.1.** Стратегияи рақобат чун модели умумии фаъолият дар муҳити тағйирёбандаи бозори молҳои истеъмолӣ .................. 125

**3.2.** Самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ .................. 142

**ХУЛОСАҲО** .................. 158

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ** .................. 163

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ** .................. 165

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ** .................. 185

**ЗАМИМА** .................. 187

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ:

| | |
|---|---|
| **АОНПҶТ** | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; |
| **АМИТ** | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; |
| **БМТ** | Бонки миллии Тоҷикистон; |
| **бар.** | баробар; |
| **ВМКБ** | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон; |
| **в.** | вилоят; |
| **в.қ.** | вазни қиёсӣ; |
| **ИДМ** | Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил; |
| **ИНИ** | Индекси нархҳои истеъмолӣ; |
| **КИТТК** | Корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ; |
| **КОА** | Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; |
| **ММД** | Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ; |
| **МММ** | Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ; |
| **млн** | миллион; |
| **НТҶ** | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ; |
| **н.** | ноҳия; |
| **СММ** | Созмони Миллали Муттаҳид; |
| **СМР-2030** | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030; |
| **СУС** | Созмони умумиҷаҳонии савдо; |
| **с.** | саҳифа; |
| **с-ҳо** | солҳо; |
| **сом.** | сомонӣ; |
| **ФҶИ** | Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ; |
| **ҳаз.** | ҳазор; |
| **ҶМЧ** | Ҷумҳурии Мардумии Чин; |
| **ҶТ** | Ҷумҳурии Тоҷикистон; |
| **ш.** | шаҳр; |
| **ғ.** | ғайра; |
| **ISO** | Созмони байналмилалии стандартизатсия; |
| **HACCP** | (Hazard Analysis and Critical Control Points) Таҳлили хавфҳо ва нуқтаҳои назоратии муҳим. |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисод ва гузариш ба модели истеҳсолоти пасоиндустриалӣ, рушди устувори иқтисоди миллӣ бе мавҷудияти муҳити солими рақобатӣ ва бозори пурқуввати истеъмолӣ ғайриимкон аст. Марҳилаи муосири рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон ҳамчун марҳилаи ташаккули бозори истеъмолӣ арзёбӣ намуд, ки дар шароити шиддатёбии рақобат фаъолияти худро амалӣ месозад. Рушди минбаъдаи механизмҳои бозорӣ бо афзоиши шиддатнокии ҳамкориҳои рақобатии байни субъектҳои иқтисодӣ ҳамоҳанг гардида, дар натиҷа ба шиддат ёфтани талабот нисбат ба нишондиҳандаҳои сифатии молу хизматрасониҳо оварда мерасонад ва ба таҳаввулоти сохтори иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеъа мусоидат менамояд. «...Сарфи назар аз тамоюли номусоиди пешрафти сохторӣ ... густариши рақобат шарти муҳимми афзоиши иқтисодиёти ҷумҳурӣ мебошад»[12]. Дар чунин шароит, масъалаи таҳкими рақобат ва баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидорӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иқтисодии давлат табдил ёфтааст. Рақобат на танҳо омили асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва коҳиши арзиши молҳо мебошад, балки воситаи муҳимми ҳавасмандгардонии рушди инноватсионӣ, истифодаи оқилонаи захираҳо ва беҳтаршавии сатҳи зиндагии аҳолӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ин бобат, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ хеле бамаврид қайд шуда буд: «...Минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти неруи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад. Шиддат гирифтани рақобати тиҷоратӣ миёни кишварҳо моро вазифадор месозад, ки дар самти пешгӯии хавфҳо ва коҳиш додани таъсири онҳо ба иқтисоди миллӣ,

инчунин, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ тадбирҳои зарурӣ андешем»[8].

Ҳамчунин, дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» махсусан таъкид карда шудааст, ки «...дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиёти миллӣ масъалаҳои марбут ба фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкорӣ бо роҳи инкишоф додани рақобат дар бозорҳои молӣ мубрамияти хоса касб мекунанд»[6, с.12].

Бо вуҷуди ин, таҳлили вазъи кунунии бозори молҳои истеъмолии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки механизмҳои рақобат ҳанӯз пурра ташаккул наёфтаанд. Монеаҳои воридшавӣ ба бозор, мавҷудияти унсурҳои монополистӣ, норасоии инфрасохтори муосири бозорӣ ва сатҳи пасти инноватсия ба рушди самараноки рақобат монеа эҷод менамоянд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи назариявӣ ва амалӣ намудани асосҳои илмии рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ, бо назардошти хусусиятҳои бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад. Натиҷаҳои чунин таҳқиқот метавонанд барои такмили сиёсатҳои давлатӣ дар соҳаи танзими рақобат, рушди бахшҳои истеҳсолӣ ва тақвияти иқтидори иқтисодии миллӣ хидмат намоянд. Бинобар ин, таҳқиқи назария ва амалияи инкишофи рақобат, таҳияи муносибатҳои методӣ ба арзёбии вазъи бозори молҳои истеъмолӣ дар низоми иқтисодиёти бозорӣ мубрамияти мавзуъ ва аҳаммияти кори диссертатсиониро муайян мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Нақши назаррасро дар ташаккулёбии асосҳои назарияи умумии рақобат олимони илми иқтисод ба монанди: А. Смит[58], Д.Рикардо[55], К.Маркс[45], Й.А. Шумпетер[156], Э.Чемберлин[70], Ҷ.Робинсон[56], А.Маршалл[146], М.Портер[52] ва дигарон гузоштаанд. Аз ҷумла, Адам Смит - мафҳуми «дасти ноаён»-ро пешниҳод кард, ки «рақобатро ҳамчун қувваи танзимкунандаи бозор...»[58] мешуморад; Давид Рикардо – «назарияи афзалияти нисбӣ...»[55]-ро таҳия намуда, нақши рақобатро дар тақсими меҳнат нишон дод; «...механизми рақобати дохилисоҳавӣ ва байнисоҳавӣ»[45]-ро Карл Маркс таҳқиқ кардааст; Йозеф

Шумпетер исбот кард, ки монополия ва рақобат ҳамзистӣ карда метавонанд, ӯ монополияеро, ки фоидаи фавқулодаро аз ҳисоби навгониҳо таъмин мекунад, «монополияи самарабахш...»[156] номид; Э.Чемберлин муаллифи «назарияи рақобати монополистӣ...»[70] мебошад ва талаботро таҳти таъсири пешниҳодот таҳқиқ мекунад; Ҷ.Робинсон «назарияи рақобати номукаммал...»[56]-ро коркард намуд, ки дар он ҳеҷ як аз бозигарон нархи молро муайян карда наметавонанд. Ӯ исбот намуд, ки монополия ба истисмор ва тақсими ғайрисамарабахши захираҳо оварда мерасонад, ки дахолати давлатро талаб мекунанд; Алфред Маршалл рақобати озодро ҳамчун «шарти тавозуни бозор...»[146] тавсиф кард; дар иқтисоди муосир - Майкл Портер назарияи «панҷ қувваи рақобат»-ро пешниҳод кардааст, ки асоси таҳлили рақобат дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ мебошад. Ба инкишофи «назария ва амалияи афзалиятҳои соҳавӣ, дохилисоҳавии рақобат, рақобати миллӣ ва байналхалқӣ...»[52] саҳми арзанда гузоштааст.

Масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккулёбӣ ва рушди бозорҳои алоҳидаи молию соҳавии Тоҷикистон дар таҳқиқоти олимони ватанӣ баррасӣ шудаанд, аз ҷумла: Ҳ.Н. Фақеров[63] - бозори истеъмолӣ дар заминаи ташаккули маҷмааҳои савдою иқтисодӣ, С.А. Газибеков[31] - масоили амалии бозсозии бозор ва рақобати соҳаи савдо, М.М. Шарифзода[71] - модели рақобатпазирии бозори ватании молҳои истеъмолӣ, С.Зубайдов[115] - ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии такмили бозори истеъмолӣ дар шароити иқтисоди инноватсионӣ ва дигарон.

Дар байни корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ки умуман ё бевосита ба таҳқиқи масъалаҳои мушаххаси назариявӣ ва методологии рақобат, таъмини устувории рақобату рақобатпазирии соҳавӣ бахшида шудаанд, асарҳои илмии А.Рауфӣ «Иқтисодиёти рақобатпазир...»[54], А.М. Раҳимов «Муаммоҳои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон...»[53], Қ.Х. Хушвахтзода «Рақобатпазирии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар бозори агроозуқаворӣи минтақа...»[68], А.Ҳакимов «Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ...»[69], Тоҷидинова З.С.

«Демонополизатсияи иқтисодиёт - сиёсати давлатӣ оид ба рушди рақобат...»[100; 155], Ф.М. Улмасов «Баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ...»[125], Р.А. Каримов «Хусусиятҳои ташаккули муносибатҳои рақобатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувори хоҷагии қишлоқ...»[116], М.Б. Ҷураев «Ташаккули рақобатнокии низоми иқтисодии минтақа...»[127], З.Ҷ. Валиев «Роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ...»[112], В.С.Осипов «Теория и методология конкурентного взаимодействия хозяйствующих субъектов...»[122], Г.Ю. Гуляев «Особенности развития конкуренции в современной экономике России...»[113], М.В. Дмитриева «Роль конкуренции в микроэкономических процессах переходного периода...»[114] ва дигарон мақоми хоса доранд, ки бевосита масоили мазкурро мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додаанд.

Аммо, новобаста ба таҳқиқоти илмӣ ва коркардҳо як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалии мубрами он вобаста ба таҳқиқи марҳилаҳои рушди назарияи рақобат, муносибатҳои рақобатӣ, мукаммалгардонии танзими давлатии рақобат, арзёбии сатҳи рақобат, самтҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ ба таври муфассал, пурра, амиқ, таҳқиқ ва баррасӣ нашудаанд.

Зарурати ҳалли масъалаҳои зикршуда дар марҳилаи муосир, рушди бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, аз ҷумла дар доираи мушаххас кардани нақши рақобат дар рушди бозор, танзими муносибатҳои рақобатӣ, арзёбии сатҳи рақобат, муайян намудани стратегия ва самтҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирӣ, пешниҳодҳои амалӣ барои беҳтар кардани муҳити рақобат тақозо менамояд. Ҳамин тавр, аҳаммияти назариявӣ ва амалии масъалаҳои болозикршуда, инчунин зарурати ҷӯстҷӯйи роҳҳои мукаммалгардонии он ба интихоби мавзӯи диссертатсия ва мақсаду вазифаҳои он сабаб гардид.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи муқаррароти барномаҳои стратегии давлатӣ, «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

давраи то соли 2030» таҳия гардида, ба афзалиятҳое, ки дар «...Боби 1, банди 1.1. Дар самти баландбардории рақобатпазирии иқтисоди миллӣ; 1.4. Баланд бардоштани самаранокӣ, гуногуншаклӣ ва рақобатпазирии бахши воқеии иқтисодиёт»[6], ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016 №636 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад; ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «...Дар бораи ҳимояи рақобат»[5] (аз 19.07.2022 №1912, аз 15.03.2023 №1857) мувофиқат менамояд. Кори диссертатсионӣ дар доираи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назарияи иқтисодии МДТ Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон барои солҳои 2021-2024 иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии равишҳои консептуалӣ оид ба ташаккулёбӣ ва мукаммалгардонии асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ мебошад. Дар доираи ин мақсад, тамоюлҳо, сабабҳо ва василаҳои таъсиррасон ба густариши рақобат дар сатҳи бозори молҳои истеъмолӣ таҳқиқ гардида, самтҳои такмили назариявӣ ва методологии танзими рақобат асоснок карда мешаванд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба таҳияи моделҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои стратегӣ барои рушди рақобат дар бозори соҳавӣ равона гардидааст, ки татбиқи онҳо метавонад ба баланд бардоштани самаранокии иқтисоди миллӣ ва рушди устувори он мусоидат намояд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар диссертатсия барои ноил гардидан ба мақсад, вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- омӯзиши пояҳои илмӣ - назариявии муносибатҳои рақобатӣ, равшан намудани ҷанбаҳои калидии мазмун ва сохтори бозори рақобатии соҳавӣ, муайян кардани асосҳои илмии танзими давлатии рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ;
- таҳлили тамоюлҳои муосир ва арзёбии ҳолати умумии рушди бозори молҳои истеъмолӣ дар заминаи густариши муносибатҳои рақобат;

- муайян намудани муаммоҳо ва омилҳои асосии ба ташаккул ва рушди рақобат дар шароити муосир таъсиррасонанда;

- пажуҳиши бартариятҳои рақобатӣ ва муайянсозии самтҳои афзалиятноки тақвияти рақобатпазирии субъектҳои бозор.

**Объекти таҳқиқот** раванди ташаккули рақобат ва рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ чун қисми соҳаи иқтисодиёти миллӣ мебошад.

**Мавзӯи (предмет) таҳқиқот** маҷмуи муносибатҳои рақобатӣ, ки дар раванди рушди бозори молҳои истеъмолии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд, дар бар мегирад.

**Фарзияи таҳқиқот** аз он иборат аст, ки байни раванди ташаккули бозорҳои соҳавӣ ва муҳити рақобат алоқаи зич мавҷуд аст, ки ошкор сохтану ба ҳисоб гирифтани он ба баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии субъектҳое имкон медиҳад, ки таҳвили молро ба бозори молҳои истеъмолӣ чун агентҳои мустақил дар иқтисодиёти бозорӣ амалӣ мегардонанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** дар он аст, ки хулоса ва пешниҳодҳои аз ҷониби муаллиф дар заминаи омӯзиши асарҳо ва таҳқиқоти илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ, инчунин, истифодаи маводди сомонаҳои интернетӣ ва нашрияҳои даврӣ ба даст омадаанд, илман асоснок карда шуда, барои ҳалли масъалаҳои ҷойдошта, бо мақсади таъмини рақобатпазирии бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ равона гардидаанд.

**Асоси методологии таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба ҳадаф ва иҷрои вазифаҳои дар кори диссертатсионӣ гузошташуда, усулҳои иқтисодӣ-оморӣ, муқоиса, таҳлил ва синтез, графикӣ, эконометрикӣ (коррелятсионӣ-регрессионӣ), экстраполятсионӣ (имтидод) ва дигар усулҳои таҳқиқот бо истифода аз барномаҳои компютерӣ, истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Сарчашмаи маълумотро дар таҳқиқоти мазкур иқтибос аз Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдатӣ миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои нашргардидаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин иттилооти мақомоти иҷроияи

ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ташкил додаанд. Дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар таҳқиқоти илмӣ ба таври васеъ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, маводи таҳлилӣ ва ҷамъбастии таҳқиқоти хориҷию ватанӣ мавриди истифода қарор дода шуданд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсия дар назди кафедраи назарияи иқтисодии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар давраи солҳои 2021-2024 иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия.** Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ғанигардонӣ ва рушди назарияи рақобати бозори молҳои истеъмолӣ, такмили сиёсати самараноки давлатӣ дар соҳаи рақобат, коркарди тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои бозор, рақобатпазирии маҳсулот ва таҳкими мавқеи молҳои ватанӣ дар бозори дохилӣ инъикос меёбад. Натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки унсурҳои навгонии илмиро дар бар мегиранд, инҳо мебошанд:

1. Консепсияи назариявии муносибатҳои рақобатӣ низомбандӣ шуда, дар заминаи он асоснок гардидааст, ки дар шароити муосири рушди иқтисодӣ, рақобати ғайринархӣ тадриҷан ба омили асосии танзимкунанда ва муайянкунандаи самаранокии фаъолияти бозори молҳои истеъмолӣ табдил меёбад, ки ба такмили сифати мол ва хизматрасонии баъди фурӯш асос ёфтааст. Асосҳои назариявии танзими давлатии рақобат муайян ва асоснок карда шуда, зарурат ва ҳадафмандии танзими давлатии бозори истеъмолӣ дар сегменти маҳсулоти озуқаворechoии иқтисодиёти ватанӣ исбот карда шудааст, ки он ба масоили рӯзмарраи ҳалталаб асоснок карда мешавад. Инкишоф ёфтани бахши ғайрирасмӣ, самарабахшии пасти амали институти ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, ҳамкории ғайриқаноатбахши намояндагони бизнес дар бахши истеъмолӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳамчунин бо мақомоти давлатӣ, зиёд будани ҳиссаи табақаи аҳолӣ бо пардохтпазирии паст аз ҷумлаи он аст.

2. Тамоюлоти муосир ва хусусиятҳои рушди бозори молҳои истеъмолӣ дар шароити амиқрафти муносибатҳои рақобатӣ муайян карда шуданд. Масоили рушди бозори ватании молҳои истеъмолӣ аз рӯйи се муносибати меъёрӣ низомбандӣ шудаанд. Аз ҷумла, аз рӯйи муносибати институтсионалӣ: такмил наёфтани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бахши пинҳониро дар бозор танзим мекунанд, огоҳӣ надоштан дар бораи тағйироти рушди бозор, набудани стратегияи савдо дар ин самт; муносибати соҳавӣ: суръати сусти афзоиши савдои яклухт, сатҳи пасти ҳамкории байни сохтори хусусӣ ва давлатӣ, набудани тафриқаи бозори истеъмолӣ; муносибати инфрасохторӣ: ба стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқ набудани принсипҳои ташкили савдо, нокифоягӣ ва сатҳи пасти инфрасохтори нигоҳдории мол, технологияи қафомондаи савдо.

3. Асоснок карда шудааст, ки шиддатнокии рақобатро дар бозори серсоҳаи молҳои истеъмолӣ омилҳои зиёди боздоранда ва мусоидаткунанда муайян менамоянд. Ба омилҳои боздоранда мансубанд: дар мамлакат бозори молҳои истеъмолӣ бо соҳаи кишоварзӣ зич алоқаманд аст, ки он хусусияти майдамолӣ дошта, хароҷоти соҳа баланду сатҳи даромаднокӣ паст аст; раванди истеҳсоли молҳо стандартӣ амалӣ мегардад; шумораи зиёди субъектҳои иқтисодӣ дар шакли ғайримарказонидашуда фаъолият мекунанд, ки ин хусусият аз набудани самараи миқёс шаҳодат медиҳад; имиҷи тамғаи савдо паст мебошад; стратегияи маркетингӣ вуҷуд надорад; таъсири давлатии инвеститсионӣ, маъмурӣ, андозӣ, берунииқтисодӣ ба субъектҳо вуҷуд дорад, ки шиддатнокии рақобатро дар соҳа коҳиш медиҳад. Ба омилҳои мусоидаткунанда мансубанд: афзоиши талабот ба молҳои истеъмолӣ, музди меҳнати миёна, хароҷоти аҳолӣ, афзоиши ҳаҷми хизматҳои пулакӣ.

4. Афзалиятҳоро дар рушди бозори молҳои истеъмолӣ таҳия намуда, пешниҳодоти зерин оид ба баланд бардоштани бартариҳои рақобатӣ асоснок гардидаанд: ташаккули муҳити мусоиди рақобат барои фаъолияти хоҷагидории бизнес-сохторҳо; ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ, ки ба бозор моли хушсифатро пешниҳод мекунанд; ба вуҷуд овардани

инфрасохтори мувофиқ; дар бозори молҳои истеъмолӣ ҷорӣ намудани навгониҳои технологӣ, ҷараёнҳои инноватсионӣ ва маҳсулотҳои нав.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- асоси назариявии рушди рақобат бо дарназардошти таҳаввулоти таърихии марҳилаҳои ташаккули назарияи рақобат мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар заминаи ин таҳлил таърифи муаллифии рақобат чун ҳамоҳангсозандаи манфиатҳои истеҳсолкунанда, истеъмолкунанда, давлат ва бозор пешниҳод гардидааст;

- хусусиятҳои рушди бозори молҳои истеъмолӣ дар шароити рақобат таҳлил гардида, муносибатҳои меъёрӣ низомбандӣ ва мундариҷаи онҳо дар заминаи рушди бозори ватанӣ кушода дода шудааст;

- шиддатнокии рақобат дар бозори серсоҳаи молҳои истеъмолӣ асоснок гардида, мазмуну моҳияти омилҳои монеъшаванда ва мусоидаткунандаи рушди рақобат ошкор карда шудааст;

- асоси назариявии стратегияи рақобат чун модели умумии фаъолияти иқтисодӣ дар муҳити тағйирёбандаи бозор асоснок карда шуда, модели назариявии ташаккули стратегияи рақобатӣ таҳия гардида, самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ дар асоси такмили механизмҳои институтсионалӣ ва истифодаи имкониятҳои инноватсионӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки муқаррароти асосии консептуалии назариявии он, ки дар намуди муқаррароти илмӣ оид ба ташаккулу танзими асосҳои рақобатии бозори молҳои истеъмолӣ дар соҳаи савдо ироа гардидаанд, метавонанд ба инкишофи назарияи бозорҳои соҳавӣ, назарияи рақобат саҳм гузоранд.

Муқаррароти назариявӣ ва пойгоҳи методии дар раванди таҳқиқи диссертатсионӣ коркард гардида, хулосаҳо ва таклифҳои амалӣ барои танзими бозори молҳои истеъмолӣ метавонанд аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ ва дигар мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроияи минтақаҳои

ҷумҳурӣ ҳангоми коркарди барномаҳои минтақавии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд.

Натиҷаҳои муҳимми таҳқиқот аз тарафи Раёсати рушди иқтисод, савдо ва мониторинг дар вилояти Суғд истифода гардидааст (асос: маълумотномаи № 20/1-7 аз 23.02.2024).

Коркардҳои назариявию амалии таҳқиқот дар ҷараёни тадриси фанҳои таълимии «Назарияи иқтисод», «Микроиқтисод», «Иқтисодиёти савдо ва хӯроки омма», «Менеҷменти стратегӣ», «Идоракунии рақобатпазирии корхонаҳо» низ ба таври васеъ истифода карда мешаванд. Муқаррароти алоҳидаи рисола дар ҷараёни таълим дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар амал татбиқ гардидааст (асос: маълумотномаи № 893 аз 31.12.2022).

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро** таҷрибаҳои гузаронидашуда, мушоҳидаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводди таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои тадқиқот ва интишорот дар конфронсҳои илмӣ-амалии сатҳи гуногун тасдиқ мекунанд. Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқот дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.1. – Назарияи иқтисодӣ, бандҳои: 1.1. Иқтисоди сиёсӣ: сохтор ва қонунияти рушди муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; ташаккул ва амалкарди сохтору институтҳои иқтисодӣ; назарияи бахши хусусӣ дар иқтисодиёт; 1.2. Назарияи микроиқтисод: назарияи талаботи истеъмолӣ; назарияи ташкили бозорҳо; назарияи рақобат ва танзими зиддиинҳисорӣ; 1.4. Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ: назарияи таҳаввулотии пешравии иқтисодӣ, мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Интихоби мавзӯи диссертатсия, тартиб додани нақшаи таҳқиқоти диссертатсионӣ,

тавсифи мухтасари сарчашмаҳо, таълифи мақолаҳо, ҷамъоварию коркарди маълумотҳои оморӣ, навиштани корро унвонҷӯ мустақилона бо назардошти комёбиҳои илми ватанию хориҷӣ оид ба мавзӯи мавриди таҳқиқ иҷро намудааст. Ғояҳои асосӣ, муқаррароти назариявӣ, хулосаю тавсияҳои амалӣ, ки дар худ навгонии илмӣ ва аҳаммияти амалии корро таҷассум сохтаанд, шахсан аз ҷониби муаллиф коркард гардидаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Натиҷаҳои асосӣ ва муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилалию ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методӣ, ки дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва берун аз он гузаронида шудааст, аз ҷониби унвонҷӯ ироа гардидааст. Аксарияти мақолаҳои муаллифи диссертатсия дар солҳои 2012-2024 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон рӯйи чоп омадаанд. Алалхусус дар конфронсҳои байналмилалии илмӣ-амалӣ (Механизмҳои самараноки рушди инноватсионӣ ва технологии ҷомеаи муосир (4-5 декабри соли 2012). Украина, Житомир: Донишгоҳи давлатии технологии Житомир; Рушди инсон ҳамчун омили пойдории минтақа (11-12 марти соли 2013). Тоҷикистон, Хуҷанд: Донишкадаи иқтисод ва савдои Доншгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон; Тиҷорати шабакавӣ ва тиҷорати дохилии Украина ва кишварҳои ИДМ (15-16 апрели соли 2015). Украина, Полтава: ПУЭТ), конфронсҳои ҷумҳуриявӣ (Баланд бардоштани эътимоднокӣ ва истифодаи техникаи кишоварзӣ дар соҳаи комплексии агросаноатӣ (2022). Тоҷикистон, Душанбе: Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур; Масъалаҳои мубрами истифодаи энергияи сабз ва мошин-олотҳои энергиясарфкунанда дар шароити соҳаи механиконии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (04 ноябри соли 2023). Тоҷикистон, Душанбе: Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур). Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсияи илмии муаллиф дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодӣ

Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон пешниҳод ва муҳокима карда шудаанд.

**Интишори натиҷаҳои таҳқиқот.** Доир ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидааст. Ҳаҷми умумии интишороти илмӣ оид ба мавзӯи рисола 3,27 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми таҳқиқот.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки фарогирии 161 номгӯй мебошад, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия ва 6 замима иборат аст. Кор дар 193 саҳифаи матни компютерӣ баён гашта, 13 ҷадвал, 21 расмро фаро мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚОТИ МУНОСИБАТҲОИ РАҚОБАТӢ

## 1.1. Инкишофи назарияи рақобат дар илми иқтисодӣ

Имрӯзҳо мафҳуми «рақобат» ба ҳаётамон ворид шуда, ба мазмун ва моҳияти он таъсири ҷиддӣ мерасонад. Рақобат дар ҳама ҷо ва дар ҳама чиз мавҷуд аст - ин муборизаи доимист, ки мову шумо ҳар рӯз рӯ ба рӯ мешавем. Бинобар ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид сохтаанд, ки «...таҳкурсии асосии бунёди давлати аз нигоҳи иқтисодӣ пешрафта ва мунтазам рушдёбанда ташаккули иқтисоди бозории қобили рақобат ва муосир мебошад»[12].

Мафҳуми рақобат ҳамчун падидаи иҷтимоию иқтисодӣ бо табиати иҷтимоии инсон алоқамандии ногусастанӣ дорад. Бо истифода аз ин истилоҳ метавон дараҷаи рушди имрӯзаи бозорро ҳам дар кишвар ва ҳам дар соҳаҳои алоҳидаи он арзёбӣ кард. Рақобат ба муносибатҳои бозории ҷомеаи муосир ворид шуда ҳар қадаре, ки мақоми он афзояд, сатҳи рушди соҳа баландтар мешавад.

Истилоҳи рақобат аз калимаи лотинии «concurrentia» гирифта шудааст, ки маънояш бархӯрд аст. «...Дар айни замон, бояд қайд кард, ки ин мафҳум якранги лотинии «concurus» мусобиқа мебошад. Монандии байни мафҳумҳо хусусияти ягонаи рақобатро дар назар дорад»[82, с.37].

Дар луғати «Тафсири забони русии муосир. Тағйироти забонии охири асри XX», ки зери таҳрири Г.Н. Скляревский нашр шудааст, шарҳ дода мешавад: «...Рақобат ин мубориза байни истеҳсолкунандагони молҳо ва хизматрасониҳо барои шароити беҳтари иқтисодии истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, таносуби молҳо, хизматрасониҳо, ки аз ҷиҳати сифат, номгӯйи молҳо, нарх ва ғайра гуногунанд»[62].

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ»-и С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон мафҳуми рақобат (رقابت ) чун «рақибӣ кардан» ва ё

«мубориза барои ба даст овардани фоидаи калон ё имтиёзҳо...»[147, с.145] ифода ёфтааст.

Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022, №1912, аз 15.03.2023, №1857) мафҳуми рақобат чунин баррасӣ шудааст: «...Рақобат - мусобиқаи озоди субъектҳои хоҷагидор, ки дар он амали мустақилонаи ҳар яки онҳо, имконияти таъсиррасонии яктарафаи ҳар кадоми онҳоро ба шароитҳои умумии муомилоти мол дар бозори мол (кор, хизматрасонӣ)-и дахлдор самаранок маҳдуд менамояд»[5, с.3].

Мавриди зикр аст, ки дар радифи рушди низоми хоҷагидории ҷомеа, шакл ва усулҳои муносибатҳои рақобатӣ низ рушд ёфта, дар муқаррароти назариявии мазмуни рақобат зоҳир мегардад. Дар асарҳои илмии муҳаққиқон - иқтисоддонҳои хориҷӣ ва ватанӣ сабабҳои пайдоиши рақобат ошкор гардида, тафсирҳои гуногун, механизмҳои амал, оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва дигар хусусиятҳои он муаррифӣ шудаанд. Гарчанде, «...назарияи рақобат аз ҷониби муҳаққиқон дар алоҳидагӣ (чун дигар назарияҳо) таҳия нашуда бошад ҳам, дар доираи муносибатҳои умумии таҳқиқи тасвири иқтисодиёти амалкунандаи ҷаҳонӣ ташаккул меёбад»[82 с.37]. Якчанд марҳилаҳои таҳаввули рақобатро вобаста ба ташаккули бозори истеъмолӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Марҳилаи аввал - марҳилаи рақобати то давраи сохти капиталистӣ. Ҷолиби диққат аст, ки бо вуҷуди он ки худи калимаи «рақобат» ҳанӯз дар давраи қадим пайдо шудааст ва дар замони феодалӣ он «...тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро гирифтааст»[24], чун объекти таҳқиқоти илмӣ, баҳсҳо ва мубоҳисаҳои илмӣ муддати дароз баррасӣ нашудаст.

Нишонаҳои муҳимтарини фарқунандаи рақобат дар ин марҳила чунинанд: худсаронагӣ, яъне дар муносибат бо рақобат хусусияти фаъолияти иштирокчиёни бозор тасодуфӣ мешавад ва номунтазамӣ, яъне муносибатҳои рақобатӣ хусусияти доимӣ надоранд.

Дар дигар ҷой муаллиф дар назар дорад, ки «...истеҳсолкунандагони мол бо мақсади ба даст овардани даромад барои шароити мусоиди истеҳсол ва фурӯши мол рақобат мекунанд. Чунин рақобат ногузир аст, зеро он аз

нишонаҳои объективии бозор ба вуҷуд омадааст, яъне: шумораи зиёди истеҳсолкунандагон, маҳдудияти захираҳои истеҳсолӣ ва талаботи пардохтпазири аҳолӣ. Ҳамин тариқ, низоми бозор дар асоси муносибатҳои рақобатӣ байни иштирокчиёни раванди бозор амал мекунад. Набудани муносибатҳои рақобатӣ дар ниҳоят маънои набудани низоми бозорро дорад»[82].

Марҳилаи дувум. Марҳилаи бартарии рақобати комил - бо рушди ҳамаҷонибаи муносибатҳои капиталистӣ оғоз шуда (рақобат на танҳо молҳо, балки тамоми омилҳои истеҳсолоти ҷамъиятиро фаро мегирад, аз ҷумла: қувваи корӣ, замин, воситаҳои истеҳсолот), то солҳои 1870 идома меёбад. Хусусияти хоси ин давра аз он бармеояд, ки он бидуни танзими давлатӣ амал намуда ба рақобати озод майл дорад. Аввалин маротиба, маҳз дар ин марҳила мақарраротҳи мукаммалӣ механизми рақобат ба миён омад, ки аз ҷониби классикони иқтисоди сиёсӣ А.Смит[58], Д.Рикардо[55], Ҷ. Милл[47], К.Маркс[45], А.Курно[150], У.С. Ҷевонс[139] ва дигарон баррасӣ карда шуд. Нуктаи асосӣ дар ин марҳила он буд, ки рақобат як чизи муқаррарӣ аст, соҳаҳои иқтисодиётро пурра дар бар гирифта, маҳз ба омилҳои субъективӣ такя мекунад (ҷадвали 1.1.1.).

**Ҷадвали 1.1.1. – Марҳилаҳои рушди назарияи рақобат (марҳилаи ибтидо ва марҳилаи бартарии рақобати комил)**

| Марҳилаҳо | Муаллифон ва манбаъ | Тавсифи рақобат |
|---|---|---|
| **Марҳилаи аввал.** Марҳилаи рақобат то давраи сохти капиталистӣ | | «...Ин марҳила аз барҳамхурии сохти ҷомеъаи ибтидоӣ ва пайдоиши истеҳсоли одии молҳо сарчашма гирифта, бо пайдоиши муносибатҳои капиталистӣ ба анҷом мерасад»[114]. |
| **Марҳилаи дувум.** Марҳилаи бартарии рақобати комил – бо рушди ҳамаҷонибаи | Адам Смит [58] | «...Рақобат ин раванди вокуниш ба қувваи нав ва роҳи ба даст овардани тавозуни нав буда, моҳияти он муборизаи рақибон барои бартариҳои нисбӣ мебошад»[58]. |
| | Давид Рикардо [55] | «...Механизми нархгузории бозорро тавассути рақобат таҳқиқ ва тавсиф кард, консепсияи рақобати комилро дар шароити бозор барои давраи дарозмуддат ташаккул дода, назарияи бартариҳои нисбии рақобатро таҳия намуд»[55]. |

*Идомаи ҷадвали 1.1.1.*

| | | |
|---|---|---|
| муносибатҳои капиталистӣ оғоз шуда (рақобат на танҳо молҳо, балки тамоми омилҳои истеҳсолоти ҷамъиятиро фаро мегирад: қувваи корӣ, замин ва воситаҳои истеҳсолот), то солҳои 1870 идома меёбад. | Ҷон Стюарт Милл [47] | Рақобатро чун яке аз «...омилҳои асосии муайянкунандаи «бахши маҳсулот» дар шароити моликияти хусусӣ, муодилаи талаботи байналмилалӣ»[47] таҳия кард, гурӯҳҳои дар бозор рақобатнопазирро муайян намуд. |
| | Карл Генрих Маркс [45] | «...Рақобат механизми асосии тақсимоти сармоя байни соҳаҳо ба ҳисоб рафта сатҳи миёнаи меъёри фоидаро дар иқтисодиёти миллӣ объективона муайян мекунад ва чун мубориза байни сармоягузорон барои шароити мусоиди сармоягузорӣ маънидод мешавад»[45]. |
| | Антуан Огюстен Курно [150] | Рақобатро модели рафтори иштирокчиёни бозор шуморид. «...Бо баробари зиёдшавии шумораи ширкатҳои рақиб, нарх бо назардошти хароҷоти ягонаи ҳадди ақал муайян карда шуда, бозор ба ҳолати мувозинати комилан рақобатпазир меояд»[150, с.23]. Мафҳуми консепсияи рақобатро васеъ намуда, нақши шумораи рақибонро нишон дод. |
| | Уилям Стэнли Ҷевонс [139] | Яке аз аввалинҳо усулҳои математикиро дар таҳлили иқтисодии рақобат истифода бурд. Рақобати комилро чун шарти зарурии рушди муваффақи бозор ҳисобид. Модели «...мубодилаи рақобатӣ»[139]-ро таҳия намуд. |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда.*

Адам Смит яке аз аввалинҳо шуда, таҳқиқи самаранокии механизми бозорро дар асоси рақобати озод шуруъ намуда тафсири дақиқи моҳияти рақобат (competition)-ро пешниҳод накарда, ба ҷойи он ду мафҳум «мубориза» (соперничество (rivalship)) ва «мусобиқа» (соревнование (emulation))-ро истифода мебарад. Мусобиқа, пеш аз ҳама, дар заминаи муносибатҳои меҳнатӣ байни кормандон ва мубориза барои тасвири муносибатҳои байни рақибони бозорӣ истифода мешавад. Муқаррароти мазкурро А.Смит дар асари худ «Таҳқиқот дар бораи табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо» асоснок сохта, нақши назарраси рақобатро баён намуд ва амали онро дар принсипи «дасти ноаён» таҷассум кардааст: «...ҳар фард, ки танҳо ҳадафҳои худро таъқиб мекунад, гӯё бо дасти ноаёни тақдир бо мақсади ба даст овардани неъмати бузургтарин барои ҳама, равона карда мешавад»[152, с.32]. Ӯ аввалин шуда муайян кард, азбаски рақобат боиси тақсими нисбатан самараноки захираҳо ва истифодаи онҳо мегардад, он барои тамоми ҷамъият неъмат ба шумор меравад. Нархро олоти асосии муборизаи рақобатӣ ҳисоб намуда, Смит муносибатҳои мутақобилаи рақобатро бо талабот ва пешниҳодот дар бозор қайд кард. Зеро,

барзиёдии мол дар бозор фурӯшгаронро дар сатҳи баробари рақобатӣ қарор медиҳад, ки он нархи молро паст мекунад. Камчинии мол рақобатро байни харидорон ба вуҷуд меорад, ки он боиси болоравии нарх мегардад ва «...маҷмуи манфиат ва беманфиатии истифодаи меҳнату сармояро муайян мекунад»[152, с.90]. Пас, ин ҳолат чунин шарҳ дода мешавад, рақобат ба сифати неруе баромад мекунад, ки бозорро тавассути ҳамкории мутақобилаи талаботу пешниҳодот ба як нуқтаи мувозинат меорад.

Олими дигари англис, Ҷон Стюарт Милл рақобатро чун яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи «бахши маҳсулот...» дар шароити моликияти хусусӣ, муодилаи талаботи байналмилалӣ таҳия намуда, гурӯҳҳои дар бозор рақобатнопазирро ҷудо кард, чандирии нархҳои талаботро тасниф намуда, мафҳумҳои «иқтисодиёт дар миқёс...» ва «хароҷоти алтернативӣ...»-ро муайян сохт. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, Ҷ.С.Милл чунин ақида дорад, ки «...рақобат ягона танзимгари нархҳо, музди меҳнат, иҷора буда, худи он қонунест, ки қоидаҳои ин танзимро муқаррар месозад»[47, с.12].

Яке аз аввалинҳо усулҳои математикиро дар таҳлили иқтисодии рақобат Уилям Стэнли Ҷевонс истифода бурд. «...Рақобати комилро ҳамчун шарти зарурии рушди бомуваффақияти бозор арзёби намуда, таъкид кард, ки рақобат иштирокчиёни муносибатҳои бозорро барои истеҳсол ва мубодилаи неъматҳое, ки ниёзҳои истеъмолкунандагонро пурратар қонеъ мекунанд, ҳавасманд менамояд. Хидмати олим дар таҳия намудани модели «мубодилаи рақобатӣ» назаррас мебошад»[139], ки дар ташаккули рақобати комил барои огоҳонидани иштирокчиёни муносибатҳои бозорӣ нақши муҳим мебозад.

Ба ақидаи муаллифи диссертатсия, хусусияти хоси таҳқиқоти У.С. Ҷевонс дар он буд, ки ӯ ба аҳаммияти баланди дараҷаи огоҳии бозигарони бозор ҳангоми ташаккули рақобати комил диққат дод. Ҷолибияти консепсияи рақобати Ҷевонс дар он аст, ки бозор аз нигоҳи назариявӣ бояд комил бошад, яъне ҳамаи бозингарони бозор дорои маълумоти максималӣ оид ба талабот ва пешниҳод мебошанд, мубодила дар бозор озодона сурат гирифта, ҳадафи он ба даст овардани ягон манфиат аст. Ин ҳолат, «эҳтимолияти пайдоиши

иттиҳодияҳои пинҳонӣ...»[30, с.67], ки ба рушди муносибатҳои табодули ғайритабиӣ мусоидат мекунанд, истисно менамояд.

Бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқот, бояд қайд намуд, ки марҳилаи дуюм бо «...омӯзиши рақобати комил, бо таваҷҷӯҳи махсус ба сиёсати нархҳо ва омилҳои нархгузории ширкатҳои рақиб тавсиф карда шуда, аҳаммияти ин марҳила аз гузоштани асосҳои бунёдии назарияи рақобат, таҳлили ҳамаҷонибаи консепсияи рақобати комил иборат мебошад»[115]. Рушди ғояҳои иқтисоддонҳои ин марҳила тадриҷан ба омӯзиши рақобати номукаммал оварда мерасонад, ки дар доираи он на танҳо омилҳои нархӣ, балки омилҳои ғайринархӣ низ нақши калон мебозанд.

Дар робита бо гуфтаҳои боло бояд ишора кард, ки тадриҷан марҳилаи нави таҳаввули назарияи рақобат марҳилаи сеюм - марҳилаи рақобати монополӣ оғоз ёфт, ки аз солҳои 1870 то ҷанги дуюми ҷаҳонӣ давом кард. Рушди қувваҳои истеҳсолӣ дар ин марҳила зарурати рақобати истеҳсолот ва сармояро ба бор овард.

Намояндагони ин самт Ҷ.Б. Кларк[143], А.Маршалл[46], В.Парето[140], Д.В. Робинсон[56], Э.Чемберлин[70] ва дигарон дар омӯзиши таъсири рақобат ба раванди нархгузорӣ як қадам пеш гузошта диққати асосиро ба ташаккули сохторҳои монополӣ ва монополия равона намуданд. Аз ин рӯ, дар асарҳои бисёр олимон ба омӯзиши мушкилоти марбут ба микроиқтисодиёт диққати махсус дода мешавад. Мувофиқи онҳо, таносуби зарурии истеҳсолот ва нархҳои «дуруст» танҳо дар доираи бозори табиӣ метавонад афзоиш ёбад, ки дар он бояд дахлнопазирии моликияти хусусӣ ва риояи «қоидаҳои рақобат» кафолат дода шавад (ҷадвали 1.1.2.).

**Ҷадвали 1.1.2. - Марҳилаҳои рушди назарияи рақобат (марҳилаи рақобати монополистӣ)**

| Марҳила | Муаллифон ва манбаъ | Тавсифи рақобат |
|---|---|---|
| **Марҳилаи сеюм.** | Ҷон Бейтс Кларк [143] | «...Рақобат тавассути сармоя доимӣ ва умумӣ буда, мубориза густурдаро барои ба даст овардани чизҳои мушаххасе, ки ҳанӯз бояд пайдо шаванд, ифода мекунад»[143]. |

*Идомаи ҷадвали 1.1.2.*

| | | |
|---|---|---|
| Марҳилаи рақобати монополистӣ, ки аз солҳои 1870 оғоз ёфта, то ҷанги дуюми ҷаҳонӣ идома кард.<br><br>Рушди қувваҳои истеҳсолӣ дар ин марҳила зарурати рақобати истеҳсолот ва сармояро ба бор овард. | Алфред Маршалл [46] | «...Рақобатро аз мавқеи рафторӣ тафсир намуда, онро бо мубориза барои неъматҳои нодири иқтисодӣ алоқаманд сохт, ки дар натиҷа тақсимоти оптималии меҳнат ба даст оварда шуда, самаранокии иқтисодиёт таъмин карда шуд»[46]. |
| | Вилфредо Парето [140] | «...Дар шароити рақобати озод нархҳо тавре муқаррар карда мешаванд, ки ин ба ҳар як иштирокчии мубодила ҳадди аксар фоида меорад. Вақте ки иқтисодиёт ба рақобати комил наздик аст, дахолати давлат нолозим аст. Дар ҳолате, ки чунин муқарророт вуҷуд надорад, пас монеаҳои рақобатро бартараф кардан ё як қатор чораҳои азнавтақсимкунӣ (андозҳо, мустақиман муқаррар кардани нархҳо) заруранд»[140]. |
| | Джоан Вайоллет Робинсон [56] | «...Таъсири миқёс шароити рақобати озод (комил)-ро вайрон мекунад ва ба ширкатҳои калон имкон медиҳад, ки тавассути кам кардани хароҷот рақибонро мағлуб кунанд, истеҳсолотро мутамарказ гардонанд, то имкон пайдо кунанд, ки бозорро ба сегментҳои алоҳида тақсим намуда, нархҳоро вобаста аз вақт ва фазо тағйир диҳанд. Дар бозор, ҳар кадом рақиб бо назардошти молҳои худ мавқеи монополӣ доранд»[56]. |
| | Эдвард Чемберлин [70] | «...Назарияи рақобати монополистиро пешниҳод намуда, дар доираи он принсипҳои ҳамзистии низоми бозории рақобат ва монополияро баррасӣ кард. Ба ҷойи модели абстрактии «рақобати соф», модели рақобати монополистӣ»-ро тавсия намуд. «...Монополия ва рақобатро на ҳамчун падидаҳои мутақобила, балки ҳамчун равандҳои ба ҳам алоқаманд» баррасӣ намуда, иброз дошт, ки «...дар бозор ҳам унсурҳои рақобат ва ҳам монополия вуҷуд дошта метавонанд»[70]. |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда.*

Джон Бейтс Кларк чунин меҳисобад, ки «...тавассути сармоя доимӣ ва умумӣ арзёби гардида, рақобат муборизаи густурдаро барои ба даст овардани чизҳои мушаххасе, ки ҳанӯз бояд пайдо шаванд, ифода мекунад»[143]. Дар натиҷа, рақобат ба он оварда мерасонад, ки корхонаҳое, ки таҷҳизоти замонавӣ ва мақсади ба даст овардани фоидаро доранд, муддати тулонӣ дар бозор истодагарӣ карда метавонанд ва онҳое, ки ба ин кор қодир нестанд, мемиранд. Танҳо корхонаҳое, ки тамоми унсурҳои истеҳсолиро самаранок истифода мебаранд, метавонанд ба рақобат тоб оваранд.

Алфред Маршалл консепсияи нархи мувозинатро таҳия кард, ки натиҷа аз муборизаи рақобатии субъектҳои бозор мебошад. Рақобатро аз мавқеи рафторӣ тафсир намуда, Маршалл онро бо мубориза барои неъматҳои нодири иқтисодӣ алоқаманд сохт, ки дар натиҷа тақсимоти оптималии меҳнат ба даст оварда шуда, самаранокии иқтисодиёт таъмин карда мешавад. Олим иброз

медорад, ки «...рақобати озод чун институти махсуси ташкили тиҷорат баррасӣ гардида, шарти рақобати самаранок озодии моликияти хусусӣ ва соҳибкорӣ мебошад»[46, с.172]. Ақидаҳои Маршаллро вобаста ба «...пайдоиш ва инкишофи назарияи рақобат дар бозори соҳавӣ»[46] ҷонибдорӣ намуда, қайд мекунем, ки:

- аввалан, ӯ назарияи иқтисодиро бо тарафҳои амалии бизнес пайваст кард;

- сониян, ҳарчанд ӯ рақобатро омили муҳими танзими бозор меҳисобид, ба иҷро нашудани шартҳои алоҳидаи модели рақобати номукаммал диққати махсус зоҳир намудааст[105, с.51].

Вилфредо Парето муқаррароти муҳимтарини ин назарияро ироа намуда, мафҳуми манфиатнокии ҳадди аксари ҷамъиятиро (оптимуми Парето) таҳия кард ва зимнан тасдиқ намуд, ки «...танҳо дар шароити мувозинати дарозмуддат дар бозори рақобати мукаммал вазъи оптималии иқтисодиёт имконпазир аст»[140, с.35]. Парето диққатро ба «...ҳастӣ ё мавҷудияти бозорҳои монополизатсияшуда ё инҳисоргардида»[140] тамаркуз дод. Ӯ ҷонибдори ақидае аст, ки дар он вазъи оптималии иқтисодиёт бо мувозинати рақобатӣ алоқаманд аст. Дар шароити рақобати озод нархҳо тавре муқаррар карда мешаванд, ки ин ба ҳар як иштирокчии мубодила фоидаи максималӣ меорад. Вақте, ки иқтисодиёт ба рақобати комил наздик аст, дахолати давлат нолозим мемонад. Дар ҳолате, ки чунин муқаррарот вуҷуд надорад, пас монеаҳои рақобатро бартараф кардан ё як қатор чораҳои азнавтақсимкунӣ (андозҳо, мустақиман муқаррар кардани нархҳо) зарурият пайдо мекунанд.

Дар муқоиса бо Парето, Сраффа бар он назар аст, ки бо таъсири васеъшавии миқёси истеҳсолот, ширкатҳои калон бартариҳои иловагӣ ба даст меоранд ва татбиқи чунин бартариятҳо ба вайроншавии механизми рақобати тоза оварда, бо ин васила ба раванди нархгузорӣ таъсири мустақим мерасонад. Сраффа чунин мешуморад, ки «...бисёр камбудиҳои низоми иқтисодӣ ҳодисаҳои тасодуфӣ нестанд, балки аз ҷониби истеҳсолкунандагон қасдан сохта шудаанд, аз ин рӯ таҳлилро на аз рақобат, балки аз монополия оғоз

намудан беҳтар аст»[132, с.535]. Дар шароити рақобат, ки назарияи неоклассикӣ пешбинӣ кардааст, соҳа наметавонад дар ҳолати мувозинат қарор гирад, агар истеҳсоли маҳсулоти он аз афзоиши даромаднокӣ ва сарфаи беруна вобаста бошад. Бо сабаби таъсири микёс ва афзалиятҳои истеъмолкунандагон ба маҳсулоти ширкат дар натиҷаи баъзе фарқҳои хос (одат, ҷойгиршавии фурӯшанда, имконияти харид, қарз, хусусиятҳои бастабандӣ ва ғайра), бозорҳои молҳои монополияшуда ҳамчун як ҳолати маъмул ба вуҷуд меоянд.

Дар илми иқтисодӣ, ибтидои асри XX, усули статикии (тағйирнопазирӣ) таҳлили бозор шакл гирифт, ки дар доираи он рақобати комил ва монополия ҳамчун ду навъи комилан мухолифи сохтори бозорӣ баррасӣ шуда, имконияти мавҷудаи шакли гузариш ё мобайни байни онҳо вуҷуд надорад. Ҷоан Робинсон «...назарияи рақобати номукаммалро ба хилофи бозори дигар - рақобати мукаммал»[56] пешниҳод карда, кӯшиш ба харҷ дод, ки гусастагиро рафъ намояд. Фаъолнокии бисёрсамтаи рафтории ширкатҳоро эътироф намуда, ӯ таъкид мекунад, ки сабаб на танҳо рақобат ва монополия мебошад, чи хеле, ки то он вақт гумон мекарданд, балки вариантҳои гуногуни ҳокимияти бозорӣ - рақобат байни истеҳсолгари маҳсулоти тафриқавӣ ва маҳдудкунии нархӣ низ буда метавонад.

Ба ақидаи олими австриягӣ Йозеф Шумпетер, «...инноватсия чун омили асосии рушд ба тағйирёбии тарзҳои истеҳсолот ва фурӯши мол мусоидат мекунад»[156, с.159]. Ӯ чунин мешуморад, ки навоварӣ меҳвари рақобати навъи нав мебошад, ки дар муқоиса бо рақобати анъанавии нархӣ нисбатан самаранок аст. Ба гуфти Шумпетер, ҳар гуна навоварӣ вазъияти рақобати монополистиро ба вуҷуд меоварад. Механизмеро, ки иқтисодиётро аз ҳамаи чизҳои куҳнашуда озод мекунад, «тахриби созанда» номидааст. Инчунин, раванди рақобат ба кашфи манбаи нави ашёи хом, моли нав, технологияи нав ё намуди нави ташкилот мусоидат менамояд.

Ақидаи Й.А. Шумпетерро ҷонибдорӣ намуда таъкид мекунем, ки дар соҳа танҳо монополист имкони амалӣ гардонидани инвеститсияҳои калон, ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва паст кардани хароҷоти истеҳсолотро дорад, ки

боиси боздеҳи афзуншавандаи омилҳои истеҳсолот мегардад. Монополия гӯё норасоиҳои ширкатҳои рақобати холисро, ки барои дигар намудҳои сохторҳои бозорӣ эталон (намуна) ҳисоб мешавад, ислоҳ менамояд. Вале, монополистҳо дар бозори молҳои истеъмолӣ барои амалӣ гардонидани инвеститсияҳои калон ангеза (хоҳиш) надоранд, зеро муҳити манфии инвеститсионӣ, номуайянӣ ва хавфҳои калон мавҷуданд.

Н.Ю. Круглова ба он ақида аст, ки «...бозори намудҳои алоҳидаи маҳсулот дар бахши истеъмолии мамлакатҳои мутараққӣ асосан олигополистӣ мебошанд, зеро якчанд гурӯҳҳои таҳвилгарон дар низом то 70-80 фоизи маҳсулотро истеҳсол мекунанд ва мефурӯшанд. Айни замон ду намуди олигополияро фарқ мекунанд: «олигополияи қатъӣ», вақте ки се гурӯҳи монополист вазни қиёсии асосии маҳсулоти истеҳсолшавандаро дар ихтиёр доранд ва «олигополияи норавшан ё номуайян», вақте ки 70-80 фоизи маҳсулот аз ҳисоби 4-7 таҳвилгари калон истеҳсол ва фурӯхта мешавад»[42, с.219]. Олигополия тобишҳои сершумор дорад, ки вобаста аз меъёри фаъолияти олигополӣ дар давраҳои дарозмӯҳлат ва кӯтоҳмӯҳлат, инчунин сатҳҳои шиддатнокии рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ чун олигополияи оддӣ ва мураккаб фарқ мекунанд. Бо назардошти ин, «...фаъолияти субъектҳои бозори молҳои истеъмолӣ ба истифодаи иқтидор дар давраи кӯтоҳмуддат нигаронида шудаанд ва дар ин навъи олигополия нарх, аниқтараш болоравии нарх тағйирёбандаи асосӣ мебошад. Иқтидори иқтисодии бозори истеъмолӣ асосан дар солҳои фаъолияти давлати унитарӣ ба вуҷуд оварда шудааст, ки дар давраи ташаккули иқтисоди бозоргонӣ дар мамлакат назаррас хароб гардиданд»[88, с.35, 36].

Омилҳои зерини олигополистӣ ва маъмурӣ садди роҳи вуруд ба бозори молҳои истеъмолӣ ба ҳисоб меравaçanд: нархҳои ба ҳам зич алоқаманд, мамнуиятҳо, фишор ба таҳвилгарон ва истеъмолкунандагон, фоизи баланди бонкҳои тиҷоратӣ барои ҷудо кардани қарз ва фишорҳои мухталифи бюрократӣ.

Барои ворид шудан ба бозори молҳои истеъмолӣ бозигарони нав бояд захираҳои муайянро дар намуди хароҷоти истеҳсолот сарф кунанд. Хароҷоти ибтидоии вуруд хеле баланд аст, дар шароити фоидаи паст ва харҷи зиёд ба воҳиди маҳсулот вуруд ба соҳа ҳавасмандгардониро боз медорад. Аз ин рӯ, воридшавии сармоя ба бозори соҳавӣ ҳадди ақалро ташкил мекунад.

Ба назар гирифтан лозим аст, ки «...ҳангоми олигополияи одӣ ташаккули нарх ва ҳаҷми таҳвили маҳсулот дар шароити таъсири сахти таҳвилгарони калони алоҳида сурат мегирад. Сатҳи хароҷоти истеҳсолот ба воҳиди маҳсулот ба қадри кофӣ баланд аст ва сабаби ин ҳодиса аз бисёр ҷиҳат дар он ниҳон аст, ки пешсафони нархгузорӣ таҳвилгарони калон - монополистҳо мебошанд. Пас, дар ин ҷо мавқеи асосиро усули хароҷот ҷамъ, аниқтараш хароҷот ҷамъи илованарх ишғол мекунад. Пешсафи амиқи ҳалли ин масъала дар бозори соҳавӣ вуҷуд надорад, иттиҳодияи таҳвилгарон - монополистоне ҳастанд, ки байни ҳам забон як кардаанд»[84, с.83, 84].

Марҳилаи чаҳоруми рушди рақобат марҳилаи рақобати муосир мебошад, ки тақрибан пас аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ оғоз ёфта, то имрӯз идома дорад. Ин марҳила бо он тавсиф мешавад, ки рақобат на танҳо ба монополия роҳ надод, балки бо неруи пурқувват эҳё шуд (ҷадвали 1.1.3.).

**Ҷадвали 1.1.3. - Марҳилаҳои рушди назарияи рақобат (марҳилаи рақобати муосир)**

| Марҳила | Муаллифон ва манбаъ | Тавсифи рақобат |
|---|---|---|
| **Марҳилаи чаҳорум.** Марҳилаи рақобати муосир, ки тақрибан пас аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ оғоз ёфта, то имрӯз идома дорад. | Ҷон Морис Кларк [141, с.53] | «...Рақобат ин мубориза дар фурӯши молҳо мебошад, ки дар он ҳар як фурӯшанда кӯшиш мекунад, ки даромади холисро дар шароити ба он мувофиқ ба ҳадди аксар расонад»[141, с.53]. |
| | Фридрих Хайек [102] | Рақобатро на ҳамчун стратегияи ҳамкории ширкатҳо дар бозор, балки ҳамчун қувваи пешбарандаи ҳаёти иқтисодӣ баррасӣ намуд. «...Рақобат як навъ сохтори дохилӣ ва такягоҳи иқтисод аст»[102]. |
| | Майкл Портер [51] | «...Рақобати стратегӣ маънои интихоби роҳеро дорад, ки аз роҳи дигарон фарққунанда аст». Сохтори рақобатии соҳаро таҳлил намуда, дар асоси он «панҷ қувваи асосии бозор»-ро муайян намуда, «...стратегияи рафтори рақобатии ширкат»-ро дар соҳа ҷудо мекунад[51]. |

*Идомаи ҷадвали 1.1.3.*

| | | |
|---|---|---|
| | Фатхутдинов Раис Ахметович [65] | Рақобатро «...чун раванди идоракунии субъект бо афзалиятҳои рақобатии худ дар бозори мушаххас барои ғолибият ё ба даст овардани ҳадафҳои дигар дар мубориза бо рақибон барои қонеъ кардани ниёзҳои объективӣ ва субъективӣ дар доираи қонунгузорӣ ё дар шароити табиӣ» муайян намуд[65]. |
| | Азоев Геннадий Лазаревич [23] | «...Рақобатро чун падида маънидод намуда, объекти таҳқиқоташ омӯзиши омилҳои рушди рақобат ва муайян кардани намудҳои афзалиятҳои рақобатӣ мебошад»[23]. |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда.*

Ҷон Морис Кларк иқтисоддони барҷастаи амрикоӣ, ки бо таҳқиқоти худ дар соҳаи макроиқтисод ва сармоягузорӣ машҳур буда, дар баробари дигар дастовардҳои илмӣ консепсияи рақобати комилро танқид намуда ба пайдоиши назарияи «рақобати солим» асос гузошт. Ба ақидаи муаллиф, «...дараҷаи таъсири рақобат аз он муайян карда мешавад, ки то чӣ андоза зуд ва дар кадом ҳаҷм равандҳои тавлид, нобуд ва барқарор кардани фоида дар соҳа ба амал меоянд»[141, с.53].

Бо назардошти таҳқиқоти Кларк хулоса намуда, ибрози ақида мекунем, ки рақобат ин мубориза дар фурӯши молҳо байни фурӯшандаҳо мебошад, ки ҳар як фурӯшанда кӯшиш мекунад даромади холисро бо чунин шартҳо ба ҳадди аксар расонад:

- якум, имкониятҳои тағйир додани нарх аз ҷониби ҳар як фурӯшанда ба таври самаранок ба рафтори харидорон таъсир расонида, интихоби озоди онҳоро ҳангоми қабули қарор оид ба харид муайян менамояд;

- дуюм, кӯшишҳои ҳар як фурӯшанда барои баробар кардани мавқеъ ё бартарии ҷолибияти мол, дар муқоиса бо пешниҳодҳои рақибон дар бозор нигаронида мешавад.

Инчунин, ба инкишофи назарияи рақобат ва рақобат дар бозор Майкл Портер саҳми арзанда гузоштааст. Ӯ мафҳуми стратегияи рақобатиро ворид месозад ва қайд мекунад, ки «...коркарди стратегияи рақобатӣ моҳиятан ҷустуҷӯйи тасвияи аниқи оне мебошад, ки корхона чӣ тавр рақобатро пеш мебарад, мақсадҳои он чӣ хел бояд бошанд, барои ноил гардидан ба ин мақсадҳо кадом воситаҳою амалҳо зарур мешаванд»[52]. Модели панҷ неруи

рақобати олим, яъне «...панҷ қувваи рақобатӣ: таҳдиди воридшавии иштирокчиёни нав ба бозор, хавфи пайдо шудани ивазкунандаҳо, ҳокимияти бозории харидорон, қудрати бозории таҳвилгарон ва рақобат байни рақибони амалкунанда»[52, с.40] он нуктаро инъикос мекунанд, ки рақобат дар соҳа аз доираи бозигарони амалкунанда назаррас берун мебарояд. Истеъмолгарон, таҳвилгарон, ивазкунандаҳо, иштирокдорони эҳтимолӣ - ҳамаи инҳо барои ширкатҳои соҳа «рақибоне» мебошанд, ки вобаста аз шароитҳои мушаххас каму беш таъсирбахш буда метавонанд. Рақобат дар мазмуни умумӣ метавонад ҳамчун мусобиқаи васеъ муайян карда шавад.

Дар баробари дигар олимони хориҷӣ, олимони рус низ доир ба масъалаҳои назарияи рақобат фаъолона таҳқиқот бурдаанд. Яке аз намояндагони мактаби рақобати рус, Р.А. Фатхутдинов таъкид ба он дорад, ки «...рақобат ин раванди идоракунии субъект бо афзалиятҳои рақобатии худ дар бозори мушаххас (ё ҳудуд) барои ғолибият ё ба даст овардани ҳадафҳои дигар дар мубориза бо рақибон барои қонеъ кардани ниёзҳои объективӣ ва субъективӣ дар доираи қонунгузорӣ ё дар шароити табиӣ мебошад»[65, с.30; 91, с.578]. Ӯ рақобатро чун раванди идоракунии субъект аз бартариҳои рақобатӣ баррасӣ ва муайян намуда, онро тавассути таҳқиқи хусусиятҳои комплексии объектҳои хоҷагидорӣ таҳлил мекунад. Аз ҷумла, С.В. Кравтсевич ишора менамояд, ки «...дар ин ҳолат, рафтори рақобатии субъектҳои хоҷагидорӣ бо қобилияти стратегии рақобатпазирии объектҳои хоҷагидорӣ ё хоҳиши соҳибони он бо нишонаи бартарии рақобатӣ муайян карда мешавад»[91].

Олими дигари рус, Г.Л. Азоев рақобатро чун падида маънидод намуда, объекти таҳқиқоташ омӯзиши «омилҳои рушди рақобат ва муайян кардани намудҳои афзалиятҳои рақобатӣ...»[23, с.41]-ро дар бар мегирад.

Инчунин, муаллиф тафсири иқтисоддони рус Н.М. Розановаро ҷудо мекунад, ки ба мафҳуми рақобат чунин таъриф медиҳад: «...рақобат ин мусобиқа дар соҳаи алоҳида байни субъектони мушаххасе мебошад, ки ҳадафи дар шароити барои онҳо мусоид ба ҳадди аксар расонидани фоида, зиёд

кардани ҳиссаи бозори фурӯш ва ба даст овардани захираҳоро дар бозор доранд»[57].

Ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ дар бозорҳо рақобатро тезутунд карда, на танҳо ба афзоиши монополизатсияи онҳо, балки ба истифодаи усулҳои рақобати номукаммал, мусобиқаи ноодилона, афзалиятҳои мавқеъи монополӣ ва қудратмандӣ мусоидат менамояд. Дар ин ҳолат, «...рақобат чун механизме баромад мекунад, ки низоми иқтисоди бозориро ба ҳаракат даровarда, мубoризаи агентҳои бозориро барои шароити манфиатовари гузоштани сармоя ба соҳаи истеҳсолот, савдо ва хизматрасонӣ ҷоннок менамояд, инчунин мустаҳкам намудани мавқеашонро дар бозор водор месозад»[85, с.169]. Айни замон, асосҳои рақобатро хароб намуда, монополия аз рӯйи принсипи «тахрибаи созанда», яъне инкишоф додани шарикии монополия ва агентҳои рақобатӣ амал мекунад.

Марҳилаи панҷуми рушди рақобат. «...Марҳилаи «навтарин» - ин моделҳои мураккабтари истифодаи инноватсияҳо дар мубoризаи рақобатӣ (ба қадри имкон «аз дигарон фарқ кардан»); рақобати муштарак - баромадани рақобат ба сатҳи дигар (рақобат дар тамоми занҷири истеҳсоли мол, ҳамкорӣ бо рақибон, ташаккули кластерҳо, сиёсати саноатикунонии давлатӣ)»[138]. Тағйироти навбатии назарраси рушди назарияи рақобат дар даҳсолаҳои охир дар он аст, ки рақобат аз доираи рақобат байни корхонаҳо берун рафта дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт маркази рақобат аз сатҳи соҳавӣ ба сатҳи байнисоҳавӣ мегузарад. Дар иқтисодиёти муосир як падидаи нав пайдо шуд - ҳамкорӣ байни рақибон ё рақобати муштарак.

Асосгузорони консепсияи «рақобати муштарак» А.Бранденбургер ва Б.Нейлбафф буда, ба ақидаи онҳо «...ин консепсия пайвастшавии мафҳумҳои қаблан алтернативии рақобат ва ҳамкориро дар назар дорад. Ҳамкории рақобатӣ байни субъектҳои хоҷагидор имкон медиҳад, ки на барои рақобат (реклама, маркетинг ва ғайра), балки барои эҷоди маҳсулоти нав (технология) сармоягузорӣ карда шавад, ки дар натиҷа ба афзоиши арзиш барои истеъмолкунанда мусоидат мекунад»[130; 151]. Ҳадафи асосӣ, муттаҳид

кардани захираҳо барои ноил шудан ба мавқеи қавии рақобат дар бозорҳо мебошад (ҷадвали 1.1.4.).

**Ҷадвали 1.1.4. - Марҳилаҳои рушди назарияи рақобат (марҳилаи «навтарин» - баромади рақобат ба сатҳи дигар)**

| Марҳила | Муаллифон ва манбаъ | Тавсифи рақобат |
|---|---|---|
| **Марҳилаи панҷум.** Марҳилаи “ навтарин” - моделҳои мураккабтари истифодаи инноватсияҳо дар муборизаи рақобатӣ (ба қадри имкон “ аз дигарон фарқ кардан” ); баромади рақобат ба сатҳи дигар (рақобат дар тамоми занҷири истеҳсоли мол, ҳамкорӣ бо рақибон, ташаккули кластерҳо, сиёсати саноатикунонии давлатӣ) | Адам Бранденбургер ва Барри Нейлбафф [130] | Консепсияи «рақобати муштарак»-ро пешниҳод карданд, ки «...пайвастшавии мафҳумҳои қаблан алтернативии рақобат ва ҳамкориро инъикос намуд»[130]. Ҳадафи асосӣ муттаҳид кардани захираҳо барои ноил шудан ба мавқеи қавии рақобат дар бозор мебошад. |
| | Манфред Брун [76] | Истилоҳи нави «гиперрақобат»-ро ҷорӣ кард, ки онро чун рақобати бисёрҷанба, динамикӣ ва фаъол фаҳмидан мумкин аст. Чунин рақобат «...марзҳои соҳавии бозорро вайрон намуда, ба ҳамгироии соҳаҳо тавассути ташаккули кластерҳо, паҳншавии босуръати иттилоот, танзими бозорҳо, вуруди қувваи корӣ»[76, с.104, 109] мусоидат мекунад. |
| | Алфред Адлер [136] | Консепсияи «маркетинги (симбиотикӣ) шарикӣ»-ро пешниҳод кард, ки мувофиқи он «...муттаҳид кардани ду ва ё зиёда ташкилотҳои мустақил ба коҳиши хароҷоти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ мусоидат мекунад ва иқтидори рақобатпазирии онҳоро баланд менамояд»[136, с.59, 71]. |
| | Д. Тапскотт ва Э. Уилямс Генри Чесбро [60] | «...Ширкатҳои хурд дар асоси принсипҳои ҳамкории оммавӣ ва идеологияи «навоварии кушода» маҳсулоте эҷод мекунанд, ки ба онҳо имкон медиҳанд, тавассути воситаҳои камхарҷи ҳамкорӣ ба бозорҳои нав ворид шаванд. Муҳофизати навгониҳо аз нусхабардорӣ лозим нест. Идеяи асосӣ, суръати таҳия ва ҷорӣ кардани навовариҳо мебошад»[60]. |
| | Клейтон Кристенсен [43] | Модели «навовариҳои инқилобӣ»-ро таҳия кард. Тибқи ин модел, «...рушди технологияҳои нав боиси пайдоиши молҳои нав бо хосиятҳое мегардад, ки рақобатпазирии молҳои кӯҳнаро комилан коҳиш медиҳад»[43]. |
| | Джеймс Ф. Мур [138] | «...Муҳити соҳибкорӣ бо муҳити табиати зинда (экосистема) ҳамрадиф аст, ки дар он на танҳо мубориза, балки робита ва ҳамкорӣ низ ба амал меояд»[138, с.112]. |
| | Юданов Андрей Юрьевич [75] | «...Рақобати бозорӣ ин мубориза барои миқдори маҳдуди талаботи пардохтпазирии истеъмолкунандагон, ки аз ҷониби ширкатҳо дар сегментҳои бозори ба онҳо дастрас гузаронида мешавад. Бунёди кластерҳои нав рақобатпазириро афзун мекунад. Рақобатпазирии баланд маҳз дар мавқеъҳои қавии кластерҳои алоҳида нигоҳ дошта мешавад»[75]. |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда.*

Профессори донишгоҳи Базел Манфред Брун истилоҳи «гиперрақобат»-ро чун «...рақобати бисёрҷанба, динамикӣ ва фаъол, ки бо фишори омилҳои рақобатии қаблан аз ҳам ҷудошуда вобаста аст»[76, с.104, 109], шарҳ додааст. Чунин рақобат «...марзҳои соҳавии бозорро вайрон намуда, бо ҳамгироии соҳаҳо тавассути ташаккули кластерҳо, паҳншавии босуръати иттилоот, танзими бозорҳо, вуруди қувваи корӣ аз берун мусоидат мекунад»[113, с.25]. Бояд таъкид кард, ки хусусияти асосии иқтисодиёти навини рақамӣ дар гиперрақобат ифода ёфта, дар чунин шароит, рақобат на танҳо шадидтар, балки сахттар ва интелектуалӣ (зеҳнталаб) мегардад.

Бозори истеъмолӣ дар натиҷаи навовариҳои рақамӣ тағйирёбии илмиро аз сар гузаронида, бо ин васила ба дигаргунсозии табиати рақобат низ асос шуда истодааст. Дар чунин шароит, рақобат бештар ба дарёфти роҳҳои нави ҳамкорӣ ва кооператсия майл пайдо мекунад.

Дар шароити муосир, рушди минбаъдаи назарияи рақобат муҳаққиқонро ба он водор кард, ки он ду ҷониб дорад: рақобат ва ҳамкорӣ (кооператсия). Дар ин маврид, В.С. Осипов таъкид мекунад «...ҳамкории рақобатӣ равандест, ки дар он иштирокчиёни мустақили сохторҳои шабакавӣ тавассути қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ҳамкорӣ карда, арзиши иловагии иловашударо якҷоя эҷод мекунанд ва дар бораи тақсимоти он бо шартҳои мутақобилан судманд ба мувофиқа меоянд»[122, с.4]. Чунин мавқеъ дар доираи шакли пешрафтаи сохторҳои шабакавӣ-кластерҳо имконпазир буда соҳаи таҳқиқшавандаи мо чунин сохторҳои шабакавиро надорад. Муаллиф қайд мекунад, ки «...сохторҳои мураккаб дар асоси шаклҳои одӣ, дар зинаҳои поёнии рушд пайдо мешаванд ва дар ҳолати мо, шакли аввали рақобатро «ҳамкории рақобатӣ» ва шакли дуввумро «кумаки мутақобилаи рақобатӣ» номидан мумкин аст. Муносибати кооператсия дар ин ҷо дар шакли ҳамкорӣ ва кумаки мутақобила баромад намуда, дар ин асос сегона ба вуҷуд меояд: монополия-рақобат-кооператсия»[122].

Аз нуқтаи назари олими рус А.Ю. Юданов бармеояд, ки «...агар манфиатҳои шахсӣ ба иштирокчиёни равандҳои хоҷагидорӣ ҳавасмандии қавӣ

диҳанд, пас рақобат фаъолияти онҳоро ба самти мусоиди тамоми ҷомеа равона мекунад»[72, с.19]. Зеро, дар он касе ғолиб меояд, ки манфиатҳои истеъмолкунандагонро бештару беҳтар қонеъ мекунад. Рақобати бозорӣ ин мубориза барои миқдори маҳдуди талаботи пардохтпазирии истеъмолкунандагон, ки аз ҷониби ширкатҳо дар сегментҳои бозори ба онҳо дастрас гузаронида мешавад. Дар таҳқиқот назари олим тасдиқ карда шуда, мавқеи ӯ асоснок арзёбӣ мегардад: «...Барои тамоми иқтисоди миллӣ, кластерҳо нақши нуқтаҳои рушди бозори дохилӣ ва пойгоҳи тавсеаи байналмилалиро иҷро мекунанд. Бунёди кластерҳои нав рақобатпазирии байналмилалии кишварро афзун мекунад. Рақобатпазирии баланди кишвар маҳз дар мавқеъҳои қавии кластерҳои алоҳида нигоҳ дошта мешавад»[91].

Аз нигоҳи иқтисоддонӣ тоҷик, доктори илмҳои иқтисод, профессор, Абдуғаффор Рауфӣ «...рақобат ин мубориза барои гирифтани фоида, ишғоли ҷойе, коре, натиҷаи истеҳсоли маҳсулот ва ё хизматрасоние, мақоме мебошад, ки бо роҳи пешниҳод кардани натиҷаи бартаридошта назар ба дигар рақибон ба ғолибият муяссар шуда метавонад»[149, с.49, 53]. Дар ин ҳолат рақобат ва муборизаи рақобатӣ дар байни соҳибкорон чунин шакл мегирад:

- рақобат оид ба натиҷагирии фаъолияти соҳаи истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ;
- рақобат оид ба намуди муайяни маҳсулоту кор ва ҳаҷми кор;
- рақобат оид ба ишғоли ҷойи муайян дар бозор;
- рақобат оид ба хусусияти истеъмолии маҳсулоту хизматрасонӣ, хизматрасонӣ ҳангоми фурӯш ва хизматрасонии баъди фурӯш, нархи фурӯш ва ба монанди инҳо шуда метавонанд.

Дар ин васила, гузариш ба рақобатпазирии соҳибкорӣ яке аз вазифаҳои муҳимми таъмини тараққиёти инноватсионии иқтисоди бозорӣ мебошад, зеро соҳибкорӣ чун қисми таркибии иқтисодиёт мансуб меёбад. Тараққиёти иқтисоди бозории муосир талаб мекунад, ки соҳибкорон дар ҳамаи соҳаҳои фаъолият, аз ҷумла соҳибкорони истеҳсолӣ натиҷаҳои рақобатпазирро пешниҳод карда тавонанд.

А.Рауфӣ таъкид мекунад, ки «...соҳибкорони истеҳсолии маҳаллӣ фаъолияти иқтисодии берунаи худро васеъ карда, барои ҷалб намудани сармояи хориҷӣ бо мақсади истеҳсол кардани маҳсулоти нави рақобатпазир бо онҳо якҷоя корхонаҳои муштарак бунёд мекунанд ва барои ташкил кардани шароит бо мақсади таъмини рақобатпазирии соҳибкорони ватанӣ дигаргунсозиҳои инноватсионӣ заруранд»[149, с.49]. Нуктаҳои асосии зикрнамудаи профессор Рауфиро ҷонибдорӣ намуда, қайд мекунем, ки иҷрои пурра ва дурусти шартҳои ташаккули муносибатҳои бозории соҳибкорони рақобатпазир аз сатҳи омодагии иштирокчиёни бозор вобаста аст.

Бинобар ин, амали самараноки муносибатҳои бозории соҳибкорони рақобатпазир тадбирҳои муташаккилро талаб мекунад. Дар акси ҳол, «...унсурҳои бозор аз ҷониби як қисми алоҳидаи одамон дар ҷомеа, ки манфиатҳои шахсии онҳо нисбат ба манфиатҳои ҷамъиятӣ болотаранд, метавонанд барои мақсадҳои худхоҳона истифода шаванд»[151], ва натиҷаи он бетартибӣ ва нофаҳмиҳоро дар бозор ба амал оварда метавонанд. Аз ин рӯ, олим тасдиқ мекунад, ки пеш аз ҳама, «...баланд бардоштани сатҳи маърифати аъзоёни ҷомеъа ва дониши иқтисодии онҳо, ки дар шароити бозор лозим аст, зарур мебошад. Рақобатро ҳамчун муносибатҳои иқтисодӣ шуморида, олим қайд мекунад, ки чун шарти муҳимми фаъолияти самараноки бозори молҳои истеъмолӣ баромад намуда, ба рушди он заминаи мусоид фароҳам меоварад»[115]. Дар ин бобат профессор Қ.Х. Хушвахтзода чунин мешуморад, ки «...асоси табиати иқтисодии рақобат озодии иқтисодӣ, баробарии субъектҳои хоҷагидор дар рақобати бозори маҳсулот, молҳо, хидматҳо, натиҷаҳои фурӯш ва фоида мебошад»[110, с.8]. Аммо, муносибатҳои иқтисодӣ асосан аз нақши танзимкунандаи давлат вобастаанд, аз ин рӯ, дар ташаккули рақобат давлат, қонунҳои он бояд нақши ҳалкунанда дошта бошанд.

Шарифзода М.М. рақобатро чун «...кувваи пешбарандаи муносибатҳои иқтисодӣ»[74] мешуморад, ки субъектҳои бозор тавассути он метавонанд ба муборизаи шадид дар бозорҳои гуногун тоб оранд. Аз ин нуқтаи назар, агар механизми бозор талабот ва пешниҳодро танзим намояд, «...рақобат корхонаро маҷбур мекунад, ки талаботи истеъмолкунандагонро ба таври назаррас қонеъ гардонида, ба паст шудани нархи хизматрасонӣ, истеҳсоли маҳсулот ва корҳои

анҷомдодашуда мусоидат намояд»[97, с.150, 155]. Рақобат корхонаҳоро маҷбур месозад, ки навовариҳоро зуд ва чандир қабул намоянд, усулҳои пешрафтаи ташкили истеҳсолотро истифода баранд ва сифати маҳсулоти истеҳсолшударо беҳтар кунанд. Аз ин рӯ, дар шароити кунунӣ рақобат ва муҳорибаи рақобатӣ омилҳои асосии ташаккули низоми бозор ба ҳисоб мераванд.

Дар асоси далелҳои илмӣ метавон изҳор кард, ки таҳқиқи назарияи рақобат мувофиқи нуқтаи назари муосири илмӣ ду самти методологии рушди онро баррасӣ мекунад. Олимони самти аввал муносибати диалектикӣ-идеалистиро ба таҳлили рақобат пеша карда бошанд, муҳаққиқони самти дуюм ба таҳлили рақобат муносибати диалектикӣ-материалистӣ доранд. Ҷонибдорони самти аввал, рақобатро ҳамчун маҷмуи муносибатҳои рақобатӣ, ки дар шароити фаъолияти бозор ҷараён доранд, баррасӣ намоянд, дуюмин рақобатро чун маҷмуи шароитҳое мешуморанд, ки дар онҳо равандҳои бозорӣ ҷараён доранд. Дар раванди муносибати диалектикӣ-идеалистӣ моҳияти рақобат тавассути мафҳуми бартарии рақобатӣ ифода карда шавад, дар муносибати диалектикӣ-материалистӣ моҳияти рақобат тавассути мафҳуми рақобатпазирӣ ошкор карда мешавад. Дар ин ҷода, аз ҷониби муаллиф саҳми мактаби ватанӣ дар рушди назарияи рақобат низ муайян карда шудааст (ҷадвали 1.1.5.).

**Ҷадвали 1.1.5. - Рушди назарияи рақобат дар давраи истиқлоли миллӣ (марҳилаи рақобати муосир ва марҳилаи «навтарин»)**

| Муаллифон ва манбаъ | Тавсифи рақобат |
|---|---|
| **Марҳилаи «навтарин» - баромади рақобат ба сатҳи дигар. Рушди назарияи рақобат дар давраи истиқлоли миллӣ** | |
| Рауфӣ Абдуғаффор [54; 93; 149] | «Рақобат ин мубориза барои гирифтани фоида, ишғоли ҷойе, коре, натиҷаи истеҳсоли маҳсулот ва ё хизматрасоние, мақоме мебошад, ки бо роҳи пешниҳод кардани натиҷаи бартаридошта назар ба дигар рақибон ба ғолибият муяссар шуда метавонад. Дар ин ҳолат рақобат ва муборизаи рақобатӣ дар байни соҳибкорон оид ба натиҷагирии фаъолияти соҳаи истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ, намуди муайяни маҳсулоту кор, ҳаҷми кор, ишғоли ҷойи муайян дар бозор, хусусиятҳои истеъмолии маҳсулоту хизматрасонӣ, хизматрасонӣ ҳангоми фурӯш ва хизматрасонии баъди фурӯш, нархи фурӯш ва ба монанди инҳо шуда метавонанд...»[54; 93; 149]. |

*Идомаи ҷадвали 1.1.5.*

| | |
|---|---|
| Раҳимов Абдулатиф Маҷидович [123] | «...Рақобат ин қобилият доир ба бунёд ва истифодаи афзалиятҳои рақобатӣ барои нигоҳдорӣ ва ё беҳтарсозии мавқеи худ дар бозор мебошад»[123]. |
| Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт [110] | Рақобатро чун муносибатҳои иқтисодӣ мешуморад, ки ҳамчун шарти фаъолияти самараноки бозор, барои рушди он заминаи мусоид фароҳам меоранд. «...Асоси табиати иқтисодии рақобат озодии иқтисодӣ, баробарии субъектҳои хоҷагидор дар рақобат дар бозори маҳсулот, молҳо, хидматҳо, натиҷаҳои фурӯш ва фоида мебошад»[115]. |
| Шарифзода Мумин Машокир [71] | «...Рақобат қувваи пешбарандаи муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, ки субъектҳои бозор тавассути он метавонанд ба мубориза шадид дар бозорҳои гуногун тоб оваранд»[71]. |
| Улмасов Фарходҷон Махмуҷонович [125] | «...Рақобатпазирии... ин нишондиҳандаҳои маҷмӯии самаранокии идоракунӣ дар корхона буда имконияти саривақт пешниҳод намудани миқдори зарурии молҳоро ба бозор, ки ба афзалиятҳои харидорон нисбат ба молҳои рақиб ҷавобгӯ мебошанд, инъикос мекунад»[125]. |
| Акимов Саидҷон Муродмадович [108] | «...Рақобат ҳамчун категорияи иқтисодӣ, ки муносибатҳои истеҳсолкунандагонро вобаста ба амалигардонии манфиату ҳадафҳояшон дар шароити муборизаҳои шадиди бозории агентҳои сершумори иқтисодӣ ва муҳиту қоидаҳои ягона барои ҳамаи онҳо ифода мекунад, баррасӣ шудааст»[108]. |
| Ҷураев Меҳроҷ Бобоқулович [127] | «...Рақобатпазирӣ ин қобилияти маҷмӯавии мусоиди истеҳсолӣ, молиявӣ ва содиротии минтақа буда, дар сатҳи баланди фаъолнокии иқтисодӣ, ҷозибияти инвеститсионӣ, некӯаҳволии шоистаи аҳолӣ, самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, табиӣ, сармоявӣ инъикос ёфта, ҷараёни истеҳсолот ба талаботи ҳам бозори дохилӣ ва ҳам бозори беруна ҷавобгӯ мебошад»[127]. |
| Валиев Зафар Ҷурахонович [112] | «...Рақобати иқтисодӣ ин системаи муносибатҳои махсуси иқтисодии байни субъектҳои хоҷагидорӣ оид ба ташаккул ва татбиқи афзалиятҳо дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулот дар асоси кам кардани хароҷотҳои инфиродӣ ва баланд бардоштани арзиши муовизии маҳсулот ва дар натиҷаи ин ноил гаштан ба меъёрҳои самаранокии бозор мебошад»[112]. |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда.*

Тадқиқи истилоҳоти илмӣ имконият медиҳад, ки таърифи илмии рақобат пешниҳод карда шавад. Зери мафҳуми рақобат ҳаракатдиҳандаи низоми иқтисоди бозорӣ фаҳмида шуда, он муносибати иштирокчиёни бозорро барои шароити манфиатовар дар соҳа муайян мекунад ва барои устувор гардидани мақеи онҳо дар бозор мусоидат менамояд.

Рақобат падидаест чун харобкунанда дар як ҳолат ва дар дигар созанда, қувваест парокандакунанда ва муттаҳидсозанда дар роҳи муваффақ шудан ба ҳадаф, ҳариф ва ё ҳамкор дар истифодаи самараноки захираҳо, инкоркунандаи кӯҳна ва эътирофкунандаи навҷорисозӣ дар муносибат ба истеъмолкунанда,

рақибӣ ва ё шарикӣ дар роҳи ҷавоб гуфтан ба муҳити тағйирёбандаи бозори рақобатӣ арзёбӣ мегардад.

Дар доираи ин зербоб, бо мақсади муайян кардани хусусиятҳои моҳияти рақобат, муаллиф муқаррароти асосӣ ва самтҳои афкори иқтисодиро, ки ба ташаккул ва рушди назарияи рақобат таъсири калон расондаанд, ошкор намуд.

Бо назардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ, дар таҳқиқи падидаи рақобат тағйирот дар самт ва афзалиятҳои илмӣ ба амал омаданд, ки дар мадди аввал вазифаҳои муайян, аз ҷумла: таҳлили афзалиятҳои рақобатӣ, ба мавқеи пешсаф баромадан, ташаккули стратегияҳои пешсафӣ аз рақибон ва ворид шудан ба бозорҳои нав, қарор гирифтаанд.

Муаллиф инчунин панҷ марҳилаи ташаккули назарияи рақобатро муайян кардааст:

- **марҳилаи аввали рушди рақобат** – марҳилаи рақобати пеш аз капиталистӣ. Рақобат байни истеҳсолкунандагони мол барои шароити мусоиди истеҳсол ва фурӯши мол бо мақсади ба даст овардани даромади бештар сурат мегирад. Рақобат ҳамчун раванд бо хусусиятҳои номунтазамӣ ва ғайрипешбинишаванда тавсиф мегардад. Дараҷаи шиддатнокии он байни субъектҳои муносибатҳои бозорӣ зери таъсири тағйирёбии нархҳои молу хизматрасониҳо, инчунин маҷмуи омилҳои дигари бозорӣ қарор мегирад;
- **марҳилаи дуюми рушди рақобат** – марҳилаи бартарии рақобати комил. Муқаррароти назариявии мукаммал доир ба механизми рақобат тавлид шуд. Рақобат бо инкишофи ҳамаҷонибаи муносибатҳои капиталистӣ дар робитаи мустақим қарор дошта, дар чунин низом доираи он танҳо ба бозори мол маҳдуд нагардида, тамоми унсурҳои асосии истеҳсолоти ҷамъиятиро фаро мегирад. Дар сатҳи таҳлили назариявии иқтисодӣ, модели рақобати комил ҳамчун шакли идеалии низоми бозорӣ баррасӣ гардида, дар доираи он хусусиятҳои асосии бозор ба таври мукаммал муайян карда шудаанд. Дар ҳамин замина, дуршавӣ аз шароити рақобати комил дар аксари таҳлилҳои классикӣ ва неоклассикӣ ҳамчун падидаи манфӣ арзёбӣ шуда, чунин нуқтаи

назар вуҷуд дорад, ки ташаккули монополия метавонад ба пастшавии сатҳи самаранокии иқтисодӣ таъсир расонад;

✓ **марҳилаи сеюми рушди рақобат** – марҳилаи рақобати монополистӣ – пайдоиши он ба равандҳои тамаркузи истеҳсолот ва сармоя дар иқтисодиёти давлатҳои ғарбӣ дар охири асри XIX вобаста мебошад. Дар ҳамин давра таваҷҷуҳи муҳаққиқон асосан ба омӯзиш ва таҳлили ташаккулёбии сохторҳои монополистӣ ва густариши падидаи монополия равона гардид. Дар ин марҳила назари куллан нав ба сохторҳои бозор ташаккул меёбад;

✓ **марҳилаи чаҳоруми рушди рақобат** – марҳилаи рақобати муосир мебошад, ки тақрибан пас аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ оғоз ёфта, то имрӯз идома дорад. Ин марҳила бо он тавсиф мешавад, ки рақобат на танҳо ба монополия роҳ надод, балки чун нерӯи пуркувват эҳё шуд;

✓ **марҳилаи панҷуми рушди рақобат – марҳилаи «навтарин»** – метавон хулоса кард, ки дар шароити ҷаҳонишавии рақобати бисёрҷанба, рақобат ба сатҳи сифатан нав гузашта, ба истифодаи густурдаи инноватсия, фарқияти стратегӣ, фарогирии тамоми занҷири арзиш, ташаккули кластерҳо ва татбиқи «рақобати муштарак» такя намуда, ҳамкорӣ миёни субъектҳоро ҳамчун шарти асосии ба даст овардани бартарии устувор тақозо мекунад.

## 1.2. Ҷанбаҳои консептуалии танзими давлатии рақобат

Аҳаммияти бозори истеъмолӣ дар ҷамъияти муосир дар сарчашмаҳои илмӣ хеле одилона қайд шудааст, ки «...дар марҳилаи муосири рушди иҷтимоию иқтисодии ҷамъиятӣ бозори истеъмолӣ яке аз аввалин индикаторҳои бисёр равандҳои дигаргунсозӣ гардидааст, ки дар мамлакат ба вуқуъ мепайванданд ва сатҳи инкишофи фаъолнокии соҳибкории ҷамъият ва давлатро нишон медиҳанд»[133, с.62]. Аз ин нуктаи назар, дар марҳилаҳои ибтидоии инкишофи муносибатҳои бозорӣ ва ташаккулёбии он нақши давлат бузург аст. «...Бе дастгирии давлат ба вуҷуд овардани бозори соҳавии самарабахш мушкил арзёбӣ мегардад»[126]. Бо назардошти ин нукта ақидае

дар он бора пешниҳод мегардад, ки давлат омили муҳимми рушди рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ ба шумор меравад.

Нақши давлат дар ин сегменти иқтисодиёти миллӣ дар он зоҳир мегардад, ки он тавассути дастгирии инфрасохторӣ, техникӣ, инвеститсионӣ, қарзӣ, ҳамчунин бо пешниҳод кардани имтиёзҳои андозӣ барои инкишофи рақобати самарабахш шароит фароҳам меорад. Мураккабии ин масъала дар он аст, назарияи самарабахши давлатӣ, ки бояд истеҳсолотро дар мамлакатҳои тараққикардаистода ҳавасманд гардонад, ба қадри кофӣ амал намекунанд. Дар ин бора, Дуглас Норт дар асари худ қайд мекунад: «...Барои баррасии чаҳорчӯбаҳои институтсионалӣ, ки фаъолнокии иқтисодиро ҳавасманд намегардонанду онро бозмедоранд, ба шароите муроҷиат мекунем, ки дар бисёр мамлакатҳои «ҷаҳони сеюм» ҳукмфармо аст, ҳамчунин ба шароитҳое рӯй меорем, ки дар тули қисми зиёди таърихи ҷаҳон ҷой доштанд. Дар ин маврид низ роҳбарони сиёсӣ ва иқтисодӣ маҷмуи гуногуни имкониятҳоро доранд, лекин аксаран ин имкониятҳо нисбат ба истеҳсоли неъматҳои моддӣ, фаъолиятро бештар оид ба бозтақсим ҳавасманд мегардонанд, назар ба муҳити рақобатӣ бештар монополияро ташаккул медиҳанд ва бештар интихобро на васеъ, балки маҳдуд мекунанд»[48, с.25]. Чунин падида самаранокии рақобатро дар бозори истеъмолӣ назаррас паст мегардонад.

Танзими давлатии иқтисодиёт ин ҳамоҳангсозии фаъолияти хонаводаҳо, ширкатҳо, ташкилотҳои давлатӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати иқтисодии давлат мебошад. Он фаъолияти хоҷагии ҷамъиятиро ба натиҷаҳои дилхоҳи давлатӣ сафарбар мекунад. Сиёсати иқтисодӣ бошад интихоб ва татбиқи қарорҳои барои иқтисодиёти кишвар муҳимро баррасӣ менамояд. Сиёсати рақобатӣ ин танзими фаъолияти мустақили ташаббускори субъектҳои хоҷагидор мебошад, ки рақобати онҳоро ба қаноатмандии самараноки ниёзҳои ҷомеа равона мекунад.

Қаблан аз ҷониби муаллиф нишон дода шудааст, ки «...назарияи муосири бозорҳои соҳавӣ бояд доираи масъалаҳоеро мавриди баррасӣ қарор диҳанд, ки онҳоро ба тариқи зайл тасниф кардан мумкин аст: ширкат чун субъекти

муносибатҳои бозорӣ, рақобати бозорӣ ва танзими давлатии рақобат»[87, с.27].

Дар охири асри XX ва оғози қарни XXI баррасии муносибатҳои мутақобилаи рақобати глобалӣ дар бозорҳои соҳавӣ, асосҳои пайдошавии онҳо, вижагиҳо, оқибатҳо ва самтҳои ташаккулёбии ояндаи онҳо мубрамияти махсус касб кард. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи танзими давлатиро чун ҷараёни севуми назарияи муосири бозорҳои соҳавӣ баррасӣ мекунем, ки масъалаҳои зерин мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор мегиранд, аз ҷумла: дахолати ҳадафмандонаи давлат, тадбирҳои муътадилсозии бозорҳои соҳавӣ, танзими давлатии рақобат. Бо дарки зарурати дахолати давлат марбутан бо низоми иқтисодиро танзим карда натавонистани бозор, пеш аз ҳама, сухан дар бораи танзими бозорҳои монополӣ меравад.

Тақиқотҳо дар ин самт, нишон доданд, ки дар иқтисодиёти муосир давлат на танҳо субъекти муҳимтарини муносибатҳои сиёсӣ, балки субъекти иқтисодӣ низ мебошад, ки дар ҳаёти ҷомеа нақши ҳамоҳангсозро иҷро мекунад. «...Танзими давлатии рақобат, омили зарурии муътадилсозӣ ва рушди низоми иқтисодии бозорӣ гардида, дар натиҷаи иттифоқи «дасти ноаёни бозор» ва давлат ташаккул ёфт».[145].

Рақобат, ташаккул, рушд ва ҳимояи он барои давлат бояд афзалияти сиёсӣ дошта бошад. «...Рақобат навҷорисозиро таъмин намуда, омили асосии пешбарандаи рушди иқтисоди миллӣ мегардад, ки ба гуногунӣ ва тақсимоти самараноки захираҳо мусоидат мекунад»[127]. Бинобар ин, дар шароити иқтисоди муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи рушди рақобат, ки бо сатҳи воридшавӣ ба низоми хоҷагии ҷаҳонӣ робитаи мустақим доранд, мавқеи афзалиятнок касб намуда, анҷоми таҳлили ҳамаҷонибаи илмиро тақозо менамояд.

Дар заминаи маҳдуд намудани паёмадҳои номатлуби ҳукмронии монополистӣ, ташаккули шароити институтсионалии мувофиқ барои рушди муҳити рақобатпазир ва таъмини шаффофияти фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ташаккули низоми самараноки танзими давлатӣ зарур аст. Бинобар

ин, бо мақсади таъмини шароити баробар барои рақобати ширкатҳо, инчунин баланд бардоштани рақобатпазирии низоми иқтисодӣ, ки самаранокии он ба некуаҳволии шаҳрвандон бетаъсир намемонад, давлат сиёсати рақобатиро ташаккул медиҳад. Муаммои мақсаднокии танзими давлатии рақобат ва усулҳои татбиқи он гуногун буда, доштани тасаввуроти кофиро доир ба пайдоиши қонунгузорӣ тақозо мекунад.

Дар Тоҷикистон аввалин санади дахлдор Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «...Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол» буд[1]. Ҳоло бошад, он бо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «...Дар бораи ҳимояи рақобат»[4] аз 30 майи соли 2017, таҳти №1417 эътибори ҳуқуқии худро гум кардааст. Санади мазкур заминаҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии танзими рақобатро муқаррар намуда, муносибатҳои марбут ба фароҳамсозии муҳити рақобатпазир, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бозорҳои мол, нигоҳдории фазои ягонаи иқтисодӣ ва таъмини озодии фаъолияти иқтисодиро фаро мегирад.

Аҳаммият ва зарурияти танзими давлатии рақобат байни муҳаққиқон мавриди муҳокимаи фаъол қарор гирифтааст. Баъзе аз олимон дар он ақидаанд, ки танзими давлатии рақобат дар иқтисодиёт хусусияти харобкунанда дорад, зеро он маҳдудиятҳои иловагиро ба вуҷуд меорад. Инчунин нуқтаи назари муқобил низ мавҷуд аст, ки зарурияти танзими рақобатро дар баробар кардани шароит барои бурдани муҳорибаи рақобатӣ дар бозор мебинад.

Дар бобати муаммоҳои танзими давлатии рақобат муҳаққиқони зиёде аз қабили Ҷ.М. Кейнс[41, с.137], А.Смит[58], Ҷ.Робинсон[56], Й.Шумпетер[156, с.159, 162], М.Портер[52, с.15], А.Рауфӣ[124], А.М. Раҳимов[129], Раҳимзода М.З. [148], Тоҷидинова З.С. [100; 155, с.137] ва дигарон таҳқиқот бурдаанд.

Профессор А.Рауфӣ дар он ақидааст, ки «...дар шароити иқтисоди бозорӣ дар ҳама намудҳои фаъолият барои амали самараноки онҳо тадбирҳои ташкилӣ талаб карда мешаванд»[124]. Дар акси ҳол, «...унсурҳои бозор аз ҷониби як қисми алоҳидаи одамон дар ҷомеа, ки манфиатҳои шахсӣ нисбат ба манфиатҳои ҷамъиятӣ баландтаранд, метавонанд барои мақсадҳои худхоҳона

истифода шаванд»[124], оқибат дар бозор бетартибӣ ба амал омада метавонад. Аз ин рӯ, баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии аъзоёни ҷамъият, пеш аз ҳама, дониши иқтисодии онҳо, ки ба онҳо дар шароити бозор лозим аст, зурур мебошад. Аз тарафи дигар, танзими давлатии бозор зарур аст, ки дахолати давлатро ба фаъолияти бозорӣ ифода мекунад. Он бо назардошти мақсад ва афзалиятҳои ҷомеа амалӣ карда мешавад. Дар айни замон, муносибатҳои бозорӣ на бо усулҳои фармондеҳӣ, балки бо усулҳои маъмурӣ ва иқтисодӣ танзим карда мешаванд. Асоси онҳоро механизмҳо ва қонунҳои бозор ташкил медиҳанд. Муаллиф қайд мекунад, ки «...барои танзими бозор давлат вазифаҳоеро иҷро мекунад, ки танҳо бо ёрии бозор иҷро карда намешаванд ва механизмҳои танзими давлатии бозори соҳавиро тавсия медиҳад»[124].

Аз ҷумла, профессор А.М. Раҳимов таъкид мекунад, ки «...вазифаҳои давлат дар ноил шудан ба рақобатпазирӣ тавассути бисёркунҷаи таъсири сиёсати иқтисодӣ, ҳамчун рушди асоси рақобатпазирӣ, яъне ба омилҳои зарурӣ, ба шартҳои талабот, ба мавҷудияти соҳаҳои рақобатпазир, ба стратегияи ширкат ва сатҳи рақобат баррасӣ карда мешаванд»[123, с.19]. Нақши давлат дар рушди ин омили рақобатпазирии иқтисоди миллӣ муайян кардани соҳаи афзалиятнок ва фароҳам овардани шароит барои рушди он мебошад. Муаллиф омилҳоеро пешниҳод ва асоснок мекунад, ки ҳангоми муайян кардани соҳаи афзалиятнок бояд ба назар гирифта шаванд. Ин омилҳо инҳоянд: а) истифодаи афзалиятҳои рақобатии кишвар; б) рушди соҳаи истеҳсоли маҳсулоти тайёр ва коркарди ашёи хом дар дохили кишвар; в) робитаи байни соҳаи афзалиятнок ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт. Барои баланд бардоштани самаранокии танзими давлатии рақобат дар соҳаи сармоягузорӣ чунин шарт мегузорад: а) фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ; б) яке аз афзалиятҳои сармоягузории давлатӣ бояд соҳаи баланд бардоштани рақобатпазирии қувваи корӣ дар бозори меҳнат бошад.

Дар корҳои илмии худ Раҳимзода М.З. қайд менамояд, ки «...танзими давлатии иқтисодиёт ба воситаи чораҳои танзими ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳакмкардашуда ва дар доираи

қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад» [148, с.267]. Дар муқоиса бо М.З.Раҳимзода, Саъдиев И.З. бар он назар аст, ки «...бо сабабе, ки шаклҳои танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ба таври меъёрӣ муқаррар ва таъмин карда шудаанд, аз ин ҷо ҳамаи онҳо хоҳ ҳуқуқӣ бошанд ва хоҳ иқтисодию ташкилӣ ба сифати чораҳои ҳуқуқӣ баромад менамоянд. Танзими ҳуқуқии иқтисодиёт, инчунин танзими техникӣ, шартномавӣ, ҷавобгарии молумулкӣ ва ғайраро низ дар бар мегирад»[99, с.278].

Нуқтаи назари як қатор олимони ватаниро дар бобати ҷабҳаҳои гуногуни танзими давлатии иқтисодиёт баррасӣ намуда, зикр кардан зарур аст, ки ба масъалаи танзими давлатии рақобат ҳеҷ яке аз онҳо махсусан машғул набуданд.

Қаблан аз ҷониби муаллифи диссертатсия нишон дода шудааст, ки «...афзалияти танзими давлатии рақобат ба динамикаи рушди механизмҳои иқтисодӣ оварда расонида, пеш аз ҳама ба нархҳо, ҳосилнокӣ, фоида, навоварҷорисозӣ, рушди иқтисод таъсир мерасонад ва боиси он мегардад, ки бозори соҳавии миллӣ ҳамрадифи бозорҳои ҷаҳонӣ рақобат карда тавонад. Ҷолиб ба қайд аст, ки институти давлатӣ, бо мақсади таъмини устуворнокии қудрати сиёсии худ ба кори субъектҳои хоҷагидор дахолат намуда, ба фаъолияти иқтисодӣ шуғл меварзад. Сатҳи дахолати давлат ба фаъолияти хоҷагидорӣ аз сатҳи таъсир ва қудрати иқтисодии субъектҳои бозор вобастагӣ дорад, яъне субъекти хоҷагидории аз ҷиҳати иқтисодӣ заиф, бо мақсади нигоҳ доштани мавқеи худ дар бозор, маҷбур аст ба қудрат ва тавоноии давлат рӯй оварда аз имкониятҳои фароҳамовардаи давлатӣ истифода барад»[87, с.27].

Дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» омадааст: «...Танзими аз меъёр зиёд, дар баъзе ҳолатҳо ва дахолати беасоси мақомоти давлатӣ ба фаъолияти хоҷагидорӣ, андозбандии аз меъёр зиёди бахши расмии иқтисодиёт, зарурати такмилдиҳии механизмҳои танзими андоз, ...-ро муайян мекунанд. Инчунин, дар самтҳои мушаххаси дахолати давлатӣ мавҷуд будани як қатор мушкилотҳо эътироф карда шудааст, аз ҷумла:

- ✓ дар сатҳи зарурӣ набудани низоми электронии гардиши ҳуҷҷатҳо байни мақомоти идоракунии давлатӣ ва ҳамкориҳои электронии мақомоти давлатӣ бо шаҳрвандон ва бизнес (соҳибкорӣ);
- ✓ нокифоя будани механизмҳои андозбандӣ;
- ✓ механизми ташхиси зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба такмилдиҳӣ тақозо дорад ва ҳоказо»[6].

Ин чунин маъно дорад, ки нигоҳ доштани устувории бозори соҳавӣ, аз ҷумла бозори молҳои истеъмолӣ ва таъмини самти иҷтимоии он мақсади асосии танзими давлатӣ мебошад.

Нуқтаи назари як қатор муаллифонро баррасӣ намуда, зикр кардан зарур аст, ки вазифаҳои асосии танзими давлатии рақобат ҳамчун қонунбарор, танзимкунандаи истифодаи самараноки инвеститсияҳо, ташаккули инфрасохтор, фароҳам овардани шароит барои рақобати самаранок, кафил будан дар раванди риояи ҳуқуқҳои истеъмолгарон, мусоидат ба рушди соҳибкории хурду миёна боқӣ мемонад.

Метавон хулоса кард, ки, вазифаҳои стратегӣ ва тактикии танзими давлатии рақобатро дар бозори молҳои истеъмолӣ ҷудо кардан мумкин аст. Ба вазифаҳои стратегӣ таъмини устувории иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар, таъмини амнияти иқтисодӣ ва таъмини афзалиятҳои рақобатии онро дохил мекунем. Вазифаҳои тактикии он бояд чунин бошанд: амиқгардонии механизмҳои амалкардии бозорӣ дар доираи ташаккул ва рушди бозори молҳои истеъмолӣ, такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки фаъолияти самаранок ва рушди устувори бозори истеъмолиро таъмин менамояд, инчунин фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодии субъектҳои бозорӣ. Вазифаи тактикии танзими давлатии рақобат вазифаи ҳатмӣ ва таъминкунандаи томияти сиёсати иқтисодии давлатӣ, ҳамчунин низоммандии муносибатҳо дар гузаронидани ислоҳот ба шумор меравад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, муаллиф таъкид мекунад, ки механизмҳои танзими давлатии рақобат хусусиятҳои худро доранд ва онҳо дар расми 1.2.1. нишон дода шудаанд.




**Расми 1.2.1. – Механизм ва вазифаҳои асосии танзими давлатии рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ**

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда.*

Тавре, ки таҳқиқоти гузаронида шаҳодат медиҳад, сатҳи шиддатнокии рақобат дар бозор аз танзими давлатӣ вобаста мебошад, аз ҷумла муайян кардани ҳуқуқи моликият дар бозори молҳои истеъмолӣ, ки тавсифи институтсионалии ин шаклҳо мебошад. Мушоҳидаҳо нишон дод, ки дар муносибат байни давлат ва субъектони дар бозор амалкунанда, барои давлат субъект чун қисми моликияти худӣ ва чун сохтори бозорӣ баррасӣ мешаванд. Чунин муносибат фаъолияти субъектҳои бозорро бозмедорад, зеро онҳо бим доранд, ки «давлат дар лаҳзаи дилхоҳ амвол ва ҷояшонро дар бозор гирифта метавонад»[83, с.29].

Аломатҳо ва шаклҳои танзими давлатии рақобат бо ҳамдигар зич алоқамананданд, ки дар расми 1.2.2. аз ҷониби муаллиф нишон дода шудааст.




**Расми 1.2.2. – Аломатҳо ва шаклҳои танзими давлатии рақобат**

***Сарчашма:*** *коркарди муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда*

Тавре, ки дар корҳои қаблан нашршудаи муаллиф нишон дода шудааст, таҳқиқи аломатҳо ва шаклҳои танзими давлатии рақобат имкон дод, доираи масоили ҳалталаб дар ин бахши иқтисодиёт муайян карда шаванд. Аз ҷумла ба онҳо мансубанд:

1. Ба вуҷуд овардани низоми шаффофи қонунҳо, санадҳои меъёрӣ, ки барои ҳамаи иштироккунандагони бозор қоидаҳои ягонаи бозиро муайян мекунанд, то рақобат боинсофона бошад, на ҳимояи манфиатҳо. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро марбутан ба фаъолияти савдо ба ду гурӯҳ ҷудо кардан лозим аст: пешбиникунандаи танзими давлатии тарафҳои алоҳидаи иқтисодиёт (умумӣ) ва таъсиррасонии давлат ба соҳаи савдо (махсус).

2. Сиёсати танзими давлатии рақобат бояд ба ташаккули мувозинати оптималии манфиатҳои давлат ва субъектҳои фаъоли савдо, ки асосан бахши хусусиро дар бар мегиранд, нигаронида шуда, ба рушди устувори муҳити рақобат мусоидат намояд.

3. Дар шароити фаъолияти густурдаи муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ, дар соҳа ва дигар бахшҳои иқтисоди миллӣ ҳамоно норасоии захираҳои кадрӣ бо сатҳи баланди тахассус ба назар мерасад.

4. Нақши давлат дар бозори молҳои истеъмолӣ ҳангоми тақсими молҳо ё тавассути фаъолияти корхонаҳои низоми кооператсияи матлубот ё ташкили ярмаркаҳои фурӯши молҳои озуқаворӣ зоҳир мегардад. Дар заминаи нуқтаҳои мазкур мо муқаррареро пеш гузоштем, ки давлат бозигари иловагии бозор мебошад, ки дар инкишофи рақобат иштирок мекунад[87, с.30].

Мавҷудияти чунин таъсири давлат ба дигар неруҳое, ки ба шиддатнокии рақобат дар соҳа таъсир мерасонанд, таъсири манфӣ дорад. Ба ақидаи мо, ҳангоми муайян кардани сатҳи рақобатпазирӣ омили мазкур ҳалкунанда мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки манфиатҳои давлат ва бозори молҳои истеъмолӣ бояд тавассути механизми танзими давлатии рақобат дар бозори соҳавии

мамлакат самаранок мувозина карда шаванд, зеро сабукӣ дар танзими рақобат ба ҳалли баъзе мушкилоти иҷтимоӣ дар ҷомеа имкон диҳад.

5. Бозори истеъмолӣ ба дастгирии васеи техникӣ эҳтиёҷ дорад. Истеҳсолоти майдамолӣ, одатан, мавҷудияти меҳнати дастӣ ва камтахассусро пешбинӣ мекунад. Ҳалли ин масъала бо истифодаи воситаҳои механизатсияи ҷузъӣ ва технологияи компютерӣ вобаста аст, ки метавонад ҳосилнокии меҳнатро назаррас баланд бардорад ва ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии соҳа мусоидат кунад.

Барои ҳалли ин масъала ақидаи С.Зубайдовро ҷонибдорӣ намуда пешниҳод мекунем, ки «...бояд тавассути механизмҳои фискалӣ, гумрукӣ ва қарзӣ ҷорӣ намудани ҷузъҳои мазкури пешрафти техникӣ аз ҷониби давлат ҳавасманд гардонида шавад»[115]. Мизонҳои андозӣ ва гумрукӣ бояд минималӣ буда, фоизи қарз бояд ҳатталимкон паст бошад.

6. Ҳамзамон мақомотҳои дахлдори давлатӣ бояд оид ба назорати бозори молҳои истеъмолӣ тадбирҳо андешанд, то ки саломатии аҳолӣ аз маҳсулоти пастсифат ҳифз карда шавад (қонун ҳаст, лекин татбиқ ва назорати иҷрои он беҳбудӣ мехоҳад).

Дар «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (Боби 3 «Самтҳои асосии стратегия», зербоби 3 «Тақвият бахшидани муқовимат ба коррупсия дар соҳаҳои хизмати давлатӣ, маорифу тандурустӣ, андозу гумрук, хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ ва соҳаҳои дигаре, ки фаъолияташон аз нигоҳи коррупсия осебпазир маҳсуб меёбанд», бандҳои 80, 81 ва 82 омадааст, ки «...мақсадҳои асосии низоми хариди давлатӣ таъмини истифодаи самараноки маблағҳои давлатӣ, таъмини шаффофият ва рушди рақобат миёни таҳвилгарон муайян гардида мебошад, лекин сарфи назар аз ин, теъдоди иштирокчиён на дар ҳама озмунҳо қаноатбахш буда, давлат дар симои ташкилотҳои харидор аз тамоми имкониятҳое, ки рақобати солим фароҳам меорад, баҳраманд нест. Барои рушди рақобат дар баробари роҳандозии низоми муосири хариди электронӣ, баланд бардоштани эътимоднокии таҳвилгарони эҳтимолӣ ба амалу қарорҳои

ташкилоти харидор метавонад мусоидат карда, ба муносибати одилона нисбати риояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии таҳвилгарон саҳм гузорад. Ҷорӣ намудани усулҳои нави хариди давлатӣ, ки метавонанд дар рушди рақобат, ҳаддалимкон коҳиш додани эҳтимолияти сар задани ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд, истифодаи самараноки маблағҳои давлатӣ саҳмгузор бошанд, бояд дар мадди аввал бошад»[7].

Бинобар ин, қайд намудан бамаврид аст, ки пеш аз ҳама, ҳуқуқи субъектҳои бозорро тавассути дақиқ кардани моҳияти институтсионалии онҳо, зиёд кардани дастгирии инвеститсионӣ, қарзӣ ва техникии давлатӣ муайян кардан зарур аст. Ба назари мо, аз ҳама муҳимаш иштироки фаъолонаи давлат дар фароҳам овардани шароит барои рушди бозорҳо ва фаъолияти самараноки он дар шароити афзудани шиддатнокии рақобат мебошад. Дар иртибот ба ин нукта, қаблан аз ҷониби муаллиф нишон дода шудааст, ки «...ба ҷанбаҳои иштироки давлат дар танзими рақобат диққати асосӣ дода мешавад, аз ҷумла:

1. Асоси институтсионалии ташаккули объектҳои бозори молҳои истеъмолиро мустаҳкам кардан лозим аст. Тафовут дар таърифҳое, ки дар қонунҳо истифода мешаванд, ба фаъолияти самараноки шабакаи савдо таъсири боздоранда мерасонад (дар мисоли кооператсияи матлубот чун ташкилоти ҷамъиятӣ).

2. Иштироки давлат дар таъсиси инфрасохтори бозорҳои рақобатии соҳавӣ (таъмини неруи барқ ва газ, бунёд ва таъмири роҳҳо) муҳим аст.

3. Шарикии мутақобилаи ширкатҳои хусусӣ ва давлат дар ташкили ярмаркаҳо оид ба фурӯши молҳои озуқаворӣ бо иштироки хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), корхонаҳои коркард, ширкатҳое, ки бо воридкунии маҳсулоти озуқаворӣ машғуланд. Дар ин соҳа бахши хусусӣ ва давлат ба ҳайси бозигарони муҳимми бозори рақобатӣ, чун омили боздорандаи зуҳури тамоюлҳои манфӣ баромад карда метавонанд»[85, с.169, 170].

Мақсади дигаргунсозиҳои бозорие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст омадани истиқлол амалӣ шуда истодаанд, ташаккули модели самараноки беҳсозии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар баробари таъмин

намудани рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Вале, ба сабаби мавҷудияти норасоиҳои ҷиддии шакли бозории хоҷагидорӣ масъалаи зарурати танзими хоҷагии бозорӣ ба миён меояд. Дар ин бобат дар назар доштан лозим аст, ва метавон гуфт, ки дар иқтисодиёти ватанӣ марҳилаи гузариш ба охир расида, дар мамлакат аллакай низоми мухталифи бозорҳо ташаккул дода шудаанд. Дар ин ҷо бозори молҳои истеъмолӣ, бозори меҳнат, сармоя, коғазҳои қиматнок, бозори асъор ва ғайра дар назар аст. Вале лозим ба қайд аст, ки инкишофи ҳар намуди бозорҳо, раванди ташаккул ва амалкард ба таври гуногун сурат мегирад. Дар байни бозорҳои мазкур дар самти таъмини некуаҳволии аҳолӣ бозори истеъмолӣ аҳаммияти махсусан муҳим дорад, зеро таъиноти асосии он қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ ва дастаҷамъии шаҳрвандон ба молу хизматҳое мебошанд, ки барои рӯзгузаронӣ ва рушд заруранд.

Аз ин рӯ, танзими давлатии рақобат дар бозори истеъмолӣ мубрамияти махсус касб мекунад. Зеро, бозор мустақилона як қатор масъалаҳои муҳимро, ки ба қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ алоқамананд ҳал карда наметавонад. Дар ҳақиқат, механизми бозор бе дахолати давлат чунин талаботи муҳимми шахсӣ ва дастаҷамъии шаҳрвандон, аз қабили мудофиа, ҳифзи ҳуқуқи инсон, маориф, нигоҳдории тандурустӣ, ҳифзи муҳити зист, фарҳанг, илм, суботи умумии иқтисодӣ ва ғайраро қонеъ гардонда наметавонад. Ғайр аз масоили мазкур, ки натиҷаи норасоиҳо ё ноқисиҳои механизми бозории хоҷагидорӣ ба ҳисоб мераванд, масъалаҳои дигаре низ тезутунд шуда метавонанд, ки ҳалли худро талаб мекунанд. Аз ҷумла:

- мутараққӣ будани бахши ғайрирасмӣ, яъне сегменти ниҳонӣ дар бозори истеъмолӣ;

- инкишоф наёфтани институти ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгарон;

- инкишоф наёфтани алоқа ва ҳамкории мутақобилаи намояндагони бизнес ва мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайра;

- дар шароите, ки дар иқтисодиёт пардохтпазирии қисми назарраси аҳолӣ паст аст ва ҳиссаи табақаҳои аз лиҳози иҷтимоӣ заъфпазир зиёд мебошад,

механизми танзими нарх ба молу хизматҳои истеъмолӣ дар бобати дастрасӣ ва қонеъгардонӣ зарбаи ҷиддӣ шуда метавонад.

Аз ин ҷо метавон гуфт, ки имрӯз дар шароити иқтисодиёти ватанӣ танзими давлатии рақобат дар бозори истеъмолӣ тақозо карда мешавад. Дар акси ҳол ин сегменти бозор мустақилона инкишоф ёфта ва мустақилона афзалиятҳои иҷтимоӣ, аз қабили амнияти шаҳрвандон, тандурустӣ ва маорифро таъмин карда наметавонад. Қобили зикр аст, ки танзими давлатии рақобат ҳамчун низоми мураккаби механизмҳои иқтисодӣ ва институтсионалӣ баромад намуда, маҷмуи тадбирҳои маъмурӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилиро дар бар мегирад, ки татбиқи онҳо ба таъмини фаъолияти самаранок ва мутавозини бозори молҳои истеъмолӣ равона карда шудааст. Дар ин ҷо, ошкор сохтани механизмҳо ва сатҳи дахолати давлат ба бозори истеъмолӣ усулан муҳим мегардад. Ба назари мо, ин масъала тавассути амали субъектҳои давлатӣ, ки бо раванди такрористеҳсоли ҷамъиятӣ алоқаи мутақобила доранд, муайян карда мешавад. Ба онҳо мансуб донистан мумкин аст:

- давлат дар симои мақомоти давлатӣ ва маҳаллии ҳокимият чун институти назоратӣ ва ҳуқуқӣ;
- ширкатҳои истеҳсолкунандаи молу хизматрасониҳо;
- ширкатҳои истеъмолкунандаи молу хизматрасониҳо.

Ҳар як аз институтҳои мазкур дар ихтиёри худ механизм, восита ва усулҳои мухталифи таъсиррасонӣ дошта метавонанд. Вале, қайд кардан зарур аст, ки ҳамаи институтҳои мазкур мутақобилан алоқамананданд, ҳамкорӣ мекунанд, ҳомили унсури маъмурикунонӣ мебошанд ва дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амал менамоянд. Дар ин самт ба афзалиятҳои танзими давлатии рақобат дар бозори истеъмолӣ мансуб донистан мумкин аст:

- фароҳам овардани шароити мусоид барои рақобат тавассути дастгирии бизнеси хурд ва миёна;
- андешидани тадбирҳои давлатӣ оид ба ҳавасманд гардонидани истеҳсолкунандагони ватании молу хизматҳо бо мақсади баланд бардоштани вазни қиёсӣ дар ҳиссаи истеҳсолоти ватанӣ;

- тавассути такмили сиёсати даромадҳо мусоидат кардан ба баланд бардоштани қобилияти харидории аҳолӣ;

- бо назардошти сатҳи таваррум амалигардонии индексатсияи нафақа, ёрипулӣ ба табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ заъфпазири аҳолӣ бо мақсади нигоҳ доштани қобилияти харидории аҳолӣ;

- амалигардонии муқарраркунии нархи молҳои зарурати аввал, вале бо назардошти рӯйпӯш кардани арзиши аслӣ;

- татбиқи амалии назорати давлатӣ оид ба риояи амнияти озуқаворӣ ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгарон;

- танзими воридоти молҳои истеъмолӣ дар самти ноил гардидан ба мувозинати истеҳсолоти худӣ ва маҳсулоти воридотӣ;

- амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар самти ҳамкориҳои судбахши савдо дар асоси ташаккул ва инкишофи бозори минтақаҳои наздимарзӣ;

- таъсири танзими давлат ба субъектҳои ғайрирасмии иқтисодӣ бо мақсади ба субъектҳои расмӣ ва ҳуқуқии бозори молҳои истеъмолӣ табдил додани онҳо.

Тадбирҳои мазкурро асосӣ шуморидан мумкин аст, ки ба танзими давлатии рақобат дар бозор нигаронида шудаанд, вале онҳо доимӣ нестанд ва вобаста аз вазъият ҳам аз лиҳози мундариҷа ва ҳам аз лиҳози миқдор тағйир ёфта метавонанд. Онҳо дар ҳеҷ ҳолат муносибатҳои рақобатиро маҳдуд намекунанд, баръакс ба инкишофи рақобати солим байни субъектҳои бозори молҳои истеъмолӣ мусоидат мекунанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки барои таъмини рақобати солим бояд присинпҳои зерин риоя карда шаванд:

- ба ҳам пайвастани оптималӣ, яъне таъмини ҳамзамони таъсири мутақобилаи механизмҳои танзими давлатии рақобат ва рақобати бозорӣ;

- аз таъсири мустақими давлат ба фаъолияти хоҷагидории субъекти бозор канораҷӯйӣ намуда, танзими мустақими давлатиро танҳо дар он соҳаҳое амалӣ гардонидан зарур аст, ки дар онҳо фазои рақобат ба мақсад мувофиқ нест (дар монополияҳои табиии давлатӣ).

Боиси қайд аст, ки бозори молҳои истеъмолӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон яке аз маҷмааҳои калонтарин ба ҳисоб меравад, ки бояд вазифаҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодии марбут ба фаъолияти ҳаётии аҳолиро иҷро намояд. Бинобар ин, аз мавқеи мазкур дар дурнамо танҳо ба механизми худтанзими бозор умед бастан чандон мувофиқи мақсад нест. Аз ин рӯ, механизми хоҷагидорӣ бояд дар асоси ҳамкории мутақобилаи танзимгарони бозорӣ ва танзими давлатии рақобат ба роҳ монда шавад.

Дар асоси баррасии нуқтаи назари муҳаққиқон В.А. Скворцова ва И.Е. Медушевская, таъкид намудан ҷоиз аст, ки «...мафҳуми танзими давлатии рақобат танзими зиддиинҳисориро дар бар гирифта ба бартараф кардани «нокомӣ»-и бозор равона шудааст, ки воситаи расмӣ ва институтсионалии он қонунгузории зиддиинҳисорӣ, инчунин қонун дар бораи дастгирии рақобат мебошад»[151].

Ба андешаи муаллифи диссертатсия, танзими давлатии рақобат бояд дар чаҳорчӯбаи васеътари таҳлил баррасӣ гардад. Онро танҳо ҳамчун татбиқи мустақими санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳдуд кардан нокифоя буда, зарур аст ба сифати низоми мукаммали таъсиррасонии давлатӣ арзёбӣ шавад. Дар ин замина, танзими давлатӣ маҷмуи воситаҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва маъмуриро дар бар гирифта, ба фароҳамсозии муҳити мусоиди рақобат, коҳиши тамоюлҳои монополизатсия ва маҳдуд намудани сӯиистифода аз мавқеи монополии субъектҳои бозорӣ равона мегардад.

Бо ин тартиб, ҳамзистии рақобат ва монополия ба ташаккули шароити нокифояи рақобатӣ мусоидат менамояд, ки дар навбати худ зарурати дахолати давлатиро ба миён меорад. Дар чунин шароит, ислоҳ ва мутобиқсозии механизми худтанзимшавии бозор, ки бар принсипҳои рақобати озод асос ёфтааст, аҳаммияти хоса пайдо мекунад. Дар амал бошад, иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳоли тағйирёбист, танзими давлатии рақобат ба қонунҳои ҳимояи рақобат такя намуда, он ташаккул ва фаъолияти мақомоти ваколатдори назораткунандаи риояи меъёрҳои мазкурро дар бар мегирад.

Таҳлили ташаккул ва рушди ҷабҳаҳои илмии танзими давлатии рақобат дар Ҷумҳури Тоҷикистон имкон дод, ки хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

- дар асоси таърифҳои баррасишудаи танзими давлатии рақобат ва баҳои он, хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳаққиқон дар бобати ҳар ду нукта, ҳам дар сатҳи танзими бозории рақобат ва ҳам дар сатҳи танзими давлатии рақобат фаҳмиши ягона надоранд. Дар айни замон, нуқтаи назари як қатор муаллифонро баррасӣ намуда, зикр кардан зарур аст, ки шакли асосии танзими бозорӣ, яъне рақобат (рақобати бозорӣ) боқӣ мемонад, шакли танзими давлатии рақобат бошад, бояд нақши самтгирии стратегиро дар дурнамои инкишофи бозор иҷро намояд. Муаллифи диссертатсия чунин равишро дар тули таҳқиқот риоя хоҳад кард;

- дар шароити муосир самаранокии фаъолияти механизми бозорӣ ба дараҷаи ташаккулёбии инфрасохтори иқтисодӣ, сатҳи пасти маҳдудиятҳои вуруд ба бозор ва фаъолияти босамари институтҳои ҳуқуқӣ-иқтисодӣ вобаста мебошад, ки рушд ва таҳкими онҳо тавассути дахолат ва дастгирии давлат таъмин карда мешавад. Дар низоми иқтисоди бозоргонӣ яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатӣ ташаккул ва нигоҳдории муҳити рақобатпазир, фароҳамсозии заминаҳои институтсионалӣ барои рушди муносибатҳои рақобатӣ ва пешгирии тамаркузи аз ҳад зиёди қудрати бозорӣ дар шакли монополия ба ҳисоб меравад. Зеро, падидаи монополистӣ ҳамчун шакли махсуси муносибатҳои иқтисодӣ метавонад раванди ташаккули рақобати солимро маҳдуд намуда, ба коҳиши самранокии иқтисодӣ ва пайдоиши оқибатҳои номатлуби иҷтимоӣ-иқтисодӣ оварда расонад.

### 1.3. Ташаккули муносибатҳои рақобатпазир дар бозори молҳои истеъмолӣ

Рақобатпазирии пасти бозингарони бозори соҳавӣ ба воридшудани молҳои истеъмолӣ аз хориҷи кишвар мусоидат намуда, ба муфлисшавӣ ва барҳамхурии ширкатҳои ватанӣ замина мегузоранд, амнияти иқтисодии

мамлакатамонро халалдор намуда, бозори ватаниро аз фурӯшанда ба истеъмолкунанда мубаддал мегардонанд.

Ҳамзамон, ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) шомил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори молҳои истеъмолӣ ба афзоиши рақобат оварда расонид, ки ин ҷараён тавассути воридшавии соддакардашудаи молҳои ширкатҳои хориҷӣ ба бозори ватанӣ суръат гирифт. Чунин фазои рақобат якваҷта метавонад ҳиссаи корхонаҳои ватаниро дар бозори молҳои истеъмолӣ коҳиш диҳад ва ё барои афзудани қудрати рақобатпазирии онҳо мусоидат намояд.

Муаммоҳои рақобат ва рақобатпазириро олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар асарҳои худ таҳлил намуда, равияҳои ҳамаҷонибаро барои ташаккулу татбиқи стратегияи рақобат ва таъмини рақобатпазирии стратегӣ пешниҳод мекунанд, ки дар зербобҳои 1.1 ва 1.2.-и рисолаи диссертатсионӣ баррасӣ шудаанд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо, мо ҷонибдори он ақида ҳастем, ки «...рақобатпазирӣ тавассути рақобатпазирии молҳои дар кишвар истеҳсолшаванда, рақобатпазирии корхонаҳо ва соҳаҳои иқтисодиёт таъмин карда мешавад. Соҳа рақобатпазир буда метавонад, агар сатҳи рақобат баланд бошад ва стратегияи корхонаҳо ба кам кардани шумораи рақибон, яъне паст кардани сатҳи рақобат нигаронида шудааст. Муҳим он аст, ки монеаҳо дар роҳи рақибони нав заминаи бозорӣ дошта бошанд»[123].

Чӣ тавре, ки дар зербоби 1.2. таъкид карда шуд, муаммоҳои марбут ба рушди инфрасохтори деҳот дар шароити дигаргуншавии сохтории иқтисоди бозорӣ бо зарурати ташаккули низоми мукаммали таъминоти моддию техникӣ ва таъмини рушди ҳамоҳанги зерсохторҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла бахшҳои сохмон, нақлиёт, роҳсозӣ ва алоқа, тавсиф карда мешавад. Ҳалли ин масъалаҳо татбиқи сиёсати муназзами давлатии сармоягузорӣ, аз ҷумла истифодаи механизмҳои молиявию қарзии ҳавасмандкунанда, бахусус ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнокро талаб менамояд. Ҳамзамон, сафарбар ва истифодаи самараноки манбаъҳои молиявии дохилии субъектҳои хоҷагидории бозори

истеъмолӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми таъмини рушди устувори инфрасохтори деҳот баррасӣ мегардад.

Дар баробари ин, ба масъалаи шаҳру шаҳракҳоро бо савдо фаро гирифтани субъектҳои хоҷагидорие, ки дар деҳот фаъолият мебаранд, диққати кофӣ дода намешавад. Эҳтимол чунин аст, ки имкони вуруд ба ин бозорҳо мавҷуд нест. Зимнан ин ақида ба ҳақиқат рост намеояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар деҳот ва маҳалҳои аҳолинишинии кӯҳӣ мағозаҳои алоҳидаи хусусӣ мавҷуданд, ки бо молҳои зарурати аввал савдо мекунанд ва дар умум фаъолияти аксари онҳо ба талаботи бозор ҷавобгӯ нест.

Мавҷудияти шумораи маҳдуди корхонаҳои савдои чакана дар минтақаҳои деҳот нисбат ба дигар субъектҳои хоҷагидории бозорӣ то андозае натиҷаи таъсири омилҳои сохторӣ ба ҳисоб рафта, дар маҷмуъ аз сатҳи пасти самаранокии соҳаи савдо ва мавҷудияти мушкилот дар рушди бозори молҳои истеъмолӣ шаҳодат медиҳад.

Аз ин ҷост, ки дар давраи муносибатҳои бозорӣ рафъи оқибатҳое, ки дар давраи дурударози Х-ғайрисамаранок идомаёфтаистодаи фаъолияти соҳаи савдо дар бозор ба миён омадаанд, аҳаммияти махсус касб намуд. Дар рисолаи диссертатсионӣ хусусиятҳои асосии Х-ғайрисамаранокӣ ошкор карда шудаанд. Арзёбии сатҳи рақобатпазирии модели стратегияи рушди соҳа ва афзалиятҳои он дар афзоиши самаранокӣ тибқи тамсилаи Парето ифодаи худро меёбад. Самаранокӣ тибқи тамсилаи Парето якчанд шакл дорад: самаранокии тақсими захираҳо, самаранокии истеҳсолот, самаранокии таркиби маҳсулот ва самаранокии мубодила, самаранокии тақсимоти одилона. Қонуни Пареторо дар асоси ду теорема шарҳ додан мумкин аст, ки онро дорандаи Ҷоизаи Нобел Ҷ.Ю. Стиглитс хеле хуб баён кардааст: «...Теоремаи якум тасдиқ мекунад, ки дар шароитҳои муайян бозори рақобат ба тақсимоти хосаи захираҳо оварда мерасонанд: чунин бозтақсими захираҳо (бе ягон тағйироти имконпазир дар истеҳсолот ва истеъмолот) ба амал намеояд, ки дар он ягон кас бидуни ҳамзамон бад кардани ҳолати каси дигар вазъияташро хуб карда тавонад»[153, с.68]. Агар мо заминҳои навро ба гардиши кишоварзӣ

ҷалб кунем, ин боиси масъалаҳои нави экологӣ мегардад. Фурӯшанда молро фурӯхта, даромад мегирад, харидор бошад даромади худро аз даст медиҳад. Моҳияти теоремаи дувум дар он аст, ки «...нуқтаи дилхоҳро дар хати каҷи имкониятҳои истеъмолӣ тавассути иқтисоди рақобатӣ ба даст овардан мумкин аст, агар тақсими захираҳо аз ибтидо дуруст сурат гирифта бошад»[153]. Агар таркиби ибтидоии захираҳо дуруст бошад, пас самаранокӣ тибқи Парето оптималӣ мешавад. Ин маънои онро дорад, ки ширкат дар вақти тақсимоти захираҳо талабот, завқ ва афзалиятҳои истеъмолкунандагонро ба назар мегирад. Ҳадафи мазкур бо роҳи муқоисаи арзиши хароҷоти ҳадди ақал бо арзиши натиҷаҳои олӣ дар занҷираи «захираҳо - самаранокӣ» ба даст меояд. Маълум аст, ки талабот беохир аст ва агар ширкат ба он самтгирӣ кунад, касод мегардад. Сухан дар бораи сарфакорона ноил гардидан ба натиҷа бо харҷи фоидаовари ҳадди ақал меравад. Ширкатҳо ё истеҳсолкунандагони алоҳидае, ки ба ин талабот ҷавобгӯянд, бой мешаванд, он соҳибкороне, ки ин ҳолатро ба даст оварда наметавонанд, касод (нодор) мегарданд. Дар ин сурат суоле ба миён меояд: мумкин аст, захираҳоро бо роҳи мутамаркиз бозтақсим намудан лозим бошад? Ба ин суол Ҷ.Ю. Стиглитс чунин ҷавоб медиҳад: «...Теоремаи дувуми бунёдии иқтисоди некуаҳволӣ чунин фарзияи назаррас дорад, ки ҳар як тақсимоти тибқи Парето - самаранокӣ, мумкин аст тавассути механизми ғайримутамаркизи бозорӣ ба даст оварда шавад»[153, с.69]. Самаранокӣ тибқи Парето на аз мавқеи тамоми иқтисодиёт, балки дар асоси талаботу пешниҳодоти фарди алоҳида баррасӣ мешавад. Самаранокӣ мумкин аст дар соҳа, минтақа ё хоҷагии халқ баланд шавад, вале дар дохили онҳо ширкат ва субъектҳои алоҳида метавонанд самаранокии паст дошта бошанд. Муносибати якум фарқҳоро дар вазъияти дар ҷумлаи боло тавсифгардида ба эътидол меорад. Ғайр аз ин, афзалиятҳои мухталифи истеъмолгарон мавҷуд аст. Агар мол талаботи субъекти А-ро қонеъ гардонад, ин ҳолат маънои онро надорад, ки субъектҳои дигари В, Д, С низ қонеанд. Сухан дар бораи ба даст овардани адолат дар самаранокӣ меравад.

Афзалиятҳои истеъмолгарони ниҳоӣ дар доираи бозорҳои маҳаллии молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо воситаҳои зарурии ҳастӣ маҳдуд мешавад. Дар ин бобат мавҷудияти вазни баланди қиёсии муҳоҷирони меҳнатӣ шаҳодат медиҳад, ки қисми назарраси даромади худро ба оилаашон мефиристанд. Метавон гуфт, ки амалан қисми зиёди даромади пулии аҳолӣ ба хариди молҳои зарурати аввал сарф мешавад. Дар ин самт, талаботи аксари аҳолӣ ба хатти каҷи бефарқӣ мутобиқат мекунад. Истеҳсолгарони мол ин талаботро намеомӯзанд. Имкониятҳои хоҷагиҳои таҳвилгари маҳсулоти молҳои хоҷагии халқ, ҳамчунин фаъолияти худи онҳо сахт маҳдуд карда шудааст. Аз ҷумла, меҳнати дастӣ афзалият дошта, дараҷаи механиконии корҳо паст аст, навҷорисозӣ кам ҷорӣ мешавад, менеҷмент ва маркетинги муосир дар сатҳи зарурӣ иҷро намешаванд, роҳбарони ширкатҳо бо роҳҳои мухталиф «даромадро аз они худ мекунанд», сатҳи ҳавасмандгардонии меҳнат паст буда, инфрасохтор қариб вуҷуд надорад. Мунтазам инвеститсия намерасад. Ҳамаи ин лаҳзаҳои манфӣ шаклҳои Х-ғайрисамаранокӣ мебошад. Дар ин ҳолат интихоби роҳҳои самараноки тақсими захираҳо мавҷуд нестанд. Хоҷагиҳо дар дарёфти шаклҳои дурусти тақсими захираҳо дар ниҳояти маҳдудият қарор доранд. Дар натиҷа мо мушоҳида мекунем, ки захираҳо на танҳо дар ниҳояти маҳдудият ҳастанд, балки дар дурнамои дарозмуддат амалан вуҷуд надоранд. Ин чунин маъно дорад, ки самаранокии истеҳсолот, мубодила ва тақсимоти даромадҳо дар сатҳи паст қарор доранд. Дар бораи мавҷудияти интихоби дағалона ё қабули қарор дар иқтисодиёти анъанавӣ як иқтибос меорем, ки ба одатҳо асос меёбад ва инъикоси Х-ғайрисамаранокӣ мебошад: «...Ширкат метавонад дар ҳақиқат заиф ва нисбатан ғайрифаъол гашта, дар қабули қарор на ба ҳисобкардҳои дахлдори хароҷоти истеҳсолот ва даромад, балки ба методҳои эмпирикии дағалона эътимод бандад»[44, с.103].

Агар бо забони амалии самаранокӣ тибқи Парето гӯем, қайд кардан лозим аст, ки 20% шаҳрвандони дорои иқтисодиёти ҷумҳурӣ ҳавасманди нигоҳ доштани ҳолати мавҷуда мебошанд, зеро онҳо боз ҳам доротар мешаванд ва 80%-и шаҳрвандони боқимондаро ин ҳолат қаноат мекунонад.

Аз қонуни самаранокӣ тибқи Парето дар соҳаи бизнес ду хулоса бармеояд:

- 20% ҷидду ҷаҳди корхона 80% фоида меорад, бинобар ин самтҳои нисбатан самараноки фаъолият, кормандону мизоҷони аз ҳама самарабахшро ошкор сохтану инкишоф додан лозим меояд;

- 80% кӯшиши корхона, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолият нигаронида мешавад, фақат 20%-и натиҷаро медиҳад. Бинобар ин, фаъолиятро оид ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодии корхона аз ҷустуҷӯйи самтҳои аз ҳама натиҷабахши кор шуруъ намуда, онҳоро дар навбати аввал амалӣ гардонидан лозим аст.

Аз ин нуқтаи назар, дар кори таҳқиқотӣ, таҳлили самтҳои қавӣ ва заиф, имкониятҳо ва таҳдидҳои соҳаи савдо дар бозори молҳои истеъмолӣ чун воситаи дарки фазои рақобат ва коркарди стратегияи рақобатӣ баромад мекунад. Вале, қаблан бозори молҳои истеъмолии бахшҳои хусусӣ ва ҷамъиятиро муфассалан омӯхтан ва оияндабинӣ кардан, тарафҳои заифу қавии онҳоро ошкор сохтан зарур аст.

*Тарафҳои қавии бозори молҳои истеъмолӣ:*

- солҳои охир шумораи зиёди майдонҳои савдо ташкил карда шуданд;
- самти иҷтимоии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ нисбат ба рушди бозори истеъмолӣ (ташкил ва гузаронидани ярмаркаҳо);
- ассортименти зиёди маҳсулоти барои фурӯш пешниҳодшуда;
- мавҷудияти муассисаҳое, ки омодасозии ибтидоӣ ва касбии кормандони соҳаи хӯроки умумӣ ва савдоро амалӣ менамоянд.

*Тарафҳои заифӣ бозори молҳои истеъмолӣ:*

- нокифоя будани механизмҳои танзими соҳаи истеъмолӣ барои давраи дарозмуддат;
- инфрасохтори соҳа ба таври кофӣ рушд накардааст;
- усулҳои пешрафтаи хизматрасонӣ ба таври лозима истифода намешаванд;
- бад шудани таркиби сифатӣ ва сатҳи касбии захираҳои меҳнатӣ;

- гардиши ғайриқонунии савдо ба мушоҳида мерасад.

*Имкониятҳои бозори молҳои истеъмолӣ:*

- тамоюли болоравии қобилияти харидории аҳолӣ ба назар мерасад;
- такмилёбии босуръати навъҳо, шаклҳо ва усулҳои хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон дар бозор;
- рушди савдои шабакавӣ ва зуд-зуд тағйирёбии талаботи истеъмолкунанда вобаста ба сифати мол ва хизматрасонӣ.

*Хавфҳои таҳдидкунанда ба бозори молҳои истеъмолӣ:*

- баланд шудани талаботи истеъмолкунандагон вобаста ба сифати мол ва хизматрасонӣ;
- болоравии нархҳо аз ҷониби таъминкунандагони дохилӣ ва беруна;
- имконияти баланди воридшавии маҳсулоти пастсифат ба бозор;
- ҳаҷми нокифоя ва нархи баланди маҳсулоти ватанӣ.

Аз ин ҷост, ки дар соҳа, тарафҳои қавии худро истифода бурда, ба тарафҳои заифи худ эътибори хосса, дода, истеҳсолгар ва фурӯшанда метавонанд собитқадамона ба рақобатпазирӣ ноил гарданд. Инчунин, таҳлили фазои рақобат ба муайян намудани имкониятҳои нави рушд ва таҳдидҳои эҳтимолӣ, ки ба рушди соҳа таъсир мерасонанд, кумак мекунад.

Дар шароити ҳукмфармоии муносибатҳои бозорӣ дарёфти имкониятҳои нави рушд, таъмини афзалиятҳои рақобатӣ ва таҳкими мавқеи рақобатӣ барои субъектони хоҷагидорӣ аз ҷумлаи вазифаҳои стратегӣ ба шумор меравад.

Дар бораи чӣ тавр инкишоф додани афзалиятҳои рақобатӣ мулоҳизаи хеле ҷолиби зерин баён шудааст, аз ҷумла: «...Афзалиятҳои мушаххас аз ҳисоби амалҳои стратегии бомуваффақият ба даст меоянд. Таҳияи стратегияи мусоид шарти муҳимтарини фаъолияти бомуваффақияти корхона дар бозор ба ҳисоб меравад. Ташаккули стратегия вобаста аз хусусияти мубориза рақобатӣ, тарафҳои қавию заифи корхона, талабот ба маҳсулот амалӣ мегардад»[155, с.253]. Дар бозори молҳои истеъмолӣ рақобатпазирии таҳвилгарони маҳсулот дар вобастагӣ аз қобилияти молистеҳсолкунандагон муайян карда мешавад, ки

афзалиятро дар соҳаи истеҳсол ва фурӯши мол бобати қонеъ намудани талаботи истеъмолгарон таъмин менамояд.

Афзалиятҳои таҳвилгарони маҳсулот дар бозори молҳои истеъмолӣ барои пешсафии ширкат мусоидат намуда, рақобатпазирии умумии онро таъмин менамояд. Аз ҷиҳати амалӣ, чӣ қадаре ки ҷузъҳои таркибии афзалиятҳою бартариҳо зиёд бошанд, ҳамон қадар имконият ба рақобатпазирӣ зиёд аст. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки вобаста ба сиёсати ширкатҳое, ки стратегияи рушдро муайян мекунанд, ворид кардани тадқиқоти маркетингӣ ба самтҳои қавӣ ва заифи фаъолияти корхона метавонад тавассути стратегияи рақобатпазирии корхона шакл дода шавад.

Бояд таъкид кард, ки пеш аз оғоз кардани коркарди стратегия корҳои пешакиро анҷом додан зарур аст, ки онҳо марҳилаи муҳимми ибтидоӣ ба ҳисоб меравад. Давраи мазкур, давраи арзёбии вазъияти ба миён омада истода, омӯзиши имкониятҳои мавҷуда, таҳқиқи муфассали вазъияти умумибозорӣ дар бозори мавриди таҳқиқ мебошад. Ҳамаи ин таҳлили стратегии вазъият ном дорад ва мундариҷаи чунин таҳлил дар расми 1.3.1. оварда шудааст.




**Расми 1.3.1. – Таҳлили стратегӣ**

***Сарчашма:*** *Коркарди муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда.*

Дар шакли умумӣ, «...рақобатпазирӣ маънои дар бозорҳои худ рақобат кардани ширкатҳо, соҳаҳо, минтақаҳо ва иқтисоди миллиро дорад. Қобилияти рақобат кардани соҳа ё ширкат дар муқоиса бо ҳамин гуна дигар сохторҳо аз

рӯйи параметр ва нишондиҳандаҳои муайян аниқ карда мешавад. Дар ин асос, бартариҳои муайян ва заифиҳои осебпазири тарафҳои муқобил ошкор карда мешаванд. Муайян кардани афзалиятҳои рақобатӣ марҳилаи навбатии рушди асосҳои рақобатии соҳа пас аз интихоби стратегия мебошад»[83, с.106, 107].

Афзалиятҳои рақобатӣ аз бисёр шарту омилҳо вобаста аст, ки муҳити мусоид ё муҳити ғайримусоидро фароҳам меоранд. Дар мавриди аввал, механизмҳои ҳавасмандгардонии ташаккули рақобатпазирӣ таҳия карда мешавад, дар мавриди дувум таъмин кардани афзалиятҳои рақобатӣ ба кори мушкилу мураккаб ва ё баъзан имконнопазир табдил меёбад. Аз ҷумла, агар дар мамлакат инфрасохтор инкишоф ёфта бошад, технологияҳои сарфакунандаи захираҳо истифода бурда шавад, илм рушд ёфта бошад, муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва дастрасии иттилоот мавҷуд бошад афзалиятҳои рақобатии корхонаҳои ватанӣ нисбатан сабук ва самаранок таъмин мешаванд. Аз муҳити беруна ғайр аз омилҳои мазкури ба ташаккули афзалиятҳои рақобатӣ таъсиррасон, таъсири талаботи бозори дохилӣ низ аҳаммиятнок аст. Талаботи самараноки дохилӣ хусусияти вазъи бозор, самараи миқёс, самараи сифатро муайян мекунад ва фаъолияти ширкатро дар самти баромад ба бозорҳои беруна тавассути беҳтар намудани хели маҳсулоти таҳвилшаванда ҳавасманд мегардонад.

Барои ошкор сохтани вазифаҳои стратегӣ, пеш аз ҳама, арзёбии тарафҳои заиф ва қавии истеҳсолкунандаи молҳои истеъмолиро амалӣ гардонидан лозим аст. Дар заминаи он имконияти анҷом додани арзёбии муқоисавии фаъолияти рақибон аз рӯйи як қатор нишондиҳандаҳои муҳимми иқтисодӣ фароҳам мегардад:

- динамика ва ҳаҷми фурӯши рақибон;
- ҳиссаи рақибон дар бозор ва ошкор кардани пешсафон;
- имкониятҳои густариш ва диверсификатсияи таркиби маҳсулот дар фаъолияти иқтисодӣ;
- бартарият додан ба равандҳои инноватсионӣ дар ҳамбастагӣ бо таҳлили тағйирёбии динамикаи сармоягузорӣ;

- нишондиҳандаи саҳми субъектҳои истеҳсолӣ дар ташаккули содироти миллӣ.

Маълумотҳои мазкур ҳамчун нишондиҳандаҳои муҳимми иқтисодӣ, ки вазъи корхонаҳо ва сатҳи рақобатро тавсиф менамояд, дар доираи муқоисаи объективӣ барои арзёбӣ ва муайянсозии мавқеи рақобатии субъектҳо истифода мегарданд. Ҳамаи ин, ҳангоми таҳияи стратегияи рақобатӣ заминаи хеле муҳим мебошад, зеро имкон медиҳад вижагиҳои вазъияти ҷорӣ ва хусусиятҳои бозор, тамоюли рушди соҳа ба назар гирифта, самтҳои калидӣ барои таъмин кардани муваффақияти бизнес-фаъолият ҷудо карда шаванд. Вобаста аз сатҳи рушд онҳо метавонанд вазифаҳои стратегиеро гузоранд, ки дар ин давраи пешрафти фаъолият рӯзмарраанд.

Бояд таъкид кард, ки барои соҳаи савдо дар бозори молҳои истеъмолӣ таъмини рақобатнокӣ вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Барои ҳалли ин вазифа иқтидорҳоеро дарёфт кардан лозим аст, ки ба афзоиши даромаднокии соҳа оварда расонанд.

Бинобар ин, дар раванди таҳқиқ барои муайян кардани афзалияти молӣ ва мавқеи рақобатнокӣ дар соҳаи савдои мамлакат мо истифодаи усули АВС таҳлилро зарур шумурдем, ки он ба ошкор сохтани тарафҳои заифу қавии номгӯйи молҳо имконият медиҳад.

Қайд кардан зарур аст, ки АВС-таҳлил ба таснифи захираҳо аз рӯйи дараҷаи аҳаммиятнокии онҳо имконият медиҳад. Ин таҳлил, яке аз усулҳои такмилдиҳӣ ба шумор меравад ва мумкин аст дар соҳаи фаъолияти субъектони хоҷагидори дилхоҳ татбиқ гардад. Асоси онро «принсипи Парето» ташкил мекунад, яъне «...20% ҳамаи молҳо 80% гардишро медиҳад ва баръакс»[145, с.32]. Дар мавриди мо, нисбат ба АВС-таҳлил қоидаи Парето мумкин аст чунин ифода шавад: назорати боэътимоди 25% мавқеъҳо (яъне, 6 номгӯйи молҳо) имкон медиҳад 75% қатори маҳсулотӣ таҳти назорат гирифта шавад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз гурӯҳи молҳои озуқавории барои таҳлил интихобгардида танҳо чор ё шаштояш аҳаммияти афзалиятнок дорад.

Ба онҳо мансубанд: гӯшт, орд, равған, маҳсулоти қаннодӣ, картошка (ниг. ба замимаи 1)[17, с.358].

Бо истифода аз усули ABC-таҳлил таснифи мавқеъҳои гуногуни молҳои озуқаворӣ тибқи гардиши мол дар соли 2024 маълумот оварда шудааст, ки дар асоси он хелҳои мол ба се гурӯҳи рақобатнокӣ ҷудо карда шуданд:

1. А - рақобатпазирии баланд (47,4%);

2. В - рақобатпазирии миёна (16,2);

3. С - рақобатпазирии паст (4,62%).

Таҳлил нишон медиҳад, ки ба гурӯҳи **А** гурӯҳҳои молҳое мансубанд, ки ҳиссаи гардиши онҳо то 47,4%-ро аз ҳосили ҷамъи гардиши молҳои озуқаворӣ дар низоми чаканафурӯшӣ ташкил мекунанд. Аз рӯйи натиҷаҳои ҳисобу китоб, ки дар замимаи 1 пешниҳод гардидааст, ба гурӯҳи **А** мавқеъҳои молии зерин мансубанд: гӯшт, орд, равған, маҳсулоти қаннодӣ ва картошка. Ин молҳо бештар афзалиятнок буда, ба ташаккули ҳаҷми гардиши савдо таъсири назаррас мерасонанд. Ҳаҷми назарраси фурӯши ин гурӯҳи молҳо аз нақши муҳимми онҳо дар қонеъ гардонидани талаботи ҳаррӯзаи истеъмолкунандагон шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ, маҳз дар ҳамин сегмент сатҳи рақобат байни истеҳсолкунандагон, таъминкунандагон ва субъектҳои савдо нисбатан баланд арзёбӣ мегардад.

Ба гурӯҳи **В** он мавқеъҳои молӣ мансубанд, ки ҳиссаи онҳо дар ҳосили ҷамъи гардиши молии молҳои озуқаворӣ то 16,2%-ро ташкил мекунанд[17, с.358]. Тибқи натиҷаҳои таҳлили анҷом дода, ба онҳо мансуб шуморидан мумкин аст: ярма ва лӯбиёӣ, нӯшокиҳои беспирт, сабзавот, чой, шир ва маҳсулоти ширӣ, маҳсулоти макаронӣ, нон ва маҳсулоти нонӣ, қанд, мева, буттамева, ангур, тарбуз ва харбуза. Барои ин гурӯҳи молҳо рақобати мӯътадил хос буда, вазъи бозор бештар аз тағйирёбии талаботи истеъмолкунанда, сатҳи даромади аҳолӣ ва омилҳои мавсимӣ вобастагӣ дорад.

Ба гурӯҳи **С** он гурӯҳи молҳое мансубанд, ки ҳиссаи умумии онҳо на бештар аз 4,62%-и ҳосили ҷамъи гардиши моли молҳои озуқавориро ташкил мекунад. Ба ин гурӯҳ мансубанд: маргарин ва маҳсулоти маргаринӣ, чарбуи

хуроквории доғкардашуда, тухм ва маҳсулоти тухмӣ, панир, консерваҳо, моҳӣ ва маҳсулоти баҳрӣ, машруботи спиртдор ва намак. Ҳаҷми маҳдуди фурӯши ин гурӯҳи молҳо нишон медиҳад, ки таъсири онҳо ба ташаккули муҳити рақобатии бозор нисбатан камтар буда, рушди онҳо бештар ба хусусиятҳои истеъмолӣ, имкониятҳои воридотӣ ва сатҳи қобилияти харидории аҳолӣ вобаста мебошад.

Мо чунин мешуморем, ки дар ин маврид истеҳсол ва фурӯши орд, гӯшт, равған ва маҳсулоти қаннодӣ ояндадор буда, барои дастгирии ин молҳо дар шароити рақобати сахт (истифодаи техника ва технологияи нав, ҷорӣ намудани ноу-хау) маблағҳои калон лозим аст, ки онҳоро ёфтан ва ҷалб кардан зарур мебошад. Афзоиши ҳиссаи ин гурӯҳи молҳо дар бозор аз интихоби стратегия вобаста аст, ки ба ҷалби диққати истеъмолгарон ва васеъшавии бозор мусоидат мекунад.

Дар маҷмӯъ, натиҷаи таҳлил нишон медиҳад, ки дар бозори молҳои истеъмолӣ дараҷаи рақобат аз сатҳи аҳамияти иҷтимоӣ ва иқтисодии молҳо вобастагии мустақим дорад. молҳое, ки ҳиссаи назаррасро дар сохтори гардиши савдо ишғол менамоянд, ҳамчун сегменти асосии рақобати соҳавӣ баромад намуда, самтҳои афзалиятноки рушди истеҳсолот, таъминот ва сиёсати танзими бозорро муайян месозанд. Аз ин рӯ, ҳангоми баҳодиҳии рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ истифодаи таҳлили АВС имкон медиҳад, ки гурӯҳҳои калидии молҳо муайян гардида, самаранокии фаъолияти субъектҳои бозор ва дараҷаи тамаркузи рақобат амиқтар арзёбӣ карда шавад.

Қайд кардан зарур аст, ки субъектҳо дар бозори молҳои истеъмолӣ, пеш аз ҳама, бояд дар бораи тағйироти дар бозор рухдиҳанда огоҳӣ дошта бошанд, зеро иттилооти боэътимод ва саҳеҳ дар бораи бозор (таъсири омилҳои беруна ва дохила), ки субъектҳо дар он амал мекунанд, асоси фаъолияти самаранок ва таъмини афзалиятҳои рақобатӣ мебошад. Пас, таҳлили бозор ҷузъи муҳимтарини муносибати маркетингӣ ба ҳисоб меравад. Бо ҷамъоварии иттилооти зарурӣ дар бораи бозор ва ташкилотҳо қисман шуъбаи савдо машғул мешавад, зеро дар аксар ташкилотҳо мутахассис оид ба маркетинг ва шуъбаи

маркетинг вуҷуд надорад ва табиист, ки кор оид ба ташкил ва таҳқиқи рақобатпазирӣ дар он ба қадри пурра ва дар ҳаҷми пурра гузаронида намешавад. Роҳбарон бояд имконияти ташкили шуъбаи маркетинг ё ҷорӣ намудани штати мутахассис оид ба маркетингро баррасӣ намоянд.

Чӣ хеле ки қайд кардем, соҳаи савдои бозори истеъмолӣ дар сатҳи пасти самаранокӣ қарор дорад. Дурусттараш, сухан дар бораи ғайрисамаранокӣ меравад, вақте ки хароҷоти аслӣ барои истеҳсол бештар аз хароҷоти ҳадди ақал мебошад. Дар натиҷаи таҳқиқот муайян шуд, ки хусусиятҳои асосии самаранокӣ инҳоанд:

1. Дар аксари молистеҳсолкунандагони ватанӣ менеҷмент дар сатҳи паст қарор дошта, ташкили илмии меҳнат вуҷуд надорад.

2. Кормандон малака, усул ва шаклҳои омӯзиши талабот, маркетинг ва логистикаро надоранд. Харид ва фурӯши молҳо аз рӯйи принсипи «умуман барои истеъмолгар мехарем ва мефурӯшем» амалӣ мегардад. Принсипи логистикии «барои толори савдо кор мекунем» амалан ҷой надорад.

3. Интихоби кормандон новобаста аз маҳорати онҳо, дар асоси ошноиву алоқаҳои хешу таборӣ сурат мегирад. Бинобар ин, талаб ҳам аз онҳо на он қадар зиёд аст.

Дар раванди таҳлил, ки заминаи таҳияи стратегия мебошад, навбати аввал, мақсадҳои зерин ба миён гузошта мешавад: арзёбии воқеии вазъи соҳа, ошкор сохтани тамоюлҳои вижаи муҳити рақобатӣ, муайян кардани ҳам омилҳои манфӣ ва ҳам омилҳои мусбати таъсиррасон ба бозори молҳои истеъмолӣ. Дар ин ҷо, ҷузъҳои таркибиву сохтории истеъмолгарон, афзалиятҳои онҳо, тағйирот дар технологияҳо, қонунгузорӣ, суръати ҷорӣ намудани маҳсулоти нав, навовариҳо ва ғайра муҳим мебошад. Дар умум, ҳамаи мулоҳизаҳои боло, марҳилаи ибтидоии ташаккули стратегияи рақобат арзёбӣ мегардад.

Таъсири назарраси дувум ба бозори молҳои истеъмолӣ дар самти ташаккули стратегияи рақобатӣ ба фаъолияти рақибон дахл дорад. Дар ҳақиқат, дар фаъолияти ширкат фаъолияти рақибони дигар аҳаммияти стратегӣ

дорад. Аз ин рӯ, мавқеи ҳар як рақиб, амалҳои имконпазир ва афзалиятҳои онро дар амалигардонии муборизаи рақобатӣ тавассути амалҳои эҳтимолӣ муфассалан омӯхтан лозим аст.

Ҷузъи таркибии дигари ташаккул додани стратегияи рақобатӣ ошкор сохтани омилҳои калидиест, ки дар ҳар соҳа муваффақиятро таъмин мекунанд. Дар марҳилаи ҷории рушд ба сифати чунин омилҳо қобилияти фаъолияти инноватсиониро дар раванди истеҳсолӣ пеш бурда тавонистани корхона, истеҳсол кардану фурӯхтани молҳои нав, баланд бардоштани тахассусмандии коргарон, таъмини сифати баланди маҳсулот, истифодаи технологияҳои масрафкунандаи захираҳо, ки арзиши аслии пастро таъмин мекунад, ҳангоми фурӯш истифода бурдани шабакаҳои васеи каналҳои фурӯш ва ғайраро мансуб донистан мумкин аст. Омилҳои мазкур ба таври объективӣ метавонанд заминаи ташаккули стратегияи рақобат ва рушди соҳа гарданд.

Дар асоси гуфтаҳои боло чунин хулосабарорӣ мекунем. Стратегияи ташаккулдиҳандаи рақобат бояд ба инкишофи афзалиятҳои муайян равона карда шаванд, ки рақибон аз он орӣ ҳастанд ва ин бояд асоси рафтори рақобатии соҳаро ташкил кунад. Вобаста аз он, ки асоси афзалиятро дар муборизаи рақобатӣ чӣ ташкил мекунад, мундариҷаи стратегияи пойгоҳӣ муайян карда мешавад. Ба чунин стратегияҳо мансуб донистан мумкин аст:

**1. Стратегияи пойгоҳии рақобат, ки ба истеҳсолу фурӯши маҳсулот бо хароҷоти камтарин асос меёбад.** Чунин муносибати стратегӣ ба коҳиши хароҷот нигаронида шудааст. Ба ибораи дигар, корхона бояд фаъолияти истеҳсолию хоҷагидориро бо хароҷоти кам ташкил кунад. Дар ин ҷанба, ангезаи истеъмолии истеъмолгарон нарх мебошад, ки дар аксарияти ҳолатҳо аз ҳисоби сарфакорӣ дар миқёси истеҳсолот таъмин карда мешавад. Вале, ба назар гирифтан лозим аст, ки стратегияи рақобатӣ танҳо дар ҳолати имкони дастрасӣ ба захираҳои арзон барои субъектҳо, мавҷудияти пойгоҳи нави техникӣ ва технологияҳое, ки ба кам кардани истифодаи захираҳо равона шуда тамоюл ба навҷорисозӣ доранд, имконпазир мегардад.

Ғайр аз ин, дар татбиқи ин стратегия корхонаҳои нисбатан азим бо иқтидорҳои васеи истеҳсолӣ ва сатҳи баланди махсусгардонӣ афзалият доранд. Хулоса, стратегияи рақобатие, ки ба коҳиши хароҷот асос ёфтааст, танҳо ҳангоми мавҷуд будани шарту омилҳои мазкур самараи чашмдоштро дода метавонад.

**2. Таҳияи стратегияи рақобат ба принсипи фарқгузории (дифференсиатсияи) маҳсулот асос меёбад.** Ин стратегия ба қобилияти молҳои нисбатан баландсифатро пешниҳод кардани корхона асос меёбад. Молҳои мазкур дорои хусусиятҳои махсуси истеъмолӣ мебошанд, ки диққати истеъмолгаронро бо нодирият ва арзишмандии баланди худ ҷалб мекунанд, ҳатто агар нархи ин мол назар ба моли шабеҳи рақибон баландтар бошад. Ғайр аз беҳтар кардани сифати маҳсулоти пешниҳодшаванда ба раванди хизматрасонии баъдифурӯш низ диққати махсус дода мешавад. Аз уҳдаи амалӣ гардонидани ин стратегияи рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ танҳо он корхонаҳои таҳвилкунандаи мол мебароянд, ки дорои афзалияти баланди технологӣ буда, иқтидори илмӣ ва маркетингиашон инкишофёфта мебошанд. Бо ибораи дигар, танҳо мавҷудияти афзалиятҳои мазкур имконияти моли дорои сифати нисбатан баланд ва нодирро пешниҳод карда тавонистани корхонаро муайян мекунанд. Фақат дар ҳамин маврид корхона метавонад дар соҳаи ғайринархӣ афзалияти рақобатӣ дошта бошад.

**3. Стратегияи рақобат бо интихоби қаблии соҳа (сегменти бозор) асоснок карда мешавад.** Бинобар ин, стратегияи мазкурро стратегияи рақобати ба сегментбандии бозор нигаронида меноманд. Дар ин ҷо корхонаҳо самтгирии фаъолияти худашонро ба субут мерасонанд, яъне захираҳои худӣ, тахассусмандӣ, махсусгардониро ба сегменти интихобшудаи бозор равона месозанд, ки он бо сифат ва мушаххасоти мол талаботи махсус пешкаш мекунад. Аз ин ҷо бармеояд, ки иқтидори иқтисодӣ ва тахассусмандии кормандон ба сегменти интихобшуда самтгирӣ мекунад, то ҷаззобияти мол баланд гардад ва диққати истеъмолгар ҷалб шавад.

**4.** Дар марҳилаи кунунии рушд, аксарияти субъектҳо имрӯз диққаташонро ба ташаккули **стратегияи рақобатии ба навоварӣ нигаронида шуда** равона месозанд. Масъалаи асосӣ ҷидду ҷаҳд ба истеҳсоли маҳсулоти нав, истифодаи усулҳои нави ташкили кашонидани маҳсулот ва самтҳои нави фурӯши маҳсулот ба ҳисоб меравад. Ин ҷо тахмин карда мешавад, ки фаъолият бо маҳсулоти нав маънои ҷой ё макони нав дар бозорро дорад, ки дар он метавон гуфт рақобат вуҷуд надорад. Вале, татбиқи ин стратегия сарфталаб аст ва ҷидду ҷаҳди бисёрро тақозо мекунад. Танҳо омодагии баланди илмию техникии кормандону пойгоҳи молиявии устувор ва ташкили оптималии инноватсияҳои маркетингӣ метавонад ба корхонаҳо дар мубориза сахти рақобатӣ комёбиро таъмин намояд.

**5.** Дар амалияи иқтисодӣ стратегияи дигари рақобатӣ мавҷуд аст, ки онро **стратегияи вокуниши босуръати ба талаботи бозор нигаронида** меноманд. Вале чунин стратегияро танҳо корхонаҳои хурду миёна, ки низоми идоракунии мобилӣ ва қобилияти фарқгузории (тафриқабандии) босуръати маҳсулот доранд, татбиқ карда метавонанд. Зеро, ин корхонаҳо аз ҳама чандир буда, метавонанд махсусгардонии истеҳсолиро бе талафи калон иваз кунанд.

Дар шароити муосир вобаста аз вазъияти ба миён оянда ҳар як корхона метавонад ин ё он стратегияи рақобатро истифода барад. Вале, агар имконият бошад, онҳо метавонанд вобаста аз хели мол, соҳаҳо, бозорҳо ва самтҳои фаъолият якбора якчанд равишҳои стратегиро истифода намоянд.

Илова бар ин, корхонаи дорои афзалиятҳои қавии рақобатӣ метавонад дар бозори соҳавӣ ҳиссаи худии бозорро зиёд намуда, ҷаззобияташро баланд бардорад. Вале, самти амал аз ҳаҷми талаботи самаранок, яъне аз вазъи бозор вобаста аст. Масалан, дар бозори босуръат рушдёбанда корхона имконият пайдо мекунад, ба сегментҳои мухталифи васеъшавандаи бозор, фарқгузории маҳсулот ва пастшавии хароҷот самтгирӣ кунад. Дар акси ҳол, мумкин аст тамоюлҳои дигар дошта бошад. Вале, дар бозори дилхоҳ тавассути такмили фаъолияти худӣ ҳар субъект метавонад мавқеи рақобатии ба даст овардаашро нигоҳ дорад ё онро инкишоф диҳад.

Интихоби стратегия дар фазои рақобати бозори соҳавӣ аз ҳама муҳим аст, зеро ин муаммои интихоби самт ва мақсадҳо мебошад, ки роҳбарон бо захираҳои маҳдуд бояд натиҷаи максималӣ гиранд. Агар, стратегия баъд коркард шуда бошад, дар ин ҳолат бизнес-ҷараёнҳо ва ташкилотҳои самаранок низ ба рушди соҳа ёрӣ расонида наметавонанд. Барои ҳамин, дар оянда дар фазои рақобат ба муттаҳидшавии бизнес ва бозорҳои соҳавии алоҳида барои бунёди замина оид ба рушди оянда чора андешидан зарур аст.

Умуман, ташаккули стратегияи рақобат дар бозори соҳавӣ яке аз вазифаҳои асоситарин ба шумор меравад, зеро иштирокчиёни бозор дар сурати мавҷудияти комёбӣ дар муборизаи рақобатӣ метавонад фоидаро зиёд кунад ва мавқеи худро дар бозор мустаҳкам намояд.

**Хулоса оид ба боби якум:**

1. Омӯзиши масъалаҳои назариявии ташаккул ва рушди рақобат дар бозори соҳавӣ ба хулосае меорад, ки дар ҷараёни татбиқи он консепсияҳои мактабҳои гуногуни иқтисодӣ таҳлил ва омӯхта шуданд. Муқоисаи самтҳои гуногуни назарияи иқтисодӣ нисбат ба назарияи рақобат ва консепсияҳое, ки намояндагони мактабҳои назарияи иқтисод дар марҳилаҳои гуногун намояндагӣ мекунанд, нишон медиҳанд, ки асосан ду самти методологии рушди назарияи рақобат баррасӣ карда мешавад.

Олимони самти аввал дар таҳлили рақобат аз мавқеи диалектикӣ-идеалистӣ баромад намуда, онро ҳамчун маҷмуи муносибатҳои рақобатӣ, ки дар шароити фаъолияти бозорӣ ташаккул ва амал мекунанд, шарҳ медиҳанд. Дар муқоиса бо онҳо, муҳаққиқони самти дуюм дар асоси равиши диалектикӣ-материалистӣ рақобатро ҳамчун маҷмуи шароитҳое баррасӣ менамоянд, ки дар доираи онҳо равандҳои бозорӣ амалӣ мегарданд. Дар раванди муносибати диалектикӣ-идеалистӣ моҳияти рақобат тавассути мафҳуми бартарии рақобатӣ ифода карда шавад, дар муносибати диалектикӣ-материалистӣ моҳияти рақобат тавассути мафҳуми рақобатпазирӣ ошкор карда мешавад.

Тадқиқи истилоҳоти илмӣ имконият додааст, ки таърифи илмии рақобат чунин пешниҳод карда шавад: рақобат ҳаракатдиҳандаи низоми иқтисоди

бозорӣ фаҳмида шуда, он муносибати иштирокчиёни бозорро барои шароити манфиатовар дар соҳа муайян мекунад ва барои устувор гардидани мақеи онҳо дар бозор мусоидат менамояд.

2. Дар ҷараёни таҳқиқ панҷ марҳилаи ташаккули назарияи рақобат муайян карда шуд: марҳилаи рақобати пеш аз капиталистӣ; марҳилаи бартарии рақобати комил; марҳилаи рақобати монополистӣ; марҳилаи рақобати муосир; марҳилаи «навтарин». Муайян карда шуд, ки таҳаввули назарияи рақобат танҳо шаклҳои манфӣ ва ё мусбии рақобатро ба вуҷуд намеорад, балки дар раванди ташаккулёбии он шаклҳое ба вуҷуд меоянд, ки ба шароити тағйирёбандаи муҳит мувофиқ буда, ба рушди рақобат дар бозор шароит месозанд.

3. Муайян карда шуд, ки дар марҳилаи рушди танзими давлатии рақобат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳумҳо иваз карда шуданд, яъне аз истилоҳи «...маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол»[2] бо истилоҳи «...ҳимояи рақобат»[4] иваз карда шуд. Гузашта аз ин, «на танҳо иваз кардани мафҳумҳо, балки мундариҷаи сиёсат низ ба амал омад, ки на ба ташаккули иқтисоди самараноки бозор дар асоси рушди муносибатҳои солими рақобатӣ...»[115], балки ба мубориза бо фаъолияти монополистӣ равона карда шудааст ва дар айни замон танҳо чораҳои таҳримиро истифода мебарад.

4. Дар марҳилаи кунунии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини устувории низоми иқтисодӣ дар шароити сатҳи баланди монополизатсия, афзалияти унсурҳои ғайрибозории хоҷагидорӣ ва тамоюли густариши иқтисоди пинҳонӣ ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мегардад. Дар чунин шароит, иқтисоди пинҳонӣ бо истифода аз механизмҳои носолими рақобат ба раванди рушди бозор таъсири манфӣ расонида, суботи иҷтимоию иқтисодии ҷомеаро халалдор месозад.

5. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки масъалаи таъмини ҳамбастагии унсурҳои рақобат ва монополия дар низоми иқтисодӣ аҳаммияти хоса касб мекунанд. Чунин ҳамбастагӣ ба ташаккули муҳити самараноки хоҷагидорӣ мусоидат намуда, ҳамчун омили ҳавасмандгардонии субъектҳои бозор ба фаъолияти инноватсионӣ ва ҷорӣ намудани навовариҳо баромад

мекунад. Ҳамзамон он ба равандҳои ташаккул ва тақсимоти даромад таъсир расонида, дар маҷмуъ барои баланд бардоштани сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар замина фароҳам меорад.

Дар марҳилаи таҳаввули сохтори иқтисоди миллӣ, ки бо раванди гузариш аз модели аграрӣ – саноатӣ ба модели саноатӣ – аграрии рушди иқтисодӣ тавсиф мегардад, зарурати ташаккули механизми муассири танзими рақобат аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Чунин механизм бояд ҳамоҳангии таъсири қувваҳои бозорӣ ва дахолати давлатиро таъмин намуда, ба танзими мувозинати равандҳои рақобат дар иқтисодиёт мусоидат намояд.

6. Аз натиҷаи таҳқиқот муайян шуд, ки стратегияи рақобат чун механизими ҳаракатдиҳандаи иқтисодиёт эътироф карда шуда, дурнамои фаъолиятро дар фазои рақобат муайян мекунанд. Ба иштирокчиёни бозор имкон медиҳад, ки рақобатпазириро нигоҳ дорад ва ҳифз намояд, мавқеъро дар бозор мустаҳкам кунад ва бартариро аз болои рақибон таъмин намояд. Раванди ҷустуҷӯйи мавқеъҳои навро дар бозор баррасӣ намуда, воруди истеъмолгарони дар соҳа мавҷуда ё ҷалби истеъмолгарони комилан навро таъмин мекунанд. Он маънои интихоби роҳеро дорад, ки аз роҳи дигарон фарққунанда аст.

7. Барои истодагарӣ карда тавонистан дар бозори рақобат, махсусан дар бозори соҳавии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вариантҳои модели стратегияи рақобат тавсия карда шуд, ки ба фатҳи бозори молҳои истеъмолӣ имконият медиҳанд. Муайян карда шуд, ки сатҳи фишори қувваҳои бозорӣ доимӣ нестанд. Дар вобастагӣ аз марҳилаи рушди соҳа қувваҳои рақобат ва қудрати онҳо низ тағйир меёбанд, аз ин рӯ стратегияҳои рақобатӣ низ фарқ мекунанд. Бинобар ин, барои ба даст овардани бартариҳои рақобатӣ дар бозор бояд ҳама стратегияҳо бомаврид истифода шаванд. Зеро, хусусияти умумӣ барои онҳо бунёди арзиш ва фоиданокии иловагии ҳар як мол ва хидмати пешниҳодшуда буда, ҳадаф таъмини самаранокии фаъолият аз устувории рақобатӣ дар бозор аст.

# БОБИ 2. АРЗЁБИИ САТҲИ РАҚОБАТ ДАР СЕГМЕНТИ БОЗОРИ МОЛҲОИ ИСТЕЪМОЛӢ

## 2.1. Вазъи умумии бозори молҳои истеъмолӣ дар шароити густариши муносибатҳои рақобатӣ

Дар давраи густариши муносибатҳои бозорӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат, аз ҷумла дар соҳаҳои истеҳсолот ва таҳвил ба бозори молҳои истеъмолӣ мушкилиҳои сершуморе ба миён омаданд, ки ҳалли худро талаб мекунанд. Байни онҳо ҳиссаи пасти истеҳсолоти ватанӣ, афзалият доштани маҳсулоти воридотӣ, сифати нисбатан пасти мол, сатҳи пасти даромади аҳолӣ ва ғайраҳо масъалаҳои асосӣ ба шумор мераванд. Зимнан қайд кардан зарур аст, ки дар солҳои истиқлол баъзе аз ҷабҳаҳои муаммоҳои рушди бозори молҳои истеъмолӣ дар фазои рақобат нисбатан муфассал дар асарҳои олимони иқтисоддони ватанӣ, аз ҷумла: А.Рауфӣ[149], А.М. Раҳимов[53], М.М. Шарифзода[71], М.Ҷамшедов[32], Н.Ҳ. Фақеров[63], С.А. Газибеков[31], С.Зубайдов[115] ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Рушди бозори молҳои истеъмолӣ, дар навбати аввал, аз фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ вобаста аст, ки дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти ватанӣ инъикос меёбад. Он дар сатҳи мамлакат бо ММД ва дар сатҳи минтақаҳо чун маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) ифода мешавад. Дар ҳақиқат, дар сохтори МММ дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон низ истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ҷойи муҳимро ишғол мекунад.

Аз тарафи дигар, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли ММД ва МММ дар минтақаҳо чунин маъно дорад, ки талабот дар бозори миллӣ тамоюл ба афзоиш дорад. Вале, дар акси ҳол таназзули истеҳсолоти ватанӣ ба он оварда мерасонад, ки талаботи қонеъ нагардонида аз ҳисоби дигар мамлакатҳо ворид сохтани молу хизматҳо рӯйпӯш карда мешавад, ки ин дар ниҳояти кор маънои афзоиши воридоти маҳсулоти озуқавориро дорад. Худи ҳамин ҷараёни раванди манфӣ буда, вобастагии ҷумҳуриямонро аз бозорҳои берунаи дигар нишон медиҳад. Ҷанбаи мусбати афзоиши воридот танҳо дар чунин самтҳо, аз қабили аз байн бурдани касри молҳои истеъмолӣ, амиқрафти рақобат, шиносоӣ бо

олами беруна дар қисми техникаю технологияи муосир ва бо молҳои инноватсионӣ зоҳир мегардад. Ҳамаи ин, дар маҷмуъ метавонад боиси фаъолгардии фаъолияти иқтисодии корхонаҳои резидентӣ, шаҳрвандони мамлакат гардад, то онҳо ба рақобат тобовар шуда, молҳои рақобатпазир истеҳсол кунанд. Дар баробари ин, афзоиши воридот ба ном ҷанбаи муҳимми манфӣ дорад: дар бозори миллии молҳои истеъмолӣ барои фармонфармо гаштани молистеҳсолкунандаи хориҷӣ замина ба вуҷуд оварда мешавад, ки он ба амнияти иқтисодии мамлакат таъсири манфӣ мерасонад. Дар илми иқтисод дар ин бобат зикр шудааст, ки воридоти мол бояд аз рӯйи меъёр сурат гирад, яъне аз меъёри муайяншуда набояд зиёд шавад. Аз ҷумла, дар сарчашмаҳои илмӣ чунин меъёр пешниҳод шудааст, ки «...сатҳи ҳаддии воридоти молҳои истеъмолӣ, ки вобастагии озуқавориро таъмин мекунад, ҳадди аксар набояд аз 30-35% зиёд бошад»[50, с.72]. Аз рӯйи маълумотҳои оморӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир сатҳи воридоти молҳо 78,2%-ро ташкил кардааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар соли 2024 нисбат ба соли 2020 ҳиссаи воридоти маҳсулоти озуқаворӣ ба 9,1% зиёд гардидааст[14, с.20; 15, с.19; 17, с.317]. Аз ин маълумотҳо чунин бармеояд, ки дар бозори молҳои истеъмолӣ, дар шароити рақобат мо бояд тадбирҳои зиёд андешем, то ба рушди мамлакат ва беҳтар намудани қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо молҳои ватанӣ таъсир расонем. Дар баробари ин, ба сифати молҳои истеҳсолшаванда ва сифати хизматрасонии савдо диққати махсус додан лозим аст. Бо ин амал ду мақсад ба даст меояд: пур кардани бозори истеъмолӣ бо молҳои хушсифати истеҳсоли ватанӣ ва истодагарӣ кардан дар баробарӣ рақобати беруна бо молҳои воридотӣ.

Ба назари мо, афзалиятҳои рақобатӣ, аз қабили сиёсати босаводонаи созандаи роҳбарияти мамлакат, захираҳои арзони ашёи хоми маҳаллӣ, неруи кории барзиёд, захираҳои пуриқтидори неруи барқ, захираҳои табиии барои афзоиши истеҳсоли аксарияти молҳои саноатӣ ва истеъмолӣ имкониятҳои мусоид ба вуҷуд меоранд. Ҳамаи ин, тадриҷан имкон медиҳад, аз ҳисоби босуръат ба роҳ мондани истеҳсолоти худӣ сатҳи воридоти маҳсулотро аз

хориҷа паст намоем. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки стратегияҳои рушди устувори бозори истеъмолии дохилӣ ва беҳтар намудани хизматрасонии савдо ба аҳолӣ тавассути афзоиши нишондиҳандаҳои миқдорию сифатии индикаторҳои микроиқтисодии ҳаҷмӣ яке аз самтҳои асосии стратегияи рушд бояд гардад.

Ба хотири риояи адолат қайд кардан зарур аст, ки дар чаҳорчӯбаи як кори илмӣ ҳамаи муаммоҳоро баррасӣ кардан имконнопазир аст. Бинобар ин, мухтасаран баъзеи онҳоро баррасӣ мекунем. Индикатори аввал Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) мебошад. МММ нишондиҳандаи моликияти иқтидори иқтисодӣ буда, ба рақобати бозор таъсири мустақим расонида ба зиёд шудани рақобати солим, коҳиши нарх, баланд шудани сифат ва ҷалби сармоя мусоидат мекунад. Аммо, рушди он нобаробар сурат гирад, метавонад боиси рақобати маҳдуд ва пайдоиши монополия шавад. Нишондиҳандаҳои оморӣ қимати мусбати нишондиҳандаҳои маҷмуи маҳсулоти минтақавиро дар давраи мавриди таҳлил собит месозанд (ҷадвали 2.1.1.).

**Ҷадвали 2.1.1. - Ҳиссаи минтақаҳо дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ**

| Минтақаҳо | Воҳиди ченак | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Фарқият дар соли 2024 нисбат ба соли 2015 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ** | **млн. сомони** | **43745,9** | **49921,1** | **56001,8** | **61368,4** | **68691,3** | **73870,5** | **91932** | **108831** | **123026,8** | **146111,7** | **334** |
| **Вилояти Суғд** | млн сомонӣ | 12036,9 | 14654,8 | 17510,7 | 18343,8 | 20537,1 | 21261,9 | 27465,4 | 31939,2 | 35177,4 | 42433,3 | 350 |
| | бо % | 27,5 | 29,4 | 31,3 | 29,9 | 29,9 | 28,8 | 29,8 | 29,3 | 28,6 | 29,0 | +1,5 |
| **Вилояти Хатлон** | млн сомонӣ | 12855,2 | 14620,2 | 16003,7 | 17107,5 | 19664,0 | 22080,5 | 26967,8 | 33832,1 | 36064,7 | 42803,6 | 333 |
| | бо % | 29,4 | 29,3 | 28,6 | 27,9 | 28,6 | 29,9 | 29,3 | 31,1 | 29,3 | 29,3 | -0,1 |
| **НТМ** | млн сомонӣ | 7590,6 | 8913,7 | 9719,9 | 1073,5 | 12287,6 | 13532,6 | 17314,1 | 19173,7 | 23641,8 | 27117,2 | 357 |
| | бо % | 17,4 | 17,9 | 17,4 | 1,7 | 17,9 | 18,3 | 18,8 | 17,6 | 19,2 | 18,6 | +1,2 |
| **ВМКБ** | млн сомонӣ | 716,8 | 841,2 | 956,5 | 1035,6 | 1063,4 | 1065,0 | 1278,8 | 1365,3 | 1736,6 | 2501,9 | 349 |
| | бо % | 1,6 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,5 | 1,4 | 1,39 | 1,3 | 1,4 | 1,71 | +0,11 |
| **ш. Душанбе** | млн сомонӣ | 10546,4 | 10891,2 | 11811,0 | 13808,0 | 15139,2 | 15570,5 | 18905,8 | 22520,7 | 26406,3 | 31255,7 | 296 |
| | бо % | 24,1 | 21,8 | 21,1 | 22,5 | 22,0 | 21,1 | 20,5 | 20,7 | 21,5 | 21,4 | -2,7 |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [17, с.215; 19, с.214].*

Маълумоти омории расмӣ нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 2015-2024 МММ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли мусбати рушд дорад ва аз 43745,9 млн сомонӣ ба 146111,7 млн сомонӣ расидааст [17, с.215].

Зиёд шудани МММ ба ғанӣ гардидани бозор бо мол ва хизматҳо мусоидат намуда, гуногунрангии рақобатро зиёд мекунад, зеро дар ин ҳолат ширкатҳо маҷбур мешаванд барои ҷалби харидор аз болои сифат ва нарх кор кунанд. Инчунин, баландшавии ҳаҷми истеҳсолот ба пайдо шудани бозингарони нав дар бозор ва зиёд шудани миқдори рақибон мусоидат мекунад, ки дар натиҷаи имкони интихоби истеъмолгарон беҳтар мегардад.

Коҳиши ночизи МММ-ро (ВМКБ -0,1%, ш.Душанбе -2,7) мушоҳида кардан мумкин аст, ки ба фаъолияти иқтисодӣ таъсири манфӣ расонида ба кам шудани имкониятҳои бозор мусоидат мекунад ва ба вазъи рақобат бетаъсир намемонад, аз ҷумла:

- ширкатҳо миқёси истеҳсолотро коҳиш медиҳанд ва рақобат барои мизоҷон шадидтар мешавад;

- коҳишёбии имконияти ворид шавии сармоя ва субъектҳои нави иқтисодӣ ба бозор метавонад боиси заиф гардидани муҳити рақобатӣ ва пастшавии сатҳи рақобат гардад;

- ширкатҳои заиф аз бозор берун мешаванд, ки дар натиҷа шумори рақибон кам шуда, бозор ба дасти чанд ширкат мегузарад (бозор хусусияти монополӣ ё олигополӣ касб мекунад).

Инчунин, МММ ба вазъи рақобат таъсир расонида, он самаранокии истифодаи захираҳои минтақа, пеш аз ҳама, қувваи корӣ ва сармояро дар муқоиса бо дигар минтақаҳо инъикос мекунад. Ҳар қадаре, ки ҳаҷми МММ зиёд бошад, ҳамон қадар самаранокии иқтисодиёти минтақа дар муқоиса бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ баландтар буда, рақобатпазирии соҳа низ устувор аст. Тавре маълумоти омории ҷадвал нишон медиҳад, динамикаи мусбати махсуси МММ-ро дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ, НТҶ ва шаҳри Душанбе мушоҳида кардан мумкин аст ва агар ба фазои рақобат дар минтақа назар кунем, сатҳи рақобат бо тартиби зайл: 3,5 баробар, 3,3 баробар, 3,5 баробар,

3,6 баробар, 2,9 баробар боло рафтааст. Аз ин ҷо бармеояд, ки иқтисодиёти рақобатпазир нисбати дигар минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон НТҶ буда, ҷойи дувум ва сеюмро вилоятҳои Суғд ва ВМКБ ишғол намуда, иқтисодиёти минтақаро чун яке аз рақобатпазиртаринҳо тавсиф мекунанд.

МММ на танҳо нишондиҳандаи ҳолати иқтисодӣ, балки омили муҳимми ташаккули муҳити рақобатӣ дар бозор маҳсуб ёфта, баланд шудани он одатан ба афзоиши рақобат, навовариҳо ва беҳтар шудани сифати молу хизматрасониҳо мусоидат мекунад. Баръакс, паст будани он метавонад инъикоскунандаи бозори ғайрифаъол ва рақобати суст бошад.

Ба фикри мо, барои беҳтар кардани бозори истеъмолӣ дар минтақаҳои МММ-ашон паст, бояд ба рушди саноат, сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ аҳаммият дод, ки он ба афзоиши шумораи корхонаҳо мусоидат мекунад.

Дар навбати худ, афзоиши шумораи корхонаҳо ба сатҳи рақобат дар бозори истеъмолӣ метавонад тавассути зиёдшавии шумораи рақибон ва баробар шудани иқтидору андозаи онҳо таъсир расонад.

Бояд қайд кард, ки бо афзоиши бизнес, ширкат метавонад рушд кунад ва дар сегменти нави бозор рақобат намояд, ё ин ки худи бозор инкишоф ёбад ва дигар бозингаронро ҷалб кунад, ки бо ширкат рақобат кунанд. Дар ин ҳолат, ширкат аз муҳити рақобатпазириаш паст ба муҳити рақобатпазириаш баланд ворид мешавад (расми 2.1.1.).




**Расми 2.1.1. Теъдоди ширкатҳо дар бозори молҳои истеъмолӣ**

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [16, с.353; 17, с.227; 19, с.226].*

Шароити мусоид ба рушди бизнес дар соҳа имконият фароҳам овард, ки теъдоди ширкатҳо дар саросари ҷумҳурӣ, ҳамчунин минтақаҳои он бо суръати муътадил зиёд шаванд ва ба инкишофи муҳити рақобат мусоидат намоянд. Дар давоми солҳои 2015-2024 теъдоди ширкатҳо дар бозори молҳои истеъмолӣ 136% ё 15483 воҳид зиёд шуд. Қайд кардан лозим аст, ки ҳиссаи асосии ширкатҳо дар бозори молҳои истеъмолӣ дар давраи мавриди баррасӣ, ба вилояти Хатлон рост меояд, яъне теъдоди ширкатҳо 3677 воҳид ё 129,7% афзуда, ба 16027 воҳид расидааст. Суръати мусбати афзоиш, ҳамчунин дар вилояти Суғд, ш.Душанбе, ВМКБ ва НТҶ мушоҳида мешавад. Дар давраи мавриди таҳлил шумораи субъектҳои амалкунанда дар ин минтақаҳо мутаносибан 1,44, 1,44, 1,28 ва 1,27 баробар афзудаанд. Ин далолат аз он медиҳад, ки дар бозори молҳои истеъмолии ҷумҳурӣ барои воридшудан ба бозор ва имконияти бурдани рақобат муҳити мусоид мавҷуд аст[16, с.353; 17, с.227; 19, с.226].

Шакли моликият нишондиҳандаи муҳимми дигарест, ки тавассути он вазъи рақобатро дар бозори истеъмолӣ арзёбӣ кардан мумкин аст. Дар асоси нишондиҳандаҳои расми 2.1.2. сохтори корхонаҳои амалкунанда дар бозори молҳои истеъмолӣ тибқи шаклҳои моликият таҳлил карда мешавад.




**Расми 2.1.2. Шумораи корхонаҳои амалкунанда дар бозори молҳои истеъмолӣ** (аз рӯйи шакли моликият)

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [16, с.353; 17, с.227; 19, с.226].*

Аз маълумотҳои расми 2.1.2. маълум гардид, ки миқдори ҳамаи корхонаҳои амалкунанда дар бозори ҷумҳурӣ соли 2024 57841 воҳид буда, ин нисбат ба нишондиҳандаи соли 2015 136,5% зиёд мебошад. Аз онҳо 10618 воҳид ё 18,4% ҳиссаи давлатӣ, 45708 воҳид ё 79% хусусию дастаҷамъӣ ва 1515 воҳид ё 2,6% шаклҳои дигари моликият аст. Шумораи корхонаҳои давлатӣ дар бозор солҳои 2015-2024 1,15 баробар афзуда, соли 2024 1457 воҳидро ташкил кард. Вале, ҳиссаи умумиҷумҳуриявии он соли 2024 нисбат ба соли 2015 3,2% кам гардид, ки сабаби чунин тамоюл афзоиши шумораи корхонаҳои шаклҳои дигари моликият дар бозори истеъмолӣ мебошад. Дар ин ҷо қайд кардан лозим аст, ки шумораи асосии корхонаҳо дар бозори молҳои истеъмолӣ ба ҳиссаи хоҷагиҳои хусусӣ ва дастаҷамъӣ рост меояд. Агар шумораи корхонаҳои моликияти хусусӣ ва дастаҷамъӣ соли 2015 32507 воҳидро ташкил карда бошад, соли 2024 он нисбат ба соли 2015 1,4 баробар афзуда, ҳиссаи он дар нишондиҳандаи умумиҷумҳуриявӣ 79%-ро ифода мекунад[16, с.353; 17, с.227; 19, с.226]. Ҳиссаи корхонаҳои шакли моликияташон давлатӣ ва корхонаҳои шаклҳои дигари моликият дар бозори истеъмолии ҷумҳурӣ бо сабаби афзудани ҳиссаи корхонаҳои шакли моликияташон хусусӣ коҳиш ёфтааст (расми 2.1.3.).




**Расми 2.1.3. Ҳиссаи ширкатҳои хурд ва миёна дар ҳаҷми умумии бозори молҳои истеъмолӣ дар соли 2024** (бо фоиз)

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [16, с.353; 17, с.228; 19, с.226].*

Аз маълумотҳои омории дар расми 2.1.3. оварда шуда чунин бармеояд, ки ҳиссаи ширкатҳои хурд ва миёна дар ҳаҷми умумии бозори молҳои истеъмолӣ аз рӯйи ҷойгиронии корхонаҳо дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазни қиёсии аз ҳама зиёдро дар соли 2024 бо 29,6% вилояти Суғд дорад. Дар тамоми давраҳои мавриди таҳқиқ ин нишондиҳандаи вилояти Суғд аз 24,4 то 29,6% расидааст, ки тамоюл ба рушд дорад. Тақрибан чунин мавқеъро бо ҳиссаи андаке камтар вилояти Хатлон (26,4%) ишғол мекунад. Мавқеи назаррасро аз рӯйи вазни қиёсии корхонаҳо дар ҷумҳурӣ иқтисодиёти ш.Душанбе ишғол мекунад, ки дар ҷамъбасти умумӣ дар ҳудуди аз 22,1% қарор дорад. Дар умум, метавон қайд кард, ки фаъолияти иқтисодии аз ҳама зиёди субъектҳои хоҷагидорӣ дар ш.Душанбе ба назар мерасад. Ба хурдии масоҳати ш.Душанбе назар ба вилоятҳои Суғд ва Хатлон нигоҳ накарда, дар ин ҷо қариб чоряки шумораи корхонаҳои ҷумҳурӣ ҷойгир шудаанд. Аз ин ҷо, ба хулоса расидан мумкин аст, ки бозори молҳои истеъмолӣ аз ҳама бештар дар ш.Душанбе тараққӣ кардааст. Ҷойҳои чаҳоруму панҷумро аз рӯйи ин нишондиҳанда ВМКБ (4,6%) ва НТҶ (16%) ишғол мекунанд, ки ба вуҷуд овардани инфрасохтори дахлдорро тақозо менамояд[16, с.353; 17, с.228].

Бояд қайд кард, ки давлат аз дигар иштирокчиёни раванди иқтисодӣ тавассути доштани имконияти таъсиррасонӣ ба низоми иқтисодӣ бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти истеҳсолкунандагону истеъмолкунандагон фарқ мекунад. Илова бар ин, сиёсати рақобатии давлатӣ дар ҷумҳурӣ ба таъмини шароит барои рақобати субъектҳои хоҷагидор, баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, навсозии корхонаҳо ва фароҳам овардани шароит барои таъмини талаботи шаҳрвандон ба мол ва хидматрасонӣ нигаронида шудааст. Далелҳое, ки дар боло оварда шудаанд, асосӣ ин гуфтаҳоянд.

Ғайр аз он, омадан ё рафтани ширкатҳои калон метавонад ба сатҳи рақобат низ таъсир расонад, яъне омадани бозигари калидии нав метавонад боиси тағйир додани қоидаҳои бозӣ гардад ва рафтани як ширкати калон ба тағйирёбии сохтори соҳа ва тақсимоти истеъмолкунандагон оварда расонад.

Зикр кардан зарур аст, ки дар баробари дигар соҳаҳои хоҷагидорӣ соҳаи савдо дар муҳити рақобатии бозори истеъмолӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад, зеро рақобат ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи муносибатҳои бозорӣ боқӣ мемонад. Рушди иқтисодиёт аз тараққиёбии субъектҳои хоҷагидор дар соҳа вобастагии калон дошта, имконияти ташаккулёбии бозорҳои соҳавӣ, аз ҷумла соҳаи савдоро медиҳад (ниг. ба замимаи 2).

Маълумотҳои оморӣ собит месозанд, ки дар ҷумҳурӣ афзоиши ҳаҷми умумии савдо ба назар мерасад. Дар солҳои 2015-2024 ҳаҷми савдо 3,8 маротиба ё 40688,8 млн сомонӣ зиёд шудааст. Чунин тамоюл боиси афзоиши ҳиссаи савдо дар МММ гардид. Агар ҳиссаи ҳаҷми савдо дар МММ-и соли 2015 32,9%-ро ташкил карда бошад, дар соли охири давраи мавриди таҳлил он ба 37,7% расид. Аз маълумотҳои омории ҷадвал маълум аст, ки афзоиши ҳаҷми савдо фақат дар вилоят Хатлон ба назар мерасад. Ин нишондиҳанда дар вилояти Хатлон 3,5 маротиба ё 12878,9 млн сомониро ташкил карда ҳиссаи соҳаи савдо дар МММ-и вилоят 2,7% афзудааст. Вале, дар ин ҷо як далелро зикр кардан лозим аст: ба афзоиши ҳаҷми умумии савдо дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ нигоҳ накарда, ҳиссаи он дар МММ сол то сол коҳиш меёбад. Ҳиссаи соҳаи савдо дар МММ вилояти Суғд соли 2024 нисбат ба соли 2015 18,6%, ВМКБ 6,5%, НТҶ 16,1%, ш.Душанбе 6,2% паст шудааст. Ба назари мо, чунин тамоюл аз ҳисоби афзоиши ҳиссаи соҳаи хоҷагии қишлоқ, саноати коркард, нақлиёт, алоқа ва дигар қисмҳои таркибӣ дар сохтори МММ ба амал меояд.

Таъкид кардан зарур аст, ки дар ҷумҳурӣ афзоиши ҳаҷми савдои чакана мушоҳида мешавад. Суръати миёнаи афзоиш дар давраи мавриди таҳлил 15,8%-ро ташкил мекунад, ки дар бораи суръати хуби афзоиш шаҳодат медиҳад. Гуфтан лозим аст, ки ҳаҷми савдои чакана дар иқтисодиёти миллӣ дар даҳ соли охир 3,8 баробар зиёд шудааст[17, с.215, 351; 19, с.214, 345].

Аз рӯйи нишондиҳандаҳои оморӣ ҳаҷми савдои чаканаи молҳои озуқаворӣ дар соли 2015 7045,1 млн сомониро ташкил карда, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии савдо ба 49% расид. Ин нишондиҳанда соли 2024 27478,2 млн сомониро ташкил кард, яъне нисбат ба сатҳи соли 2015 3,5 маротиба ё 20433,1 млн сомонӣ зиёдтар буд. Мутаносибан, сатҳи афзоиши ҳиссаи он аз ҳаҷми

умумии савдои чакана дар соли 2024 нисбат ба соли 2015 0,9% афзуда, 49,9%-ро ташкил кард (ҷадвали 2.1.2.).

**Ҷадвали 2.1.3. - Нишондиҳандаҳои мушаххасе, ки вазъи соҳаи савдои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои 2015-2024 тавсиф мекунанд**

| Нишонди-ҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
| Гардиши савдои чакана | млн сомонӣ | 14377,7 | 16166,7 | 18435,2 | 20479,7 | 24948,3 | 27024,8 | 33259,5 | 39498,4 | 48518,5 | 55066,4 |
| | суръати афзоиш нисбат ба соли гузашта | | | | | | | | | | |
| | бо % | 12,1 | 12,4 | 14,0 | 11,1 | 21,8 | 8,3 | 23,07 | 18,8 | 22,8 | 13,5 |
| | ҳамагӣ, бо % | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Савдои чаканаи молҳои озуқа | млн сомонӣ | 7045,1 | 7921,7 | 9144,1 | 9891,7 | 12099,9 | 13053,0 | 16529,9 | 19709,7 | 24210,8 | 27478,2 |
| | суръати афзоиш нисбат ба соли гузашта | | | | | | | | | | |
| | бо % | 14,2 | 12,4 | 15,4 | 8,2 | 22,3 | 7,9 | 26,6 | 19,2 | 22,8 | 13,5 |
| | ҳисса дар ҳаҷми умумӣ | | | | | | | | | | |
| | бо % | 49,0 | 49,0 | 49,6 | 48,3 | 48,5 | 48,3 | 49,6 | 49,8 | 49,9 | 49,9 |
| Савдои чаканаи молҳои ғайриозуқа | млн сомонӣ | 7332,6 | 8245,0 | 9291,1 | 10588,0 | 12848,4 | 13971,8 | 16729,6 | 19877,7 | 24307,8 | 27588,3 |
| | суръати афзоиш нисбат ба соли гузашта | | | | | | | | | | |
| | бо % | 10,2 | 12,4 | 12,7 | 14,0 | 21,3 | 8,7 | 19,7 | 18,8 | 22,2 | 13,4 |
| | ҳисса дар ҳаҷми умумӣ | | | | | | | | | | |
| | бо % | 51,0 | 51,0 | 50,4 | 51,7 | 51,5 | 51,7 | 50,4 | 50,2 | 50,1 | 50,1 |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [16, с.613; 17, с.352, 358].*

Тавре дида мешавад, динамикаи афзоиши савдои чаканаи молҳои ғайриозуқа ҷолиби диққат аст. Соли 2024 ҳаҷми савдо 27588,3 млн сомониро ташкил кард, ки нисбат ба соли 2015 3,4 маротиба зиёд аст. Ҳолати овардашуда дар ин сегмент суръати баланди рушдро нишон медиҳад. Аз рӯйи суръати миёна нишондиҳандаи мазкур ба 15,3% баробар аст, ки аз мавҷудияти афзоиши мусбат шаҳодат медиҳад. Дар ин ҷо қайд кардан зарур аст, ки зиёд шудани ҳиссаи савдои чаканаи молҳои озуқаворӣ аз ҳисоби коҳиши ҳаҷми савдои чаканаи молҳои ғайриозуқа ба амал омадааст.

Таҳлили гузаронидашуда дар асоси маълумотҳои оморӣ оид ба ҳиссаи соҳибкорони инфиродии машғули тиҷорат нишон дод, ки соли 2024 миқдори соҳибкорони фаъолият мекарда ба 330,3 ҳазор воҳид расида, ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2015 86,5 ҳазор воҳид зиёд гардид. Ба ибораи дигар, шумораи соҳибкорон дар мамлакат дар давраи мавриди таҳлил 35,4% афзудааст. Вале, аз сабаби мавҷудияти рақобати шадид дар бозори молҳои истеъмолӣ ва мавҷудияти як қатор монеаҳои бозорӣ (дастрасии нокифоя ба молия ва фоизи баланди андоз, ноустувории танзими давлатӣ ва ғайра) шумораи соҳибкорони инфиродӣ дар иқтисодиёти миллӣ кам шудааст. Масалан, шумораи соҳибкорони инфиродие, ки бо тиҷорат машғуланд, соли 2024 нисбат ба соли

2015 то 18,3 ҳазор воҳид ё 48,01% коҳиш ёфт. Нишондиҳандаи аз ҳама баланди шумораи соҳибкорони савдои инфиродӣ дар соли 2017 ба мушоҳида мерасад. Дар ин сол, ин нишондиҳанда 39,8 ҳазор воҳидро ташкил кард. Дар ҳиссаи соҳибкорони инфиродӣ дар шумораи умумии сохторҳои соҳибкорӣ низ вазъияти шабеҳро муқоиса кардан мумкин аст (расми 2.1.4.).



| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумии соҳибкорон (ҳаз. нафар) | 243,8 | 257,1 | 270,1 | 284,7 | 295,7 | 304 | 307,8 | 307,2 | 316,5 | 330,3 |
| Шумораи соҳибкорони инфиродӣ, ки ба тиҷорат машғуланд (ҳаз. нафар) | 35,2 | 32,7 | 39,8 | 31,5 | 32 | 25,2 | 25,2 | 18,6 | 17,5 | 16,9 |

**Расми 2.1.4. Ҳиссаи соҳибкорони инфиродии машғули тиҷорат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [17, с.239].*

Мувофиқи модели тавсиянамудаи М.Портер таъсири муҳити рақобат ба фаъолияти ташкилотҳои соҳаи савдо дар якчанд самт ба амал меояд, аз ҷумла: рақобат байни фурӯшандагон, таҳдиди пайдоиши рақибони нави эҳтимолӣ, таҳдид аз ҷониби таъминкунандагон, имкониятҳои иқтисодӣ ва қобилияти тиҷоратии ширкатҳо. Тавоноии рақибонро шароите, ки ҳар кадоми онҳо фаъолият мебаранд, муайян мекунад.

Боиси қайд аст, ки ҳолати бухронӣ соҳибкории инфиродиро водор мекунад, то ки ба стратегияи хароҷоти кам рӯй оварад, зеро дар шароити имрӯзаи бозори молҳои истеъмолӣ, сарфакорӣ усули маъмултарини баланд бардоштани рақобатпазирӣ боқӣ мемонад. Дар навбати худ, рушди устувори соҳибкории инфиродӣ ба рушди муҳити рақобат таъсири мусбат мерасонад. Бинобар ин, тамаркузи талошҳои ҳукумат бояд, пеш аз ҳама, ба ташаккули муҳити мусоид барои бизнес равона карда шавад, зеро бидуни сиёсати мақсаднок оид ба ҳифзи рақобат, рушди соҳибкории хурду миёна, диверсификатсияи иқтисодиёт ва рушди босуръати бахшҳои муҳимро таъмин кардан ғайриимкон аст.

Масъалаи дигари мубрам, ин таносуби бунёди корхонаҳои нав ва истодагарӣ карда тавонистани онҳо дар фазои рақобатӣ мебошад. Зеро, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз миқдори умумии корхонаҳои таъсисдодашуда дар давраи таҳлил, аксари онҳо аз фаъолият бозмондаанд.

Маълумотҳои омории дар расми 2.1.5. овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки соли 2024 аз миқдори умумии шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифташуда (57841 воҳид) 34242 воҳиди онҳо фаъолияткунанда мебошанд.




**Расми 2.1.5. Шумораи шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифташуда аз рӯйи андоза ва ҳудуди ҷумҳурӣ дар соли 2024**

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [17, с.228].*

Шумораи шахсони ҳуқуқӣ, ки то 30 нафар корманд доранд, дар тамоми ҷумҳурӣ 28429 воҳид буда, аз он ба ВМКБ 1381 воҳид, вилояти Хатлон 7327 воҳид, вилояти Суғд 8578 воҳид, ш.Душане 6560 воҳид ва ба НТҶ 4583 воҳид рост меояд. Шумораи шахсони ҳуқуқӣ, ки миқдори коргарашон аз 31 то 200 нафар аст, дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 5398 воҳид буда, тибқи реестри давлатӣ миқдори чунин шахсони ҳуқуқӣ мавриди таҳлил дар вилояти Хатлон 1710 воҳид, дар вилояти Суғд 1561 воҳид, дар ш.Душанбе 1027 воҳид, дар НТҶ 890 воҳид, ВМКБ 210 воҳид мебошад. Аз ҷумла, миқдори шахсони ҳуқуқӣ бо теъдоди бештар аз 200 корманд дар ҷумҳурӣ 415 воҳид буд. Аз онҳо 103 воҳид дар вилояти Суғд, 99 воҳид дар вилояти Хатлон, 167 воҳид дар Душанбе, 39 воҳид дар НТҶ, 7 воҳид дар ВМКБ ба қайд гирифта шудааст[17, с.228].

Дар асоси маълумотҳои оморӣ метавон таъкид кард, ки аз шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифта шуда, қисми зиёдашон муваққатан фаъолият намебаранд ва ё як қисмашон дар арафаи муфлисшавӣ қарор доранд. Соли 2024 дар ҷумҳурӣ 57841 воҳид шахсони ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шуда, аз онҳо 34242 адад (59,2%) фаъолият мебаранд. Ин нишондиҳанда дар вилояти Суғд 68,6%, вилояти Хатлон 57%, дар шаҳри Душанбе 49,5%, дар НТҶ 61,1% ва ВМКБ 71,8%-ро ташкил мекунад. Аз рӯйи нишондиҳандаи корхонаҳои амалкунанда нишондиҳандаи баландтарин дар ВМКБ (73%), нишондиҳандаи пасттарин дар ш.Душанбе (49,5%) ба мушоҳида расидааст.

Дар ин ҷо, як аломати фарқкунандаи ташаккули шахсони ҳуқуқиро аз миқдори кормандони онҳо дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд кардан лозим аст. Агар аз рӯйи миқдори шахсони ҳуқуқии дорои то 30 корманд ҷойи якумро вилояти Суғд ишғол кунад, нишондиҳандаи аз ҳама баланд аз рӯйи шахсони ҳуқуқии дорои аз 31 то 200 корманд дар вилояти Хатлон мушоҳида мешавад. Аз рӯйи миқдори шахсони ҳуқуқии дорои бештар аз 200 корманд шаҳри Душанбе пешсаф аст. Аз ин ҷо, ба хулосае расидан мумкин аст, ки аксарияти шахсони ҳуқуқии шаҳри Душанбе бар хилофи шахсони ҳуқуқии дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ афзалиятро ба фаъолият дар шакли корхонаҳои азим медиҳанд.

**Ҷадвали 2.1.3. - Шумораи шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифташуда аз рӯйи моликият, андоза ва соҳаҳои иқтисодиёт дар соли 2024**

| Ченак | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла амалкунанда | Аз онҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | то 30 нафар | аз 31 то 200 нафар | аз 201 нафар зиёд |
| Умуман, дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ | | | | | |
| воҳид | 57841 | 34242 | 28429 | 5398 | 415 |
| Корхонаҳои савдои яклухт ва чакана | | | | | |
| воҳид | 10777 | 4464 | 4326 | 122 | 16 |
| Ҳиссаи корхонаҳои савдо дар шумораи умумии корхонаҳо | | | | | |
| бо % | 18,6 | 13,03 | 15,2 | 2,26 | 3,9 |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [17, с.229].*

Тибқи маълумотҳои дар ҷадвали 2.1.3. оварда шуда, миқдори шахсони ҳуқуқии дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ба қайд гирифта 57841 воҳидро ташкил мекунад. Дар соли мавриди таҳлил миқдори умумии корхонаҳои

савдои яклухт ва чаканафурӯшӣ дар ҷумҳурӣ 10777 воҳид буд. Аз ҳамаи корхонаи савдои яклухту чаканафурӯшии ба қайд гирифта танҳо 4464 воҳид (41,4%) фаъолият мекунанд. Дар ин нишондиҳанда ҳиссаи асосӣ ба корхонаҳое рост меояд, ки то 30 корманд доранд. Зеро, аз 4464 воҳид корхонаҳои савдои яклухту чаканафурӯшӣ амалкунанда 4326 воҳид (96,9%) корхонаҳоеанд, ки теъдоди кормандонашон аз 30 нафар бештар нест. Миқдори корхонаҳои шумораи кормандонаш аз 31 то 200 нафар 122 воҳид (2,7%), миқдори корхонаҳои дорои бештар аз 200 корманд ҳамагӣ 16 воҳидро (0,4%) ташкил мекунад.

Ҳиссаи корхонаҳои савдои яклухту чаканафурӯшӣ дар шумораи умумии корхонаҳои дар ҷумҳурӣ ба қайд гирифта 18,6%-ро ташкил мекунад, ки нишондиҳандаи хуб ба шумор меравад. Вале, вазни қиёсии корхонаҳои савдои амалкунанда дар шумораи умумии корхонаҳои амалкунанда ночиз – 13,03% аст. Агар ҳиссаи корхонаҳои савдоро аз рӯйи шумораи коргарон таҳлил кунем, чунин манзара ба мушоҳида мерасад: корхонаҳои савдои дорои то 30 корманд – 15,2%, корхонаҳои дорои аз 31 то 200 корманд – 2,26%, корхонаҳое, ки бештар аз 200 корманд доранд – 3,85%-ро ташкил мекунанд[17, с.229].

Тағйирёбии ҳолат дар бозор метавонад сабабҳои гуногун дошта бошанд, аз ҷумла афзоиши рақобат ва тағйирёбии вазъи макроиқтисодӣ дар мамлакат. Ин ва дигар тағйиротҳо метавонад боиси коҳиши талаботи истеъмолкунандагон ва пастшавии сатҳи даромаднокии бизнес дар бозори молҳои истеъмолӣ гарданд, ки дар натиҷа сабаби қатъ гардидани фаъолияти ширкатҳо дар бозор мешаванд.

Тавре, ки таҳқиқоти гузаронида шаҳодат медиҳад, сабабҳои маъмулӣ аз фаъолият бозмондани корхонаҳои дар бозори молҳои истеъмолӣ фаъолияткунанда чунинанд: хатоҳои ҷиддӣ дар коркарди стратегия, аз ҷумла стратегияи рақобат ва татбиқи стратегияи молиявӣ, баланд будани фоизи қарзӣ ва андоз, қобилияти пасти бурдани рақобат бо ширкатҳои калон, қобилияти пасти харидории аҳолӣ ва дигар сабабҳои ғайримолиявӣ.

Нуқтаи назари як қатор олимонро дар бобати ин масъала баррасӣ намуда, муаллиф иброз медорад, ки ин модели бозор аз як ҷиҳат бештар ба модели «рақобати монополистӣ» наздиктар буда, бозор, пеш аз ҳама, ба тафриқаи маҳсулот такя мекунад. Чӣ хеле, ки Э.Чемберлин қайд карда буд, «...аҳаммияти асосӣ ба хоҳиш, даромад, макони ҷойгиршавии харидорон, тарзҳои истеъмоли мол, ба гуногунии эҳтиёҷи истеъмолкунанда ва ба гуногуншаклии мол дода мешавад»[70]. Ҳар як фурӯшанда дар бозори молҳои истеъмолӣ айни замон метавонад ҳам монополист ва ҳам рақиб бошад, агар имконият ва қудрати дар муборизаи рақобатӣ истодагарӣ кардан дошта бошад.

Аз дигар нуқтаи назар, ба камшавии миқдори соҳибкорони инфиродӣ дар соҳаи савдо маҳдудиятҳои вуруд омадан ба бозори молҳои истеъмолӣ сабаб шуда метавонад, ки бештар хусусияти бозори олигополиро дорад.

Ба назар гирифтан лозим аст, ки «...дар мавриди бозори олигополӣ ташаккули нарх ва ҳаҷми таҳвили маҳсулот дар шароити таъсири сахти таҳвилгарони бузурги алоҳида сурат мегирад. Сатҳи хароҷоти истеҳсолот ба воҳиди маҳсулот ба қадри кофӣ баланд аст ва сабаби ин аз бисёр ҷиҳат дар он ниҳон аст, ки пешсафони нархгузорӣ таҳвилгарони калон - монополистҳо мебошанд. Пас, дар ин ҷо мавқеи асосиро усули хароҷот ҷамъ, аниқтараш хароҷот ҷамъи илованарх ишғол мекунад. Пешсафи амиқи ҳалли ин масъала дар бозори соҳавӣ вуҷуд надорад, иттиҳодияи таҳвилгарон - монополистоне ҳастанд, ки байни ҳам забон як кардаанд»[88, с.83, 84].

Барои ворид шудан ба бозори молҳои истеъмолӣ бозигарони нав бояд захираҳои муайянро дар намуди хароҷоти истеҳсолот сарф кунанд. Хароҷоти ибтидоии вуруд хеле баланд буда, дар шароити фоидаи паст ва харҷи зиёд ба воҳиди маҳсулот вуруд ба соҳа ҳавасмандгардониро боз медорад. Аз ин рӯ, воридшавии сармоя ба бозори соҳавӣ ҳадди ақалро ташкил мекунад.

Инчунин, бояд таъкид кард, ки дар бозори молҳои истеъмолӣ рақобат хеле шадид буда, ин шароит барои гузаштан ба сатҳи нави рақобат, яъне ба шарикӣ даъват намудани рақибон мусоидат мекунад. Зеро, ташкили иттифоқҳои чандир, табодули мутақобилаи дастовардҳои нави илмию техникӣ, навоварӣ

ва навҷорисозиҳо иқтидори рақибон - шариконро пурзӯр намуда, ба рақобатпазирии ҳар ду ҷониб тақвият мебахшад.

Бо вуҷуди гуфтаҳои дар боло қайд гардида, хусусияти динамикии бозори молҳои истеъмолӣ таҳқиқи мунтазами муаммоҳо ва ҳалли онҳоро тақозо менамояд. Махсусан, дар шароити ҳозира, вақте ки мамлакат дилпурона гузариш ба марҳилаи саноатии рушдро амалӣ мегардонад, бидуни таваҷҷуҳ зоҳир кардан ба масъалаҳои рушди ҳамаҷонибаи бозори молҳои истеъмолӣ ноил гардидан ба мақсадҳои матлуб дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат имконнопазир аст.

Ҳамин тариқ, таҳлили вазъи бозори молҳои истеъмолӣ дар қаринаи амиқрафти муносибатҳои рақобатӣ имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

- ба вазъи рақобат то чӣ андоза таъсир расонидани МММ ба ҳар сари аҳолӣ оварда шудааст, ки истифодаи самараноки захираҳои минтақавиро дар муқоиса бо дигар минтақаҳо инъикос намуда, сатҳи рақобатпазирии иқтисодии онҳоро ифода мекунад. Муайян шуд, ки ҳар қадаре, ки ҳаҷми МММ ба ҳар сари аҳолӣ зиёд бошад, ҳамон қадар самаранокии иқтисодиёти минтақа дар муқоиса бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ баландтар буда, мавқеи рақобатии он устувор мегардад. Аз ин ҷо бармеояд, ки иқтисодиёти рақобатпазир нисбати дигар минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон НТҶ буда, ҷойи дувум ва сеюмро вилояти ВМКБ ва вилояти Суғд ишғол мекунанд, ки иқтисодиёти минтақаро ҳамчун яке аз рақобатпазиртарин тавсиф намудаанд;

- афзоиши шумораи бозигарон ва объектҳои рақобат, коҳиш додани монеаҳо барои ворид шудан ба бозорҳои нав бо шарофати муттаҳидсозии инфрасохтори бозорӣ ва эҷоди қоидаҳои умумии бозӣ барои ҳама, ин маънои онро дорад, ки рақобат дар сатҳи бозори истеъмолӣ шиддат мегирад ва аз ин рӯ ба коҳиши фоида барои ҳамаи субъектҳои он оварда мерасонад. Аз сабаби мавҷудияти рақобати шадид дар бозори молҳои истеъмолӣ ва мавҷудияти як қатор монеаҳои бозорӣ (дастрасии нокифоя ба молия ва фоизи баланди андоз, ноустувории танзими давлатӣ ва ғайра) шумораи соҳибкорони савдои

инфиродӣ дар иқтисодиёти миллӣ кам шуд (соли 2024 нисбат ба соли 2015 48% коҳиш ёфт). Ҳолати бухронӣ бозингаронро дар бозор водор мекунад, то ки ба стратегияи хароҷоти кам рӯй оваранд, зеро дар шароити имрӯза сарфакорӣ усули маъмултарини баланд бардоштани рақобатпазирӣ боқӣ мемонад;

- муаммои таносуби бунёди корхонаҳои нав ва истодагарӣ карда тавонистани онҳо дар фазои рақобат мубрам боқӣ мемонад, зеро аз миқдори умумии корхонаҳои таъсисдодашуда дар давраи таҳлил, як қисми онҳо аз фаъолият бозмондаанд (40,7%). Шиддатёбии рақобат, тағйирёбии вазъи макроиқтисодӣ дар мамлакат ва ба монанди ин дигар тағйиротҳо метавонад боиси коҳиши талаботи истеъмолкунандагон ва пастшавии сатҳи даромаднокии бизнес дар бозори молҳои истеъмолӣ гарданд, ки дар натиҷа ба қатъ гардидани фаъолияти ширкатҳо дар бозор сабаб мешаванд. Дар баробари ин, маълум шуд, ки баланд будани фоизи қарзӣ ва андоз, қобилияти пасти бурдани рақобат бо ширкатҳои калон, қобилияти пасти харидории аҳолӣ ва дигар сабабҳо барои аз фаъолият бозмондани корхонаҳо дар бозори молҳои истеъмолӣ замина мегузоранд. Ин сабабҳо барои иштирокчиёни бозор, аз ҷумла барои рақобаткунандагон дар навбати аввал чун монеаи вуруд ба бозор ва дар навбати дувум чун имкониятҳои рақобатӣ баромад мекунанд.

## 2.2. Инкишофи рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ: муаммоҳо ва омилҳо

Дар ҷараёни таҳаввули иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо паси сар намудани бухронҳои иқтисодию сиёсӣ тавсиф меёбад, тағйироти ҷиддӣ дар шакл ва мазмуни муносибатҳои рақобатӣ ба вуҷуд омадааст. Дар ин замина, ташаккули муҳити рақобат на дар асоси рушди эволютсионии классикӣ, балки бештар тавассути бунёди институтҳои зарурии иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ барои фаъолияти субъектҳои бозор амалӣ мегардад. Дар зербоби мазкури кори илмӣ, муаммоҳо ва омилҳои рушди муносибатҳои рақобатӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ баррасӣ карда мешаванд, ки байни онҳо масъалаҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст:

- норасоӣ дар низоми танзими давлатии ҷанбаҳои алоҳидаи бизнес;
- сатҳи нокифояи ташаккул ва рушди инфрасохтори бозори молҳои истеъмолӣ;
- нарасидани мутахассисон;
- аз лиҳози нарх, дастрасии пасти субъектҳои савдо барои сокинони сатҳи даромадашон гуногун;
- ҷаззобияти пасти бозори молҳои истеъмолӣ дар маҳалҳои аҳолинишини хурд ва дурдаст.

Дар баробари гуфтаҳои боло, илми муосир исбот кард, ки рақобат қувваи пешбарандаи рушди самараноки низоми иқтисодӣ мебошад. Ташаккули муносибатҳои рақобатӣ дар Тоҷикистон ба солҳои 90-уми асри гузашта рост меояд, ки омили асосии рушди он хусусигардонӣ буд. Бо вуҷуди оне, ки ҷараёни хусусигардонии моликияти давлатӣ дар шароити номуътадил амалӣ гаштааст, мо ба ҷиҳати мусбати он, яъне тағйирёбии институтсионалии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути хусусигардонӣ, ки ба ташаккули институти моликияти хусусӣ, озодии соҳибкорӣ ва рушди муносибатҳои рақобатӣ мусоидат кардааст, назар мекунем. Инчунин, дар тули иқтисодиёти навин рақобат на танҳо тақвият ёфт, балки ба бунёди бозорҳои нав, ки дар замони шуравӣ вуҷуд надоштанд, асос гузошт. Аксар молҳо дар бозор бидуни танзими давлатӣ бо нархҳои озод фурӯхта мешаванд.

Таҳлили дар зербоби 2.1. гузаронида нишон дод, ки шумораи корхонаҳои давлатӣ дар бозори молҳои истеъмолии ҷумҳурӣ дар давраи солҳои 2015-2023 15,9% афзуда, соли 2024 10618 воҳидро ташкил кардааст, лекин ҳиссаи умумиҷумҳуриявии он дар бозори рақобат соли 2024 нисбат ба соли 2015 3,2% коҳиш ёфтааст. Аз маълумотҳои оморӣ дастрас маълум гардид, ки давлат ҳамчун соҳибкор ба таври ниҳоӣ аз бозор нарафтааст ва сарфи назар аз мавқеи заифи бахши давлатӣ, ҳиссаи назарраси бозор ба давлат (18,4%) тааллуқ дорад (расми 2.2.1.).

Муаммо дар он аст, ки бесамарии давлат ҳамчун соҳибкор аз ҷониби бисёр иқтисоддонҳо исбот карда шудааст, зеро чунин вазъият дар бозори рақобат ба




**Расми 2.2.1. Мавқеи корхонаҳои давлатӣ дар бозори рақобат** (бо %)
***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [17, с.227; 19, с.226].*

пайдо шудани бозингарони нав монеаҳо эҷод мекунад ва барои ба даст овардану истифодаи захираҳо шароити нобаробар фароҳам меоварад. «...Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтисодиёти кушода буда, дар он воридоти молу хизматрасониҳо нисбат ба содироти онҳо бештар аст. Озодкунии савдои хориҷӣ дар нимаи солҳои 90-уми асри гузашта сурат гирифт. Соли 2012 дар рейтинги савдои глобалии молӣ Тоҷикистон аз рӯи содирот ва воридот мутаносибан дар ҷойи 143 ва 140-ум қарор дошт (Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, соли 2014)»[157]. Дар натиҷа, мавҷудияти норасоии мол ва пешниҳоди нокифояи онҳо аз ҷониби истеҳсолкунандагони ватанӣ, ширкатҳои хориҷиро ба Тоҷикистон ҷалб намуда барои аз бозори истеҳсолкунанда ба бозори истеъмолкунанда мубаддал гардидани бозори молҳои истеъмолии ватанӣ мусоидат намуд. Имрӯз истеъмоли дохилии маҳсулоти хӯрокворӣ беш аз 70% аз воридот таъмин карда мешавад.

Бо вуҷуди андешидани тадбирҳои муҳим вобаста ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва татбиқи чораҳо оид ба саноатикунонии мамлакат, чӣ тавре ки нишодиҳандаҳои оморӣ собит месозанд, ҳаҷми воридот нисбат ба ҳаҷми умумии содироти мамлакат назаррас зиёд аст. Бо такя ба маълумотҳои оморӣ метавон бартарии ҳиссаи молҳои воридотиро дар бозор нисбат ба содироти онҳо дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намуд. Масалан, соли охири мавриди баррасӣ ҳаҷми воридот 78,2%-и гардиши савдои хориҷиро ташкил кард, ки ин хеле зиёд аст (расми 2.2.2.).




| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Содирот | 890,6 | 898,7 | 1198 | 1073,3 | 1174,4 | 1406,8 | 2149,6 | 2142 | 2448,8 | 1947,4 |
| Воридот | 3435,6 | 3031,2 | 2774,9 | 3151 | 3349,3 | 3150,9 | 4209,5 | 5167,5 | 5880,1 | 7007,6 |
| Гардиши савдои хориҷӣ | 4326,2 | 3929,9 | 3972,9 | 4224,3 | 4523,7 | 4557,8 | 6359,1 | 7309,5 | 8328,9 | 8955 |
| Содирот, бо % | 20,6 | 22,9 | 30,2 | 25,4 | 26 | 30,9 | 33,8 | 29,3 | 29,4 | 21,8 |
| Воридот, бо % | 79,4 | 77,1 | 69,8 | 74,6 | 74 | 69,1 | 66,2 | 70,7 | 70,6 | 78,2 |
| Гардиши савдои хориҷӣ, бо % | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

**Расми 2.2.2. Савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон** (млн доллари ИМА)
***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [16, с.511; 17, с.317].*

Маълумоти мазкур онро ифода мекунад, ки дар бозори дохилии молҳои истеъмолӣ молҳои воридотӣ мавқеи ҳукмронро ишғол менамоянд ва масъалаҳои нархгузорӣ бо сабабҳои объективӣ маҳдуд мегарданд. Азбаски, нархгузории молҳои воридотӣ берун аз ҳудуди мо сурат мегирад, молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар аксар маврид маҷбур мешаванд мавқеъҳои рақобатии худро бо назардошти таъсири амалкарди нархгузории беруна муайян кунанд.

Боз як нуктаро таъкид кардан зарур аст: муқоиса бо марҳилаҳои пештара, махсусан бо соли 2015 нишон медиҳад, ки ҳаҷми воридот тамоюл ба коҳиш дорад ва ин ҳодисаи фараҳбахш аст. Бо ибораи дигар, соли 2015 ҳаҷми воридот 79,4%-ро ташкил карда бошад, соли 2024 ин нишондиҳанда то 78,2% фаромадааст. Ҳаҷми ихтисор 1,2% мебошад. Ин ҳодиса тамоюли нисбатан хуб аст ва минбаъд онро нигоҳ доштану инкишоф додан лозим мебошад.

Дар гардиши савдои берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсулоти хӯроквори мавқеи калидии содиротиро ишғол намекунад, зеро нишондиҳандаҳои мавҷуда шаҳодат медиҳанд, ки ҳиссаи содироти онҳо дар таркиби умумии савдои беруна ночиз мебошад (ниг. ба замимаи 3.), аз ҷумла дар соли 2024: орд – 2,2 ҳазор тонна; қанд ва маҳсулоти қаннодӣ – 99,6 ҳазор тонна; сабзавот – 31,1 ҳазор тонна; мева – 130,7 ҳазор тонна; шарбати мева ва сабзавот – 0,8 ҳазор тонна, сабзавоти консервшуда – 0,04 ҳазор тонна, чой – 0,03 ҳазор тонна, тухм

– 1,8 млн дона. Қайд кардан зарур аст, ки афзоиши содироти маҳсулоти хӯроквории, аз қабили орд, қанд ва маҳсулоти қаннодӣ, мева, шарбати меваю сабзавот, сабзавоти консервшуда соли 2024 нисбат ба соли 2018 ба назар мерасад. Баръакс, дар баъзе аз намудҳои маҳсулоти асосии хӯроквории афзоиши ҳаҷми воридот ба мушоҳида мерасад, яъне: орд – 67,9 ҳазор тонна (143,8%), қанд ва маҳсулоти қаннодӣ – 7105,7 ҳазор тонна (60,8 баробар), шир ва маҳсулоти ширӣ 9,5 ҳазор тонна (115,8%), равғани растанӣ – 106,4 ҳазор тонна (119,6%), мева ва буттамева – 75,8 ҳазор тонна (2,7 баробар), картошка – 80,1 ҳазор тонна (2,5 баробар). Дар давраи мавриди таҳлил воридоти тухм – 26,2%, макарон ва маҳсулоти макаронӣ – 7,5%, шарбати меваю сабзавот – 49%, сабзавоти консервшуда – 6,6 баробар кам гардидааст, ки сабаб афзоиши истеҳсоли ин маҳсулотҳо дар ҷумҳурӣ мебошад[13, с.19].

Бояд қайд кард, ки вобастагии иқтисодиёти Тоҷикистон аз воридоти маҳсулот омили боздорандаи рақобатпазирии кишвар аст, мегӯянд муҳаққиқони форуми ҷаҳонии иқтисодӣ (ФҶИ). Тибқи гузориши ФҶИ, Тоҷикистон дар рейтинги рақобатпазирии ҷаҳонӣ «...соли 2019 дар байни 148 кишвар ҷойи 104-умро ишғол кард. Агар дар рейтинги рақобати ҷаҳонӣ (GCI) Тоҷикистон соли 2018 ҷойи 102-юмро дар ҷаҳон ишғол карда бошад, пас он дар соли 2012 ба 2 мавқеъ поён рафт ва солҳои минбаъда дар гузориши ФИҶ доир ба рейтинги рақобати ҷаҳонӣ оиди Тоҷикистон ягон маълумот оварда нашуд, ки аз паст шудани рейтинги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои рақобат далолат медиҳад»[161].

Бояд қайд кард, ки бозори молҳои истеъмолӣ бо соҳаи кишоварзӣ алоқаи зич дорад. Бозор тарзи майдамолиро пешниҳод мекунад, соҳаи кишоварзӣ бошад маҳз ба ҳамин тарзи фаъолияти хоҷагидорӣ такя мекунад. Аз ҳамин нуқтаи назар, дар низоми бисёрсоҳаи бозори молҳои озуқаворӣ ва ғайриозуқа се бозигар мавҷуд аст: бахши давлатӣ, хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва корхонаю ташкилотҳои хусусӣ. Алҳол, ҳиссаи бозории фурӯши бахши хусусӣ ба ҳисоби миёна 80%-ро ташкил мекунад. Аз ин рӯ, бахши мазкур ҳангоми муайян кардани нарх ва ҳаҷми маҳсулоти ба фурӯшраванда нақши муҳим

мебозад. Лекин, хароҷоти соҳа зиёд ва сатҳи даромаднокии он бошад, паст аст. Монеаҳои расмӣ дар намуди патент ва иҷозатнома амалан вуҷуд надоранд. Барои вуруд ба соҳа монеаҳои баланд мавҷуд нестанд. Вале, баъзан усулҳои рақобати беинсофона истифода мешавад. Додугирифтҳои коррупсионии «мақомоти мухталиф» хароҷоти соҳаро зиёд ва ҳаҷми фоидаи ба даст меомадаро кам мекунанд.

Бинобар ин, чун тарафҳои қавӣ ва имкониятҳои иқтисодии Тоҷикистон мавқеи муносиби ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, мавҷуд будани иқтидорҳои захиравӣ ҷиҳати бунёди кластерҳои истеҳсолии ба содирот нигаронидашуда, мавҷудияти захираҳои табиӣ ва гидроэнергетикӣ, инчунин ҳаҷми зиёди бозори дохилӣ эътироф карда мешаванд. Аммо «...истифодаи бартариҳои рақобатии Тоҷикистонро самаранокии пасти кори институтҳои давлатӣ (ҷойи 145-ум дар рейтинги байни 193 кишвар), иқтидори нокифояи инноватсионӣ (ҷойи 139), сиёсати бесамари зиддиинҳисорӣ (ҷойи 164), рушди нокифояи бозори молиявӣ (ҷойи 156), сатҳи пасти рақобат дар бозорҳои мол ва хизматрасонӣ (ҷойи 104) ва норасоии эътимоди сармоягузорон ба низоми молиявӣ халалдор мекунанд»[157]. Илова бар ин, намояндагони тиҷорат меъёрҳои баланди андоз ва фасодро мушкилоти калидии рушди иқтисодии кишвар меноманд.

Дар ҳоли ҳозир, яке аз сабабҳои асосии рушди сусти рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ ин фишори гардиши пинҳонии ҳаҷман назарраси савдои чакана ба шумор меравад. Ғайр аз ин, инфрасохтори соҳаи савдо тараққӣ накардааст, барои амалкарди самаранок дар бозори истеъмолӣ технологияҳои савдо ва хизматрасонӣ ба талаботи ҳозира ҷавобгӯ нестанд. Зеро, дар заминаи инкишофи бозори истеъмолии кишвар, татбиқи шаклҳои муосири савдо, инчунин ташаккулёбӣ ва рушди сохторҳои шабакавӣ, дар раванди бунёди низоми савдои яклухт ва чаканафурӯши маҷмуи нави талаботҳои сифатан тағйирёфтаро пешниҳод мекунад.

Тибқи муносибатҳои дар зер овардашуда муаммоҳое, ки монеъа ба рушди бозори молҳои истеъмолӣ дар фазои рақобат мегарданд, низомбандӣ кардан мумкин аст (расми 2.2.3.).




**Расми 2.2.3. Муаммоҳои рушди бозори молҳои истеъмолӣ дар фазои рақобат**

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф.*

Бояд қайд кард, ки «...яке аз омилҳои муҳимми инкишофи муборизаи рақобатӣ байни субъектҳои иқтисодиёт, ҷойгиршавии нуқтаҳои савдо ба шумор меравад, ки хароҷоти корхонаҳои савдо бо ин сахт алоқаманд мебошад. Сухан дар бораи хароҷоти нақлиёт, дастрас намудани маҳсулот ба ноҳияҳое, ки зичии аҳолиашон зиёд аст ва ҷойгиршавии нуқтаҳои савдо дар маҳалҳо меравад. Гуфтаҳои боло дар иртибот бо гузариш ба фурӯши маҳсулот ба харидороне, ки даромади нисбатан зиёд доранд, аҳаммияти махсус касб мекунанд, зеро талаботи онҳо хеле баланд аст. Аз тарафи дигар, харидори талаботаш баланд шиддатнокии рақобатро инкишоф медиҳад. Дар ин маврид шаклу усулҳои логистика ва маркетингро истифода бурда, шабакаи миёнаравии (дилерии) фурӯшро инкишоф додан лозим аст»[86, с.95, 97]. Муаллифи диссертатсия таъкид медорад, ки муборизаи рақобатӣ метавонад дар ҷанбаҳои зерин инкишоф ёбад:

1. Муборизаи рақобатиро, пеш аз ҳама, дар ноҳияҳои ба маркази вилоят наздик қарор гирифта, инкишоф додан зарур аст. Ба субъектони хоҷагидори ин

ноҳияҳо бо тезӣ ворид шудан ба бозори соҳавии шаҳр хеле мушкил мебошад. Бинобар ин, дар ибтидо нуқтаҳои фурӯши худро дар марзи шаҳр, сипас наздиктар ба маркази он ҷойгир кардан лозим меояд.

2. Инкишоф додани савдои наздимарзӣ имконияти хеле муҳим мебошад. Амалан ҳамаи вилоятҳои ҷумҳурӣ наздимарзианд ва метавонанд бо молистеҳсолкунандагони мамлакатҳои ҳамсоя, аз ҷумла Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин бомуваффақият рақобат кунанд. Маълум аст, ки қисми зиёди аҳолии вилояти Ботканди Қирғизистон аз ҳисоби вилояти Суғд бо мол таъмин карда мешуданд. Вале солҳои охир ба сабаби бад шудани муносибатҳои марбут ба масъалаҳои ҳудудӣ гардиши мол дар ин минтақа назаррас коҳиш ёфт. Агар савдои наздимарзӣ бо ҳамаи кишварҳои ҳамсоя босаводонаю расман ташкил карда шаванд, ин ба сарфаи назарраси хароҷот мусоидат мекунад.

3. Дислокатсияи соҳаи савдои ноҳиявии бозори молҳои истеъмолӣ навсозиро талаб намуда, бунёди нуқтаҳои савдо дар маркази маҳалҳои аҳолинишин аҳаммияти хоса дошта, ба низоми ҷойгиронии савдои шаҳрӣ гузаштан ба мақсад мувофиқ аст. Ба ибораи дигар, дар маркази шаҳр супермаркет ташкил намуда, дар маҳалҳои дигар мағозаҳоеро таъсис додан лозим аст, ки маҷмуи пурраи молҳои ба аҳолӣ заруриро фурӯшанд. Гап дар сари он аст, ки дар супермаркетҳо аҳолӣ молҳоро дар шакли дастаҳои миёнаю калон мехарад, дар мағозаҳои дар дигар қисмҳои шаҳр ҷойгир шуда бошад, савдои чаканаи мол сурат мегирад. Дар деҳот бо назардошти аз маркази ноҳия дур ҷойгир шудани аҳолӣ мағозаҳоеро ҷойгир кардан лозим аст, ки талаботи харидорро бо дастаи пурраи мол қонеъ гардонида тавонанд. Дар маҳалҳои дурдаст дар заминаи фармоишҳои истеъмолкунандагон нуқтаҳои савдои сайёрро ташкил намудан ва инкишоф додан зарур аст.

Таҳқиқот нишон дод, ки рақобатпазирӣ барои арзёбии қобили фаъолият будани савдои яклухт аҳаммияти муҳим дорад. Бо барпо шудани муносибатҳои бозорӣ дар савдои шаклҳои мухталифи моликият рақобати дохилисоҳавӣ арзи ҳастӣ намуд. Мавқеи базаҳои яклухти (анборҳои) савдоро дар байни рақибон

мумкин аст аз рӯйи ҳиссаи гардиши моли чаканаи онҳо дар гардиши молҳои ба фурӯшрафта ва умуман дар соҳа муайян кард.

Омилҳои ташкили хоҷагии анборӣ дараҷаи мухталифи муҳиммият доранд. Ҷойгиронии шабакаи анборҳои озуқаворӣи соҳаи савдо аз омилҳои зерин вобаста аст:

- зичии аҳолӣ дар ноҳияҳо, чӣ қадаре ки зичии аҳолӣ зиёд бошад, хоҷагии анборӣ бояд ҳамон қадар наздиктар ҷойгир шавад;
- инфрасохтори анбории мавҷуда ва зичии он. Азбаски инфрасохтори ташкил карда шуда ба ҷойгиршавии хоҷагиҳо ва аҳолӣ марбут аст, бо суръати тез дигаргун сохтани он имконнопазир мебошад.

Омилҳои мазкур, умуман, вижагиҳои ҷойгиронии шабакаҳои анборҳои молҳои озуқаворӣи соҳаи савдоро муайян мекунанд. Барои ҳал кардани масъалаҳои ҷойгиронии самараноки шабакаи анборӣ ва тақвият додани рақобат, тадбирҳои зеринро амалӣ гардонидан зарур аст:

- васеъ кардани ҷуғрофияи фаъолият аз ҳисоби ба таркиби харидорон ворид сохтани қисми нисбатан сердаромади аҳолӣ ва аҳолии ноҳияҳои наздимарзии вилоят ва тавассути он пурзӯр кардани гардиши моли онҳо;
- диққати махсус додан ба таъмири хушсифат ва барқарор кардани анборҳои куҳнашуда;
- аз нав муҷаҳҳаз сохтани анборҳо бо таҷҳизоти муосир – яхдонҳо ва воситаҳои механизатсияи ҷузъӣ.

Аз мулоҳизаҳои боло ба хулосае расидан мумкин аст, ки яке аз оқибатҳои манфии дигаргунсозиҳои бунёдӣ дар иқтисодиёт ташаккули ба шароити бозорӣ номувофиқи низоми савдои яклухт мебошад, зеро ба ҷойи низоми пештараи савдои яклухти мутамарказ шабакаи сершумори миёнаравҳои яклухтфурӯш ва бозорҳои майдафурӯшӣ пайдо шуданд. Ин боиси афзоиши зинаҳо (ҳалқаҳо) дар канали ҳаракати мол, болоравии беасоси нарх ва коҳиши сифати хизматҳо гардид. Аз лиҳози иҷтимоӣ ва иқтисодӣ кори низоми савдои яклухт натиҷаи самаранок надод. Бинобар ин, «...Барои ба талаботи воқеии иқтисодиёти бозорӣ ҳадди аксар наздик сохтани савдои яклухт бозсозии

сохтории каналҳои ҳаракати молро гузаронидан лозим аст, зеро он дар натиҷа ба инкишофи минбаъдаи бозори молҳои истеъмолӣ мувофиқат мекунад»[31, с.125]. Дар ин маврид зарурати ҳалли вазифаҳои зерини ба ҳам алоқаманд ба миён меояд, ки дар раванди ташкили савдои яклухт асосӣ ба ҳисоб меравад:

1. Дар асоси ислоҳоти (ҳалқаи) мавҷудаи савдои яклухт ташкил кардани низоми муосири ҳаракати мол, ки ба талаботи бозор ҷавобгӯ мебошад. Дар раванди ҳаракати мол бояд манфиати истеҳсолгарон, яклухтфурӯшон, чаканафурӯшон ва давлат ба назар гирифта шавад. Ҳамзамон, савдои яклухт бояд:

а) талаботи корхонаҳои савдои чакана ва хӯроки умумро (аз рӯйи нархҳои қобили қабул, ки ба сифат ва шароити мутобиқи таҳвили мол мувофиқат мекунад) қонеъ гардонад;

б) барои молистеҳсолкунандагон (дар навбати аввал истеҳсолгарони минтақавӣ), ки ҳаракати молро тавассути каналҳои фурӯш ташкил мекунанд, миёнарави фаъоли аз лиҳози иқтисодӣ манфиатовар бошад.

Мо чунин мешуморем, ки низоми ҳаракати моли савдои яклухт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба ташаккули рақобатпазирии корхонаҳои яклухтфурӯшӣ тавассути паст кардани хароҷоти гардиш, устувории нарх ва ихтисори миёнаравон ё ҳалқаҳои савдо самтгирӣ кунад.

2. Вазифаи хеле муҳим таҳкими робитаҳо бо бозорҳои молии дигар минтақаҳои мамлакат ва бозори истеъмолии маҳаллӣ ба шумор меравад. Минбаъд ҳалли ин вазифа ба марказҳои савдоӣ-тақсимкунанда ва гурӯҳҳои савдоӣ-саноатӣ вогузор мегардад, ки аз рӯйи принсипи истеҳсолию коркард ва савдо (ҳамгироии амудӣ) ташкил карда мешаванд.

Алҳол шумораи таҳвилгароне, ки ба мағозаҳои ҳудудӣ дар минтақаҳо хизмат мерасонанд, аз 10 то 50 адад мебошад. Ба шумори он таҳвилгарон, савдогарони хурд, бозорҳои яклухтфурӯшии хурд, бозорҳои яклухтфурӯшӣ ва анборҳои соҳаи савдо низ дохил мешаванд.

Дар ин ҷо, масъалаи хеле муҳим – ҷойгиршавии корхонаҳои савдо дар бозори молҳои истеъмолӣ ба миён меояд. Чӣ қадаре ки корхонаҳои савдо аз

истеъмолгарон ва аз маркази вилоят дур ҷойгир бошанд, даромади фурӯшгарон ҳамон қадар паст мешавад ва мутаносибан иқтидори рақобатпазирии онҳо низ заиф мегардад. Дар шаҳрҳо, ноҳияҳо ва маркази вилоятҳо савдо асосан дар бозорҳо тамаркуз меёбад, корхонаҳои савдои бахши хусусӣ бошад дар тамоми ҳудуди шаҳр ҷойгиранд, ки ба харидорон низ хеле наздик аст. Дар масъалаи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрок чунин ҷойгиршавӣ афзалияти калони корхонаҳои савдои бахши хусусӣ ба шумор меравад. Масъалаи ҷойгиршавӣ – аз харидорон дур ва пароканда ҷойгиршавии супермаркетҳо, мағозаҳои калону хурд оид ба фурӯши молҳои озуқаворӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо ва маркази вилоятҳо, рақобатпазириро на танҳо аз мавқеи ташкили савдои чакана, балки аз мавқеи бозорҳои соҳавӣ низ назаррас паст кардааст.

Корхонаҳои бахши хусусӣ хелҳои сершумори молҳои озуқавории тару тозаи ба фурӯш пешниҳодшаванда, сифат ва дизайни хуб, реклама ва хизматрасонии босуръат, инчунин харидорони доимии худро доранд. Баръакс, нуқтаҳои савдои кооператсияи матлубот, ки нисбатан ба аҳолии деҳот ва маҳалҳои дурдасти аҳолинишин наздиканд аз чунин сифатҳо, мисли сифат ва дизайни хуб, реклама ва хизматрасонии босуръат, мутобиқшавӣ ба талаботи харидор, аз ҳама муҳимаш гуногунии номгӯйи мол маҳруманд. Бинобар ин, онҳо алҳол бо бахши хусусии иқтисодиёт рақобат карда наметавонанд ва бо харидорони тасодуфӣ қаноат мекунанд. Дар чунин шароит, неруи ҳокимияти харидорони маҳсулот, нисбат ба сатҳи рақобатпазирии субъектони бозори соҳавӣ қавитар мегардад.

Дар шароити имрӯзаи бозор яке аз мушкилоти асосӣ дар раванди танзими муҳити рақобат болоравии якбораи нархҳо, бахусус ба маҳсулоти хӯрокворӣ боқӣ мемонанд. Қайд кардан зарур аст, ки индекси нархҳои молу хизматҳои истеъмолӣ яке аз омилҳои асосии таъсиррасон ба ташаккулёбии рақобати бозорӣ мебошад. Дар бозори молҳои истеъмолӣ солҳои охир афзоиши назарраси нархи ин молҳо ба мушоҳида мерасад. Ба ақидаи мо, ба чунин нархгузории ноустувори молҳои истеъмолӣ омилҳои мухталиф, аз ҷумла

ноустувории сиёсати пулию қарзӣ, вобастагии бозори дохилӣ аз молҳои воридотӣ, ҳаҷми истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва ғайра таъсир мерасонанд (расми 2.2.4.).




| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ | 102,3 | 104,5 | 107,7 | 104,9 | 105,5 | 104 | 111,3 | 101,9 | 101,2 | 104,8 |
| Молҳои ғайриозуқа | 107,8 | 105,7 | 104,4 | 106,4 | 104,2 | 105,8 | 107,5 | 104 | 106,6 | 104 |
| Молҳои озуқа | 104,3 | 106,8 | 107,5 | 105 | 110,9 | 113 | 107,3 | 105,2 | 103,4 | 103 |
| Ҷамъи намуди молҳо ва хизматрасонӣ | 105,1 | 106,1 | 106,7 | 105,4 | 108 | 109,4 | 108 | 104,2 | 103,8 | 103,6 |

**Расми 2.2.4. Индексҳои нархҳои истеъмолии молҳо ва хизматгузориҳо ба аҳолӣ** (бо ҳисоби фоиз)

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [16, с.231; 17, с.150; 19, с.149].*

Таҳлили нишондиҳандаҳои солҳои 2015-2024 нишон медиҳад, ки гарчанде нархҳои истеъмолӣ дар тамоми давра афзоиш ёфтаанд, аммо суръати ин афзоиш аз соли 2021 ба ин сӯ тамоюли коҳишёбӣ дорад. Ин ҳолат аз як тараф ба муътадилшавии вазъи иқтисодӣ ва аз ҷониби дигар ба беҳтар гардидани муҳити рақобатӣ дар бозор вобаста буда метавонад. Инчунин, барои нигоҳ доштани устувории нархҳо ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ тақвияти рақобати солим, пешгирии инҳисоргароӣ ва фароҳам овардани шароити баробар барои ҳамаи иштирокчиёни бозор аҳамияти муҳим доранд. Коҳиши таваррум дар солҳои 2022-2024 нишондиҳандаи баланд шудани самаранокии сиёсати зиддитаваррумӣ ва рушди институти рақобат дар иқтисод мебошад, ки ба мувозинати байни талабот ва пешниҳод дар бозори молҳои истеъмолӣ мусоидат намудааст.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки сабаби асосии болоравии нархи молҳои истеъмолӣ дар нокифоягии ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ ва ҳамзамон афзоиши талабот ба он мебошад. Инчунин, ки корхонаҳои хурду миёнаи ватанӣ аз ҷониби ширкатҳо бузург тавассути истифодаи стратегияи азхудкунӣ ва ё

якҷояшавӣ аз бозор берун карда мешаванд. Ин ба коҳиши имкониятҳо дар гузаронидани рақобати нархӣ ва дар асл ба барҳам додани рақибон оварда мерасонад.

Бояд қайд кард, ки рӯйхати муаммоҳо ва омилҳои монеашаванда ба рушди муносибатҳои рақобатӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ, ки дар зербоби мазкури диссертатсия оварда шудаанд, пурра нест. Онро бо самаранокии хеле пасти маблағгузории навҷорисозӣ, фоизи баланди андоз ба тиҷорат, рушди сусти инфрасохтори молиявӣ (меъёри баланди фоизи қарз), иҷтимоӣ, боркашонӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва дигарон пурра кардан мумкин аст. Омилҳои инфрасохтории номбаршуда ҳиссаи зиёди хароҷоти соҳибкорро ташкил намуда, ба ташаккули оқилонаи нархҳо монеъ мешаванд. Ин ҳолат нархи молҳои ватаниро гарон мекунад, рақобатпазирии онҳоро коҳиш медиҳад ва садди роҳи рушди иқтисодии кишвар мегардад.

Амалия собит менамояд, ки ҳатто дар кишварҳои дорои иқтисоди бозории мутараққӣ низ бозор ва савдои кӯчагӣ дар низомҳои пешрафтаи хизматрасонии савдо мавқеи худро нигоҳ медоранд. Бинобар ин, яке аз вариантҳои қобили қабули ба танзим овардани соҳа дар шароити бозорӣ ба маҷмааҳои савдо табдил додани бозорҳо мебошад. Маҷмааҳои мазкур бо дастгоҳҳои муосири савдо ва технологӣ муҷаҳҳаз карда мешаванд, ки онҳо ба харидорон шароити бароҳатро таъмин мекунанд.

Албатта, суолҳо пайдо мешаванд: фаҳмиши ҷабҳаҳои пойгоҳие, ки мавқеъгирии соҳаро дар иқтисодиёт муайян мекунад, барои чӣ зарур аст? Оё донистани онҳо барои муайян кардани стратегияи рушди бозор дар оянда аҳаммияти амалӣ дорад?

Дар ин бобат, гуфтаҳои М.Портерро ҷонибдорӣ намуда таъкид мекунем, ки фаҳмиши ҷабҳаҳои пойгоҳии фишори рақобатӣ барои нақшаи стратегии амалҳо пойдевори мустаҳкамро таъмин мекунад. «...Он ба ошкор сохтани тарафҳои қавӣ ва заифи ширкат, асоснок сохтани мавқеъгирии он дар соҳа, фаҳмидани он нуқта, ки тағйироти стратегӣ дар кадом самт самараи ҳадди аксари мусбат медиҳанд ва муайян кардани риштаҳое, ки дар онҳо тамоюлоти

соҳавӣ ба имкониятҳои эҳтимолӣ барои ширкат ё ба хавфҳо таъсири ҳадди аксар мерасонад, ҳамчунин ба баррасии самтҳои имконпазири диверсификатсия имконият медиҳад»[51, с.33].

Дар шароити мо, ба сифати неруи муқобилаткунандаи иловагӣ ва муҳим давлат баромад мекунад. Он дар бисёр мавқеъҳо асоси рушди бозор ва рақобат ба ҳисоб меравад. Бинобар ин мо бояд на панҷ, балки шаш омилро баррасӣ кунем.

Чӣ хеле ки дар зербоби 1.3.-и диссертатсия қайд намудем, омили иловагие, ки ба сатҳи рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ таъсир мерасонад, фаъолияти давлат мебошад. Мулоҳизаи хеле муҳим иброз гардидааст, ки давлати пуриқтидор ба истеҳсолгарону истеъмолгарони маҳсулот имтиёз тақсим намекунад, балки барои фаъолияти босамараи онҳо шароит фароҳам меорад. Сатҳи пасти рақобат аз бисёр ҷиҳат бо инфрасохтори сусти истеҳсолӣ алоқаманд буда, ба вуҷуд овардани он вазифаи бевоситаи давлат мебошад. Маҳз вазъи монополии давлат имконият медиҳад, ки як қисми вазифаҳои мазкур ба субъектҳои иқтисодиёт вогузор гардад.

Таҳқиқот нишон дод, ки ҷузъи ҳаракатдиҳандаи иқтисодиёт рақобат буда муборизаи иштирокчиёни бозориро барои ба даст овардани шароитҳои манфиатовар ифода мекунад. Тибқи таълимоти марксизм, монополия мувозинаи ё порсанги рақобат дар иқтисоди бозорӣ мебошад, ки асосҳои онро хароб месозад. Шумпетер исбот кард, ки «...ба монополия хусусиятҳои конструктивӣ низ хос аст, ки тавассути принсипи тахрибкории созанда ба иқтисоди бозорӣ рушд мебахшад»[156, с.459]. Дар ин ҷо, категорияҳои ҷуфт – монополия ва рақобат баромад мекунанд.

Сатҳи рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ бо мавҷудияти неру ва иштирокчиёни бозорӣ муайян мегардад. Истеъмолгарон, таҳвилгарон, бозигарони эҳтимолӣ ва молҳои ивазкунанда – рақибонеанд, ки то ин ё он дараҷа ба соҳа таъсир мерасонанд. Ҳар як соҳаи иқтисодиёт сохтору хусусиятҳои ба худ хос дорад, ки ба соҳаҳои дигар монанд нестанд. Бинобар ин, муборизаи рақобатӣ дар бозори истеъмолӣ низ вижагиҳои худро дорад.

Таъсири якҷояи панҷ неру (фишори молтаъминкунандагон, фишори харидорон, фишори рақибони амалкунанда, хавфи ба соҳа ворид шудани бозингарони нав, фишори молҳо-ивазкунандаҳо) дар соҳа мисли фоиданокии миёна тағйир меёбад. Аҳаммиятнокии ҳар як неру низ бузургии тағйирёбанда мебошад ва ҷаззобияти соҳаро зиёд ё кам мекунад.

Пайдо шудани бозигарони нав дар бозори истеъмолӣ якчанд монеаҳои муҳим дорад. Дар бораи монеаҳое, ки барои вуруд ба соҳа таъсир мерасонад, чунин мулоҳизаҳоро баён кардан мумкин аст:

- бисёр субъектҳо дар бозори молҳои истеъмолӣ ғайримарказонида шудаанд, бинобар ин дар бораи сарфакорӣ дар миқёс сухан рондан имконнопазир аст;

- сатҳи имиҷи тамғаи савдои маҳсулотҳои ватанӣ дар аксар ширкатҳои савдо паст аст. Рекламаи маҳсулот қариб вуҷуд надорад;

- барои ворид шудан ба бозори соҳавӣ сармояи калон лозим аст ва ин нуқта пайдошавии бозигарони навро бозмедорад;

- дар мавридҳои зарурӣ давлат бевосита ба соҳа дахолат мекунад;

- бозигарони нав метавонанд бемушкилӣ соҳиби каналҳои тақсими молҳо шаванд, зеро соҳа ба қадри лозима рушд наёфтааст.

Дар бозорҳои ҷумҳурӣ ҳузур доштани ивазкунандаҳо ё субститутҳо, ки бо маҳсулоти хӯрокаи истеҳсолоти миллӣ бомуваффақият рақобат мекунанд, муаммои хеле ҷиддӣ мебошад. Ҷумҳурии мо, ки мамлакати аграрӣ мебошад, аз рӯйи бисёр номгуи маҳсулоти хӯрокворӣ ба сатҳи лозимаи амнияти озуқаворӣ нарасидааст ва бо ин сабаб барои воридоти маҳсулоти хӯрок ба бозори соҳавӣ имконият фароҳам меорад. Худи ҳамин ҳолат шаҳодат медиҳад, ки мо ҳатто дар соҳаҳои асосии иқтисодиёти ватанӣ афзалиятҳои рақобатии миллӣ надорем. Ивазкунандаҳои маҳсулот дар бозори молҳои истеъмолӣ ҷанбаи дутарафа ё дугона доранд: **аввалан**, истифодаи мувозии (параллели) ивазкунандагони маҳсулоти зарурати аввал бо маҳсулоте, ки соҳа дар вақти ҷамъоварии ҳосил мефурӯшад. Ба ин меваҳо авокадо, банан, кивӣ, афлесун ва мандарин дохил мешаванд. Онҳо дар фурӯши ин молҳо дар бозорҳои ҷумҳурӣ

вазни қиёсии назаррас ишғол мекунанд ва сатҳи рақобатпазирии молҳои ватаниро коҳиш медиҳанд. **Сониян**, дар фаслҳои дигари сол вазъи ҳукмфармои молҳои зарурати аввали воридотӣ амалан хусусияти саросарӣ дорад, ки аз шиддатнокии рақобат ва рақобатнокии пасти молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозор шаҳодат медиҳад. Онҳо хавфҳое мебошанд, ки дар бозори молҳои истеъмолӣ мавҷуданд. Зиёд кардани истеҳсоли ин молҳо аз ҷониби истеҳсолкунандагони ватанӣ барои пур кардани бозор ва ба омилҳои иловагии қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ табдил додани молҳои воридотӣ зарурати беш аз пеш пайдо мекунад.

Рақобат асосан дар заминаи нарх, сифати маҳсулот, сатҳи таблиғот, стандартҳои гигиенӣ ва дастрасӣ ба мағозаҳои чакана сурат мегирад. Маҳсулоти дохилӣ дар ин рақобат имконияти баробар доранд, вале барои таҳкими мавқеи худ зарур аст, ки тавассути баланд бардоштани сифати маҳсулот, муосирсозии бастабандӣ, беҳтар намудани каналҳои фурӯш ва татбиқи стандартҳои байналмилалӣ (ISO, HACCP ва ғайра) рушди рақобатпазирии худро таъмин намоянд.

Инчунин, таҳқиқ нишон дод, ки афзалияти нисбии брендҳои ватанӣ дар он аст, ки онҳо метавонанд бештар ба ниёзҳо ва завқи маҳаллии аҳолӣ мутобиқ шаванд. Аммо дар шароити афзоиши воридоти молҳои хориҷӣ ва тағйироти мунтазами нархҳо, тақвияти рақобат талаб менамояд, ки корхонаҳои ватанӣ сиёсати маҳсулотбарорӣ, нархгузорӣ ва маркетингии худро дар сатҳи стратегӣ таҷдид намоянд.

Метавон таъкид кард, ки рушди рақобатпазирии брендҳои маҳаллӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ на танҳо омили афзоиши иқтидори иқтисодии дохилӣ, балки василаи таъмини амнияти озуқаворӣ ва мустақилияти иқтисодии кишвар низ мебошад. Дар марҳилаи кунунии таҳаввули иқтисоди бозорӣ самтгирии фаъолияти ширкатҳо тадриҷан тағйир ёфта, афзалият ба эҷоди арзишҳои нави мутобиқ ба талаботи истеъмолкунандагон дода мешавад, на ба бозтақсимкунии ҳиссаи бозор. Дар чунин шароит моҳияти рақобати муосир низ дигаргун гардида, ҳадафи он танҳо ба ҳадди ниҳоӣ расонидани

фоида ё коҳиш додани зарар маҳдуд намешавад, балки ба таъмини заминаҳои рушди устувор ва мутавозини соҳаҳои иқтисодӣ равона мегардад, ки асос мувофиқат намудан ба арзишҳои нав ба нави истеъмолкунандагон мебошад.

Ҳамин тавр, дар хотимаи зербоби 2.2 мехоҳем қайд намоем, ки таҳқиқи муаммоҳо ва омилҳои ба ташаккул ва рушди рақобат дар бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир расонанда, имкон медиҳад чунин хулосабарорӣ намоем:

1. Муайян карда шуд, ки шарти асосии ташаккули муносибатҳои рақобатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусигардонии моликият гардид. Новобаста аз ин, мушаххас карда шуд, ки иштироки давлат ҳамчун соҳибкор дар иқтисодиёт метавонад дастрасии нобаробари субъектҳои хоҷагидорро ба захираҳо ба вуҷуд оварад ва ба нобаробарии қувваҳо дар фазои рақобат мусоидат кунад.

2. Қайд карда шуд, ки дар давраи таҳлил афзоиши воридоти маҳсулот ба бозори молҳои истеъмолӣ ба назар мерасад. Муайян шуд, ки истеъмоли дохилии маҳсулот аз истеҳсолоти маҳсулоти ватанӣ зиёдтар аст ва рақобатпазирии пасти молҳои ватанӣ мушоҳида мешавад. Сабаби дигар, ҳаҷми ниҳоят зиёди воридоти маҳсулот, ки ҳавасмандиро барои ташаккули истеҳсолоти рақобатпазири ватанӣ коҳиш додааст ва вобастагии иқтисодиёти Тоҷикистонро аз кишварҳои хориҷӣ зиёд мекунад.

3. Омилҳои муайянкунандаи ташаккули муҳити рақобат шароитҳое мебошанд, ки хусусияти фаъолияти механизми рақобатро дар бозор таъмин мекунанд. Шароити мусоиди фаъолият барои иштирокчиёни бозор то чӣ андоза фароҳам оварда шуда бошад, дараҷаи шиддатнокии рақобат ҳамон қадар меафзояд ва ба рушди рақобат дар бозор мусоидат мекунад.

4. Пешниҳод карда мешавад, ки гузариш ба фурӯши маҳсулот барои харидороне, ки даромади нисбатан зиёд доранд, аҳаммияти махсус касб мекунанд, зеро талаботи онҳо хеле баланд аст ва харидори талаботаш зиёд шиддатнокии рақобатро инкишоф медиҳад. Дар ин замина, «...ҷойгиршавии нуқтаҳои савдо чун омили муҳимми инкишофи муборизаи рақобатии субъектҳои иқтисодиёт таъкид карда шудааст. Он ба коҳиш додани хароҷоти

наклиётӣ, дастрасии маҳсулот ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ мусоидат намуда, афзалияти рақобатиро таъмин мекунад»[90].

5. Аз ҷумлаи паёмадҳои манфии ислоҳоти бунёдӣ дар иқтисодиёт ташаккули низоми савдои яклухт мебошад, ки ба шароити иқтисоди бозорӣ ба таври зарури ҷавобгӯ набуда, боиси афзоиши зинаҳо (ҳалқаҳо) дар канали ҳаракати мол, болоравии беасоси нарх ва коҳиши сифати хизматҳо гардид. Тавсия дода мешавад, ки дар заминаи такмили сохтори мавҷудаи савдои яклухт низоми муосири ташкили ҳаракати мол таҳия ва ҷорӣ карда шавад, ки ба талаботи бозор мутобиқ бошад. Ҳангоми ташаккул ва амалисозии он таъмини тавозуни манфиатҳои истеҳсолкунандагон, яклухтфурӯшон, чаканафурӯшон ва давлат ба назар гирифта шавад. Низоми ҳаракати мол бояд ба ташаккули рақобатпазирии корхонаҳои яклухтфурӯш тавассути паст кардани хароҷоти гардиш, устувории нарх ва ихтисори миёнаравон ё ҳалқаҳои савдо самтгирӣ кунад.

6. Дар бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳузур доштани ивазкунандаҳо, ки бо маҳсулоти хӯроки истеҳсолоти миллӣ бомуваффақият рақобат мекунанд, муаммои хеле ҷиддӣ мебошад. Вазъи ҳукмфармои воридотӣ молҳои зарурати аввал амалан хусусияти саросарӣ дорад, ки аз шиддатнокии рақобат ва рақобатнокии пасти молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозор шаҳодат медиҳад. Зиёд кардани истеҳсоли ин молҳо аз ҷониби истеҳсолкунандагони ватанӣ барои пур кардани бозор ва ба омилҳои иловагии қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба ин молҳо табдил додани молҳои воридотӣ зарурати беш аз пеш пайдо мекунад.

### 2.3. Ҷанбаҳои микдорӣ ва сифатии рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ

Падидаҳои муосир оид ба рушди низоми иқтисодӣ ва такмили механизми фаъолият дар шароити рақобат таъсирпазирии ҷабҳаҳои рақобатро вобаста аз тақвияти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва мураккабшавии муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба таври кофӣ ба инобат намегиранд. Ба ҷараёни рақобат дар бозор,

хусусияти муносибатҳои рақобатӣ ва мавқеи рақобатии байни бозигарони пешбар таъсир расонида, муаммоҳои глобалӣ ба пайдо шудани ҷанбаҳои нави рақобат мусоидат менамоянд.

Дар сарчашма ҷанбаҳои миқдории рақобат чун усулҳои баҳодиҳие ифода карда шудааст, ки «...вазъиятро дар муҳити рақобат муайян намуда, дар асосӣ нишондиҳандаҳои миқдорӣ ҳисоб карда мешаванд»[159]. Инчунин, қайд карда мешавад, ки ба ҷанбаҳои миқдории рақобат арзёбии мавқеи рақобатии ширкат дохил карда шуда, барои ин, омилҳо ба монанди: ҳиссаи бозор, вазъи нисбии хароҷот, «...сифати маҳсулот, маълумотнокии харидорон, бозорҳо, мавҷудияти салоҳиятҳо, сатҳи кофии навгониҳои технологӣ, тахассуси роҳбарият ва даромаднокӣ дар муқоиса бо рақибон»[115] ба назар гирифта мешаванд. Манбаъҳои илмии нисбатан муҳимро барои таҳлили ҷанбаҳои рақобат ҷудо карда, бояд қайд кунем, ки ҷанбаҳои рақобатпазирии аз ҷониби муаллифон [47; 55; 143; 152] муайянкарда, метавонанд ба таври пурра ба ҷанбаҳои рақобат низ шомил бошанд (расми 2.3.1.).




**Расми 2.3.1. Таснифоти ҷанбаҳои миқдории рақобат**

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф.*

Дар натиҷаи таҳқиқот муайян карда шуд, тағйирёбии нарх ва арзиш, васеъ ё маҳдуд шудани дастрасӣ ба молҳо ва хидматҳо, рақобат байни ширкатҳо,

пайдоиши бозигарони нав, афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ аз қабили нишондиҳандаҳое мебошанд, ки ҷанбаҳои миқдории рақобатро баҳо медиҳанд.

Ба истеъмоли молҳои озуқаворӣ сатҳи нарх таъсири бевосита расонида, дар шароити маҳдудияти истеҳсолоти ватанӣ дар сатҳи муайян нигоҳ доштани нарх вазифаи хеле мураккаб мебошад. Мушоҳида нишон медиҳад, ки агар нархи як килограм гӯшти гов соли 2018 - 38,98 сомонӣ бошад, дар охири соли 2024 он 2,2 баробар зиёд шуда, ба 84,04 сомонӣ расид. Чунин тамоюл дар нархи дигар хӯроквориҳо низ ба назар мерасад. Масалан, равғани пахта дар соли 2024 нисбат ба соли 2018 1,4 баробар, шири рехтафурӯшӣ 1,6 баробар, орди гандуми навъи якум 1,6 баробар, пиёз 2,3 баробар, биринҷ 2,2 баробар, картошка 2,9 баробар зиёд шудааст (замимаи 4 ва 5.)[ 13, с.21; 14, с.22; 15, с.21]. Аз таҳлили маълумотҳои оморӣи дастрас ба хулоса омадан мумкин аст, ки сатҳи шиддатнокии рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ баланд аст. Дар мавриди баланд будани нарх онҳо ба тарафи баландшавӣ чандирӣ зоҳир менамоянд. Маълум аст, ки афзоиши фоида аз ҳисоби болоравии нарх ва коҳиши хароҷоти истеҳсолӣ таъмин мегардад. Бинобар ин, Портер таъкид ба он дорад, ки «...мавҷудияти арзишнокии бештар имкон медиҳад, маҳсулот бо нархи баландтар ба фурӯш равад ва ҳосилнокии нисбатан баланд бошад боиси паст шудани хароҷот гардад»[51, с.50].

Даромади аҳолӣ ва рақобат бо ҳам алоқамандии зич дошта рақобат дар ташаккули даромад мавқеи назаррас дорад. Ҳамин тариқ, даромад баландтар бошад, талабот ба моле, ки истеҳсол карда мешавад, ҳамон қадар зиёдтар аст ва сифати маҳсулот беҳтар мегардад. Ин дар маҷмуъ ба беҳтар шудани вазъи иқтисодии кишвар мусоидат мекунад. Тибқи маълумотҳои оморӣ, дар солҳои 2015-2024 суръати миёнаи афзоиши даромади пулии аҳолӣ 117,7%-ро ташкил кардааст. Дар ҳаҷми даромади пулӣ ба ҳар нафар аҳолӣ тамоюли мусбатро мушоҳида кардан мумкин аст, ки он соли 2024 аз нишондиҳандаи солҳои 2015 ва 2018 мутаносибан 4,6 ва 2,02 баробар зиёд гардида, ба 14088,3 сомонӣ расид, ки нишондиҳандаи бад нест (замимаи 6.)[17, с.126].

Дар давраи мавриди баррасӣ байни даромади пулӣ ва хароҷот фарқи ночиз ба назар мерасад, ки дар ин бора ҳаҷми ками пасандози пулии аҳолӣ шаҳодат медиҳад. Таҳлили таркиби хароҷоти пулии аҳолӣ нишон медиҳад, ки дар сохтори хароҷотҳо ҳиссаи асосиро хароҷот ба молҳои озуқаворӣ ташкил мекунад. Зимнан, дар сохтори хароҷоти пулии аҳолӣ талаботи умумӣ ба молҳои ғайриозуқа ночиз боқӣ мемонад.

Бояд қайд кард, ки назарияи муосири иқтисодӣ ба омӯзиш ва тафсири хароҷот ба таври хоса муносибат мекунад, зеро «...хароҷоти истеъмолӣ дар рушди иқтисодиёт нақши муҳим дорад. Маблағи хароҷоти истеъмолӣ дар иқтисодиёт талаботро ба молҳо муайян намуда, дар навбати худ ба истеҳсол ва таҳвили онҳо мусоидат мекунад»[135]. Он ба омилҳои гуногун, аз ҷумла даромад, шуғл, фоиз, таваррум, эътимоди истеъмолкунандагон ва дар маҷмуъ ба иқтисодиёт ҳам мусбат ва ҳам манфӣ таъсир расонида метавонад. Аз ин рӯ, «...дар раванди ташаккули иқтисодиёти бозорӣ ва фазои тағйирёбандаи рақобатӣ фаҳмидани таъсири хароҷоти истеъмолӣ ба рушди бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ»[106, с.85] муҳим аст.

Хароҷоти истеъмолӣ, яке аз унсурҳои муҳимтарини нишондиҳандаҳои микроиқтисодӣ мебошад. Дар аксари мамлакатҳо онҳо бештар аз 50% ММД-ро ишғол намуда, афзоиши онро таъмин мекунанд (ҷадвали 2.3.1.).

**Ҷадвали 2.3.1. - Ҳиссаи хароҷоти истеъмолии хоҷагиҳои хонаводаҳо барои маҳсулоти хӯрокворӣ** (ба ҳисоби фоиз)

| | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 52,4 | 53,4 | 61,3 | 49,0 | 48,7 | 47,3 | 50,5 |
| аз ҷумла: | | | | | | | |
| аҳолии шаҳр | 52,5 | 54,0 | 65,0 | 49,2 | 49,9 | 52,4 | 54,1 |
| аҳолии деҳот | 52,3 | 53,7 | 58,3 | 48,8 | 47,7 | 43,0 | 47,3 |
| **Минтақаҳо:** | | | | | | | |
| ш.Душанбе | 52,7 | 56,0 | 75,8 | 51,0 | 53,6 | 55,0 | 55,3 |
| ВМКБ | 55,4 | 57,5 | 59,2 | 43,0 | 51,5 | 44,0 | 45,1 |
| вилояти Суғд | 43,7 | 45,2 | 56,0 | 52,8 | 54,8 | 48,3 | 51,5 |
| вилояти Хатлон | 58,6 | 59,4 | 58,5 | 53,6 | 57,3 | 43,5 | 48,9 |
| НТҶ | 55,1 | 56,6 | 63,1 | 46,9 | 53,7 | 46,3 | 49,3 |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [13, с.25; 14, с.26; 15, с.25].*

Аз маълумоти оморӣ чунин натиҷагирӣ намудан мумкин аст, ки дар давраи мавриди таҳлил ҳиссаи хароҷоти истеъмолӣ нисбатан кам шудааст. Агар ҳиссаи ин нишондиҳанда дар сохтори хароҷоти аҳолӣ соли 2018 ба 52,4% баробар бошад, он соли 2024 50,5%-ро ташкил кардааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳиссаи хароҷоти истеъмолӣ дар шаҳр аз 52,5% дар соли 2018 то 54,1% дар соли 2024 афзоиш ёфтааст. Ин ҳолат метавонад ба рушди бозорҳои шаҳрӣ, васеъ гардидани шабакаҳои савдо, зиёд шудани пешниҳоди молу хизматҳо ва ташаккули талаботи нав аз ҷониби аҳолӣ вобаста бошад. Ҳамзамон, рақобати фаъол байни ширкатҳо дар шаҳрҳо ба афзоиши гуногуншаклии молу хизматҳо мусоидат намуда, истеъмолро ҳавасманд мегардонад.

Баръакс, дар деҳот ҳиссаи хароҷоти истеъмолӣ аз 52,3% дар соли 2018 то 47,3% дар соли 2024 коҳиш ёфтааст. Ин тамоюл метавонад бо якчанд омил шарҳ дода шавад. Аввалан, қисми аҳолии деҳот эҳтиёҷоти худро аз ҳисоби истеҳсоли шахсии маҳсулоти кишоварзӣ қонеъ менамоянд, ки дар ҳисоботи хароҷоти пулии истеъмолӣ пурра инъикос намегардад. Дувум, сатҳи рушди рақобат дар бозори деҳот нисбат ба шаҳрҳо ҳанӯз маҳдудтар буда, ин ба дастрасӣ ва гуногуншаклии молу хизматҳо таъсир мерасонад.

Аз нигоҳи назарияи рақобат, фарқияти нишондиҳандаҳо байни шаҳр ва деҳот аз сатҳи нобаробарии рушди муҳити рақобатӣ шаҳодат медиҳад. Дар шаҳрҳо шумораи зиёди иштирокчиёни бозор, инфрасохтори пешрафтаи савдо ва дастрасии васеъ ба иттилоот рақобатро тақвият медиҳанд. Дар деҳот бошад, маҳдудияти инфрасохтор, масофаи дур аз марказҳои иқтисодӣ ва шумораи ками таъминкунандагон метавонанд ба рушди рақобат монеа эҷод намоянд.

Ҳамин тариқ, тағйирёбии ҳиссаи хароҷоти истеъмолӣ нишон медиҳад, ки раванди рушди бозор ва рақобат ба сохтори хароҷоти аҳолӣ таъсири назаррас мерасонад. Афзоиши ҳиссаи хароҷоти истеъмолӣ дар шаҳрҳо ва коҳиши он дар деҳот аз мавҷудияти тафовут дар сатҳи рушди муҳити рақобатӣ байни ин минтақаҳо шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ, барои баланд бардоштани самаранокии бозор ва таъмини дастрасии баробар ба молу хизматҳо зарур аст, ки сиёсати

рушди рақобат на танҳо дар марказҳои шаҳрӣ, балки дар минтақаҳои деҳот низ тақвият дода шавад. Ин ба беҳтар гардидани некӯаҳволии аҳолӣ ва рушди мутавозини иқтисоди миллӣ мусоидат хоҳад кард.

Барои муайян намудани тағйирёбии ҳаҷми хароҷоти истеъмолӣ аз омилҳои таъсиррасон, тавассути барномаи компютерии MS Excel таҳлили коррелятсионӣ гузаронидем (ҷадвалҳои 2.3.2 ва 2.3.3.).

**Ҷадвали 2.3.2. - Динамикаи ҳаҷми хароҷоти истеъмолии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2024**

| Нишондиҳандаҳо | | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷоти истеъмолӣ (ба узви як хонавода дар як моҳ, сомонӣ) | y | 240,68 | 296,45 | 318,05 | 366,38 | 631,04 | 777,64 | 851,85 | 1104,6 | 1110,42 |
| Ҳаҷми воридоти молҳои истеъмолӣ, млн доллар | x1 | 792,4 | 637,9 | 617,6 | 756,9 | 817,9 | 972,7 | 1154,9 | 1153,1 | 2085,8 |
| Истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ (бо нархҳои солҳои дахлдор, млн сомонӣ) | x2 | 3482 | 4304 | 4900 | 5399 | 7089 | 7608 | 10383 | 11621 | 11492 |
| - хизматрасонии пулакӣ ба ҳар нафар аҳолӣ, бо нархҳои амалӣ | x3 | 1131,3 | 1231,7 | 1247,7 | 1409,4 | 1389,5 | 1581,6 | 2058,4 | 2388,3 | 2668,4 |
| музди миёнаи меҳнат | x4 | 817,35 | 1038,97 | 1147,72 | 1235,43 | 1246,57 | 1339,88 | 1528,82 | 1672,53 | 1862,71 |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [13, с.24; 17, с.120, 126, 134, 261, 364; 18, с.120, 126; 19, с.134; 20, с.134].*

Чӣ тавре, ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.3.3. маълум аст, ҳаҷми хароҷоти истеъмолӣ аз омилҳои интихобгардида вобастагии хаттӣ дорад. Дар натиҷаи зиёд гардидани бузургии омилҳо ҳаҷми хароҷоти истеъмолӣ низ зиёд мегардад.

**Ҷадвали 2.3.3. - Матритсаи коррелятсияи ҷуфт**

| | y | x1 | x2 | x3 | x4 |
|---|---|---|---|---|---|
| **y** | 1000 | 0,915 | 0,989 | 0,980 | 0,976 |
| **x1** | 0,915 | 1000 | 0,914 | 0,924 | 0,912 |
| **x2** | 0,989 | 0,914 | 1000 | 0,922 | 0,989 |
| **x3** | 0,980 | 0,924 | 0,992 | 1000 | 0,995 |
| **x4** | 0,976 | 0,912 | 0,989 | 0,995 | 1000 |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти[17, с.120, 126, 134, 261, 364].*

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳад, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди муҳити рақобатӣ ва тавсеаи имкониятҳои бозорӣ бо афзоиши хароҷоти истеъмолии аҳолӣ робитаи мустақим ва устувор доранд.

Барои пешгӯйӣ намудани ҳаҷми хароҷоти истеъмолӣ дар бозори истеъмолӣ модели назариявии регрессионии зерин таҳия карда мешавад:

$$y = a + b_1x_1 + b_2x_2 + b_3x_3 + b_4x_4 \qquad (1.)$$

Бо истифода аз барномаи компютерии MS Excel ҳаҷми хароҷоти истеъмолиро пешгӯйӣ намудан мумкин аст.

$$y = 99{,}4 + 0{,}34x_1 + 0{,}006x_2 - 0{,}38x_3 + 0{,}01x_4 \qquad (2.)$$

Ҳамин тавр, тавассути усули экстрополятсионӣ ҳаҷми тағйирёбии хароҷоти истеъмолиро то давраи соли 2028 пешгӯйӣ менамоем (ҷадвали 2.3.4.).

**Ҷадвали 2.3.4. - Ҳудуди тағйирёбии хароҷоти истеъмолӣ**

| Солҳо | Хароҷоти истеъмолӣ | | Эҳтимолияти ҳудуди тағйирёбии хароҷоти истеъмолии пешгӯйишаванда | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Эҳтимолияти минималӣ | Эҳтимолияти максималӣ |
| **2018** | 318,05 | - | - | - |
| **2019** | 366,38 | - | - | - |
| **2020** | 631,04 | - | - | - |
| **2021** | 777,64 | - | - | - |
| **2022** | 851,85 | - | - | - |
| **2023** | 1104,60 | - | - | - |
| **2024** | 1110,42 | 1110,42 | 1110,42 | 1110,42 |
| **2025** | - | 2430,60 | 2187,54 | 2673,66 |
| **2026** | - | 2685,90 | 2417,31 | 2954,49 |
| **2027** | - | 2954,30 | 2658,87 | 3249,73 |
| **2028** | - | 3231,70 | 2908,53 | 3554,87 |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти[17, с.120, 126, 134, 261, 364].*

Фосилаи эътимоднокӣ нишон медиҳад, ки пешгӯии хароҷоти истеъмолӣ дорои устувории баланди оморӣ мебошад, дар ҳоле ки васеъшавии фосилаи он бо афзоиши уфуқи пешгӯӣ, дар доираи назарияи рақобати бозорӣ, ҳамчун натиҷаи шиддатёбии рақобат, тағйирёбии сохтори талабот ва баландшавии номуайянии рафтори агентҳои иқтисодӣ шарҳ дода мешавад. Васеъшавии фосила дар солҳои оянда нишон медиҳад, ки муҳити бозор бештар динамикӣ мегардад, таъсири омилҳои беруна (воридот, даромадҳо, хизматрасонӣ) ноустувор мешаванд, сатҳи рақобат ва тағйирёбии нархҳо зиёд мегардад.

Барои воқеан муайян намудани ҳудуди минималӣ ва максималии аппроксиматсионии тағйирёбии хароҷоти истеъмолӣ, нишондиҳандаҳои ҷадвалро ба таври диаграммавӣ тасвир менамоем. Ин имкон медиҳад, ки на

танҳо тамоюли умумии нишондиҳанда, балки дараҷаи ноустувории он дар шароити муҳити рақобатӣ ва номуайянии иқтисодӣ низ таҳлил карда шавад.




**Расми 2.3.2. - Тағйирёбии ҳаҷми хароҷоти истеъмолии аҳолӣ дар давраи соли 2018-2026**

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [17, с.120, 126, 134, 261, 364].*

Чӣ тавре ки аз маълумотҳои расми 2.3.2. маълум аст, ҳаҷми хароҷоти истеъмолӣ дар давраи соли 2024-2028 ба таври динамикӣ афзоиш ёфта истодааст. Ин ҳамчун заминаи асосии ташаккул ва рушди муҳити рақобатии бозори истеъмолӣ баромад намуда, ба баланд гардидани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Тавре, ки дар корҳои қаблан нашршудаи муаллиф нишон дода шудааст, «...дар шароити амиқрафти муносибатҳои бозорӣ ва шароити бозории хоҷагидорӣ ба рушди соҳаҳои бозори истеъмолӣ дар фазои рақобат бо баробари хароҷоти истеъмолӣ боз бисёр омилҳои объективӣ ва субъективии дорои хусусиятҳои умумииқтисодӣ таъсир мерасонанд. Аз ҷумла:

- афзоиши пешгузарандаи нарх нисбат ба даромади аҳолӣ;
- боздоштани пардохти нафақа, музди кор, пардохтҳои иҷтимоӣ, ки дар навбати худ ба паст шудани талаботи харидорӣ ба молу хизматҳо мусоидат мекунанд;
- бо молҳои истеҳсоли хориҷа пур кардани бозори истеъмолӣ;
- ихтисор кардани ҳаҷми хариди маҳсулот ва ашёи хоми кишоварзӣ;

- қисман қатъ кардани фаъолияти савдои яклухти худӣ ва ғайра»[106, с.90]. Ин омилҳо дар фаъолияти субъектҳое, ки дар бозори истеъмолии мамлакат амал мекунанд, аҳаммияти махсус доранд.

Рақобат байни ширкатҳо. Солҳои охир, рушди корхонаҳои савдо ва густариши савдои чакана, инчунин такмили хизматрасониҳои савдо ва дигаргуниҳои сохтории соҳа ба раванди пешрафти иқтисодиёт таъсири мусбат мерасонанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки шумораи корхонаҳо сол то сол меафзояд ва онҳо дар иқтисодиёти миллӣ вазни муайян доранд. Қайд кардан зарур аст, ки субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ бо сабаби доштани даромаднокии баланд, асосан дар соҳаи савдо фаъолият карданро афзалиятнок мешуморанд. Бинобар ин, соли 2024 дар соҳа 10777 воҳид субъекти савдои чакана фаъолият бурда, ҳаҷми гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо аз нишондиҳандаи соли 2015 2,3 баробар зиёд шуд ва ба 55066,4 млн сомонӣ расид. Аз соли 2015 то соли 2024 ҳаҷми гардиши моли чакана ба ҳар сари аҳолӣ қариб 2 баробар афзуд ва дар соли охири мавриди таҳлил 5469,1 сомониро ташкил кард (ҷадвали 2.3.5.).

**Ҷадвали 2.3.5. - Гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо**
(бо нархҳои соли 2024)

| **Нишондиҳандаҳо** | **Воҳиди ченак** | **2015** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо | млн сомонӣ | 23646,8 | 26644,7 | 28616,4 | 32050,4 | 31377,3 | 35456,4 | 39498,4 | 48518,5 | 55066,4 |
| - сектори давлатӣ | млн сомонӣ | 95,4 | 94,9 | 184,2 | 336,7 | 153,2 | 251,1 | 160,2 | 95,5 | 94,9 |
| - сектори ғайри давлатӣ | млн сомонӣ | 23551,4 | 26549,8 | 28432,2 | 31713,7 | 31224,1 | 35205,3 | 39338,2 | 48423,0 | 54971,5 |
| Ҳаҷми гардиши моли чакана ба ҳар сари аҳолӣ | сомонӣ | 2765 | 2983 | 3135 | 3441 | 3229 | 3586 | 3919 | 4715 | 5469,1 |
| Шумораи корхонаҳои савдои чакана | адад | 7831 | 8024 | 8704 | 9020 | 9255 | 9345 | 9721 | 10001 | 10777 |
| Шумораи миёнасолонаи кормандони савдо | 1000 | 149,3 | 170,6 | 157,9 | 153,5 | 157,2 | 158,7 | 114,9 | 159,8 | 174,2 |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [17, с.85, 86, 224, 354; 19, с.85, 86, 223; 20, с.123]*

Қайд кардан зарур аст, ки соҳаи савдо ба таъмини шуғли аҳолӣ саҳми назаррас мегузорад. Аз рӯйи маълумотҳои омории дастрас шумораи миёнасолонаи кормандони савдо соли 2024 174,9 ҳазор нафарро ташкил кард.

Дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, баъд аз бахшҳои кишоварзӣ (59,5%) ва маориф (9,8%) дар таъмин намудани шуғлнокии аҳолӣ соҳаи савдо бо нишондиҳандаи 6,3% дар ҷойи сеюм меистад[17, с.89; 19, с.85, 86].

Таъмини гуногунии шабакаи корхонаҳои чаканафурӯшӣ дар шароити муосир ба зарурати инкишофи шаклҳои фурӯши мол дар мағозаҳо асос меёбад. Бо назардошти ин нуқта принсипҳои асосии рушди корхонаҳои савдо дар бозори истеъмолӣ бояд инҳо бошанд:

- дар биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ бунёд намудан ва инкишоф додани мағозаҳои озуқаворӣ ва ғайриозуқаи махсусгардонида ва майдамахсусгардонидашуда;

- универсалӣ сохтани савдои озуқаворӣ ба истиснои молҳои нодир ва аҳёнан масрафшаванда;

- бунёди шабакаи комплексҳои муосири тиҷоратӣ, ташаккул додани шабакаҳои таҷдидгардидаи савдо ва корхонаҳои бузурги универсалии чаканафурӯшӣ (ба мисли «Ашан», «Пайкар», «Амид», «Анис», «Оазис», «Ёвар» ва ҳоказо);

- дар ҳудуди дастрасии пиёдагардон ҷойгиронии «мағозаҳои қулай», ки молҳои озуқаворию ғайриозуқа мефурӯшанд;

- инкишоф додани инфрасохтори объектҳои бозори истеъмолӣ;

- татбиқи низоми ҳисобҳои ғайринақдӣ бо истифодаи кортҳои пластикӣ;

- ҷудо кардани ҷойҳои махсус барои намоишгоҳҳо (ярмаркаҳо) ва бозорҳои кӯчагӣ;

- ба тартиб овардани савдои майдачаканафурӯшӣ;

- ҷорӣ намудани савдои электронӣ ва ҳоказо.

Қайд кардан зарур аст, ки солҳои охир, дурусттараш дар даҳсолаи охир дар шаҳрҳои калону хурд пайдо шудани шабакаҳои муосири савдо, ки бо фурӯши молҳои истеъмолӣ махсус гардонида шудаанд, ба афзоиши гардиши моли чакана такони нав бахшид. Бо мақсади асоснок намудани гуфтаҳои дар

боло зикр гардида аз таҷрибаи воқеӣ якчанд далелҳо пешниҳод карда мешавад. (расми 2.3.3.).




**Расми 2.3.3. Сатҳи рақобатпазирии ширкатҳои савдо**

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [21].*

Аз маълумотҳои таҳлилнамуда маълум гардид, ки аз соли 2018 то соли 2024 дар ҳамаи ширкатҳои савдои мавриди таҳлил қарор гирифта, дар ҳаҷми фурӯш тағйирот ба вуҷуд омадааст. Масалан, соли 2018 ҳаҷми фурӯши ширкати «Амид» 14420 ҳазор сомонӣ, соли 2024 бошад 74562,4 ҳазор сомониро ташкил намуда, суръати афзоиши гардиши молии ширкат дар соли 2024 назар ба соли 2018 қимати мусбатро (5,2 баробар зиёд шуд) ташкил кард. Дар ширкати «Анис» бошад ҳаҷми фурӯш соли 2018 8342,6 ҳазор сомониро ташкил намуда, дар соли охири давраи мавриди таҳлил ҳаҷми фурӯш дар ҳамаи нуктаҳои савдои ин ширкат ба 52645,9 ҳазор сомонӣ расид. Нишондиҳандаи баланди афзоиши ҳаҷми фурӯш дар фаъолияти ширкати «Оазис» низ ба назар мерасад. Аз ҷумла, ҳаҷми фурӯши ширкати «Оазис» соли 2024 назар ба соли 2018 6,2 баробар афзуда, 59894,1 ҳазор сомониро ташкил кардааст. Динамикаи ҳаҷми савдои ширкати «Ёвар» соли 2024 нисбат ба солҳои 2018 ва 2019 ҳамчунин тамоюл ба афзоиш зоҳир мекунад. Ин нишондиҳанда соли 2024 28965,2 ҳазор сомониро ташкил кардааст, ки афзоиш нисбат ба соли 2018 4,8 баробар мебошад[21]. Натиҷаи муҳорибаи рақобатӣ байни иштирокчиёни бозор дар бисёркунҷаи рақобат вобаста аз ҳаҷми фурӯш дар расми 2.3.4 оварда шудааст.




**Расми 2.3.4. Бисёркунҷаи рақобат вобаста ба ҳаҷми фурӯш**
***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти адабиёти [21].*

Аз ҳама муҳимаш, бо вуҷуди нисбатан баланд будани нархи молҳои пешкашшаванда афзоиши ҳаҷми фурӯш ба мушоҳида мерасад, ки аз тамоюлҳои мусбат ҳам дар даромади аҳолӣ ва ҳам баланд шудани фарҳанги рафтори истеъмолӣ шаҳодат медиҳад. Аз ҷониби дигар, он рафтори истеъмолии харидоронро ба дараҷаи нав бардошта, ба ободонӣ ва инкишофи нуқтаҳои аҳолинишин саҳми арзанда гузошт.

Алҳол афзалиятҳои асосии рақобатӣ ба ширкати «Амид» вобаста карда мешаванд, ки, пеш аз ҳама, ба интихоби васеи мол ва қобилияти дигаргун сохтани он бо назардошти хусусиятҳои талаботи истеъмолкунандагон нигаронида шудааст. Дигар афзалияти рақобатии ширкат дар бозори молҳои истеъмолӣ хариди молҳо бевосита аз истеҳсолкунанда, бидуни ташкилотҳои миёнаравӣ мебошад, ки ин имкон медиҳад нархро аз нархҳои миёнаи бозор пасттар намуда, бо ҳамин роҳ афзалияти рақобатӣ ба даст оварад. Боиси қайд аст, чунин афзалиятҳои рақобатӣ дар аксар ширкатҳо мавҷуд нестанд, ки дар натиҷа боиси коҳиши даромаднокии онҳо, муфлисшавӣ ё харидории онҳо аз ҷониби дигар ширкатҳои калонтар мегардад.

Афзалияти рақобатии дигари ширкат он аст, соли 2021 5 ширкати тиҷоратии мустақил бо иттиҳоди тиҷоратии «Амид» муттаҳид шуданд. Ин иттиҳодия намунаи равшани модели «рақобати муштарак» буда, бо мақсади таъмин намудани инъикоси муассири таъсири рақобат, дониш ва таҷрибаи касбии дар соҳа ҳосилшуда ба таври комплексӣ ҳамгиро карда мешавад. Дар ин тарзи корбарӣ, амволи субъектҳои хоҷагидор дар ихтиёри худашон мемонад. Дар доираи ин иттифоқи тиҷоратӣ, марказҳои савдо як қатор бартариҳои рақобатӣ ба даст овstatic, аз ҷумла:

- арзиши молҳои харидорикардашуда (бо афзоиши миқёси фармоиши яклухт) коҳиш ёфт;
- хароҷоти буҷаи реклама кам шуд;
- нонвойхона, дӯкони гӯшт, дорухона, сехи истеҳсоли нимфабрикатҳо, хӯришҳо ва дигар молҳои озуқаворӣ бо мақсади фурӯш дар доираи иттифоқи тиҷоратӣ ва ғайра таъсис дода шуданд.

Бояд таъкид кард, ки дар танҳоӣ ин ширкатҳо чунин натиҷаҳоро ба даст оварда наметавонистанд. Имрӯз ширкати «Амид» бо ширкатҳои «Анис», «Оазис», «Ёвар» ва дигар ширкатҳо дар бозори молҳои истеъмолӣ бомуваффақият рақобат мекунанд.

Ҳамин тариқ, агар субъектҳои хоҷагидорӣ бозор ба рақобати шабакаҳои чакана тоб оварда натавонанд, пас аз бозор берун карда мешаванд, ки ин ҳолатро дар динамикаи манфии коҳишёбии шумораи ширкатҳо мушоҳида намудан мумкин аст (шумораи соҳибкорони инфиродие, ки бо тиҷорат машғуланд, соли 2024 нисбат ба соли 2015 48% коҳиш ёфт ). Дар соли 2024 аз миқдори умумии шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифта, 40,7 %-ашон фаъолияти худро қатъ намуда (нигаред ба ҷадвали 2.1.3., саҳифаи 82), миқдори корхонаҳои амалкунанда 59,3 %-ро ташкил кард[17, с.229, 239].

Кам шудани миқдори ширкатҳо ё худ аз бозор хориҷшудани онҳо аз нигоҳи иқтисоддонҳо шарҳ дода шуда, сабабҳои он муайян карда шуданд, ба монанди:

1. Нокифоягии рақобатпазирӣ (аз ҷиҳати нарх, сифат, навоварӣ ва хизматрасонӣ);

2. Баланд будани сатҳи хароҷот ва коҳишёбии талабот (дар давраи пандемия бисёр ширкатҳо аз бозор хориҷ шуданд);

3. Технологияҳо, навовариҳо, тағйиротҳои сиёсӣ ё ҳуқуқӣ ва ҳоказо.

Ақидаи як қатор иқтисоддонҳоро [34; 102; 146; 156] ҷонибдорӣ намуда иброз медорем, ки хориҷ шудани ширкатҳо аз бозор хусусияти табиӣ дошта, дар он бозингарони ғайрисамаранок ва ё рақобатнопазир ҷойро ба беҳтаринҳо медиҳанд. Олимон ба ин раванд бо усулҳои назариявӣ ва эмпирикӣ назар мекунанд, аз ҷумла:

- «...дар фазои рақобат бозор бо механизмҳои худкори худ ширкатҳои самаранок фаъолият бурда истодаро нигоҳ медорад ва ғайрисамаранокро аз бозор хориҷ мекунад»[146];

- «...аз бозор баромадани бозингарон натиҷаи бозори нобаробар метавонад бошад, на рақобати табиӣ. Шароити институтсионалӣ, аз қабили: монеаҳои сиёсӣ, фоизи баланди андозбандӣ, фасод, набуди дастрасӣ ба қарз ва захираҳо ба он таъсир расонида метавонанд»[34];

- «...дар фазои рақобат ширкат чун организми зинда навҷорисозӣ мекунад, зеро навоварӣ ширкатҳои кӯҳнашударо аз байн бурда, чун пешбарандаи рушд баромад мекунад»[156].

Ақида ҳаст, ки хориҷ шудани бозингарони бозор на танҳо камбудӣ, балки нишонаи рушди иқтисодиёти кишвар низ буда метавонад, агар он дар муҳити шаффоф ва рақобатпазир сурат гирад. Бинобар ин, бо назардошти гуфтаҳои боло, пешниҳод карда мешавад, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон самтгирӣ ба ташаккули шаклҳои муосири фурӯши мол дар баробари фарқгузории оқилонаи объектҳои савдо самараи беҳтарин медиҳад. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар шароити Тоҷикистон шаклҳои муосири фурӯш асосан дар шакли фурӯши рақамӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, фурӯши мобилӣ, ҳамчунин фурӯши шабакавӣ ва омехта рушд мекунанд. Дар роҳи расидан ба мавқеи рақобатпазирӣ ташаккули «салоҳияти калидӣ» яке аз роҳҳои афзалиятнок

буда, бартарияти рақобатиро дар бозор таъмин карда метавонад. Ба ақидаи Г.Хамел ва К.Прахалад маҷмуи малакаҳо, тавоноӣ ва технологияҳо ин салоҳиятҳои асосие мебошанд, ки мақеи рақобатии ширкатро устувор намуда имконият медиҳанд, то манфиатҳои истеъмолкунандаро дар шароити имрӯзаи бозор қонеъ карда тавонад. Дар ин роҳ, «...ширкат бояд захираҳо ва қобилиятҳоро ба салоҳиятҳое табдил дода тавонад, ки ба он имконияти зуд мутобиқшуданро ба муҳити тағйирёбанда диҳанд»[67, с.112].

Рақобат дар асоси сифат рақобатест, ки «...ба пешниҳоди молҳои баландсифат, бо эътимоднокии бештар, муҳлати хизмати дарозтар ва дигар хусусиятҳои мукаммали истеъмолӣ асос ёфтааст»[161]. Бо назардошти ин гуфтаҳо, ҷанбаҳои сифатии рақобатро муайян намудем, ки маҷмуи хусусиятҳои сифатии молро ифода карда, барои қонеъ намудани талаботи мушаххаси истеъмолкунанда нигаронида шудаанд. Аз ин ҷо бар меояд, ки ба ҷанбаҳои сифатии рақобат на танҳо сифати баланди мол ва сатҳи техникии коркарди он, балки амали моҳиронаи ширкат дар фазои рақобати бозор, инчунин ба назар гирифтани талаботи бозор ва гурӯҳҳои мушаххаси истеъмолкунандагон дохил мешаванд (расми 2.3.5.).




**Расми 2.3.5. Таснифоти ҷанбаҳои сифатии рақобат**

***Сарчашма:*** *Коркарди муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда.*

Илова бар ин, таҷриба нишон медиҳад, ки истифодаи ҷанбаҳои миқдории рақобат бе маҳдуд нестанд, зеро дар фазои рақобат стратегияҳои нави ташкили истеҳсолот ва усулҳои кам кардани хароҷот (ҳатто навтарин бошанд ҳам) дастрасшавандаанд. Онҳо аз ҷониби рақибон истифода мешаванд, ки ба баробар шудани афзалиятҳои миқдорӣ дар бозори рақобат мусоидат мекунанд. Бинобар ин, ба фикри мо, дар шароити имрӯзаи рақобат ба инобат гирифтани ҷанбаҳои сифатӣ бартарият дошта, ба тағйир додани мол нигаронида шудаанд ва ба он хусусиятҳоеро медиҳанд, ки онро аз моли рақибон бо ин хусусиятҳои таркибӣ фарқ мекунанд. Маълум аст, ки молҳои бо ҳам шабеҳ барои қонеъ кардани ниёзҳои хусусияти якхела дошта нигаронида шудаанд ва бартарияти ҷанбаҳои сифатӣ дар такмили хусусиятҳои сифатии мол раванди бемаҳдуд буда, имконияти истифодаи стратегияи дифференсиатсияи (тафовути) маҳсулотро фароҳам меоварад. Дифференсиатсия барои дар назари истеъмолкунанда ҷолибтар гардидан ва таъмини беназирии маҳсулот дар бозор имкон медиҳад.

Таҳқиқот нишон дод, бисёр вақт, ҳолатҳое мешаванд, ки дифференсиатсияи маҳсулот ягона роҳи фарқ кардан дар бозори рақобат мебошад. Он барои муайян кардани талаботи (аҳёни) нопӯшидаи истеъмолкунандагон ва тарафҳои заифӣ рақибон мусоидат мекунад, зеро «...норозигии истеъмолкунанда аз маҳсулоти дар бозор мавҷуд буда, арзиши дифференсиатсияи маҳсулотро баланд менамояд»[92].

Зикр кардан зарур аст, ки татбиқи стратегияи дифференсиатсияи маҳсулот имкон медиҳад ширкат қобилияти худро дар самти таъмини маҳсулоти беназир ва барои истеъмолкунанда арзиши баланд дошта (дар муқоиса бо рақибон) аз ҷиҳати сифат, мавҷудияти хусусиятҳои махсус, усулҳои фурӯш, хидматрасонии пас аз фурӯш ифода намояд. Дар асоси ин стратегия ширкат аз доираи хусусиятҳои функсионалии мол берун баромада ба маҳсулоти худ хосиятҳои ғайриодиеро медиҳад, ки аз ҷониби истеъмолкунанда хуш пазируфта шуда, харидор омода аст барои он маблағи муайян пардохт намояд (расми 2.3.6.).




**Расми 2.3.6.-Модели татбиқи стратегияи дифференсиатсияи маҳсулот дар бозори молҳои истеъмолӣ.**

***Сарчашма:*** *Коркарди муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда.*

«...Ҷабҳаҳои сифатии рақобат чун раванди истеҳсол ва пешниҳоди маҳсулот ба бозор бо маҷмуи хусусиятҳои истеъмолӣ баҳо дода мешавад»[154]. Бо назардошти ин гуфтаҳо муаллиф таъкид ба он дорад, ки ҷабҳаҳои сифатии рақобат талаботро ба маҳсулот зиёд мекунад, зеро силсилаи моделҳои маҳсулоти пешниҳодмешуда васеъ мегарданд. Аз ин ҷо бармеояд, ки рақобат ба пешрафти илмию техникӣ дар соҳаи маҳсулоти истеъмолӣ мусоидат мекунад.

Дар хотимаи зербоби 2.3. мехоҳем қайд намоем:

1. Дар Тоҷикистон бозори молҳои истеъмолӣ саҳми назаррас дар таъмини аҳолӣ бо молҳои зарурӣ ва шаклгирии нархҳо дорад. Бо назардошти аҳаммияти ин бозор, таҳқиқи ҷанбаҳои миқдорӣ ва сифатии рақобат зарур мебошад, зеро дар шароити иқтисоди бозорӣ рақобат яке аз муҳаррикони асосии самаранокӣ ва рушди устувори кишвар ба ҳисоб меравад.

2. Муайян карда шуд, ки ивазкунандаҳои маҳсулот дар бозори молҳои истеъмолӣ ҷанбаи дутарафа доранд: аввалан, истифодаи мувозии (параллельное) ивазкунандагони маҳсулоти зарурати аввал бо маҳсулоте, ки соҳа дар вақти ҷамъоварии ҳосил мефурӯшад. Сониян, дар фаслҳои дигари сол вазъи ҳукмфармои молҳои зарурати аввали воридотӣ амалан хусусияти саросарӣ дорад, ки аз шиддатнокии рақобат ва рақобатнокии пасти молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозор шаҳодат медиҳад. Онҳо хавфҳое мебошанд, ки дар бозори молҳои истеъмолӣ мавҷуданд. Зиёд кардани истеҳсоли ин молҳо аз ҷониби истеҳсолкунандагони ватанӣ барои пур кардани бозор ва ба омилҳои иловагии қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ табдил додани молҳои воридотӣ зарурати беш аз пеш пайдо мекунад.

3. Ҷанбаҳои сифатии рақобат муайян карда шуд, ки он маҷмуи хусусиятҳои сифатии молро ифода мекунад ва ба қонеъ намудани талаботи мушаххаси истеъмолкунанда нигаронида шудааст. Дар шароити имрӯзаи рақобат ба инобат гирифтани ҷанбаҳои сифатӣ бартарият дошта, ба тағйир додани мол нигаронида шудаанд ва ба он хосиятҳоеро медиҳанд, ки онро аз моли рақибон бо ин хусусиятҳои таркибӣ фарқ мекунанд. Дар натиҷаи

таҳқиқот маълум шуд, ки молҳои бо ҳам шабеҳ барои қонеъ кардани он ниёзҳое нигаронида шудаанд, ки хусусияти якхела доранд, лекин бартарияти ҷанбаҳои сифатӣ дар такмили хусусиятҳои сифатии мол раванди бемаҳдуд мебошад.

4. Дар бозори молҳои истеъмолии ватанӣ имконияти васеъ барои истифодаи дифференсиатсияи маҳсулот мавҷуд буда, он барои дар назари истеъмолкунанда ҷолибтар гардидан, таъмини беназирии маҳсулот, муайян кардани талаботи қонеънашудаи истеъмолкунандагон ва тарафҳои заифи рақибон мусоидат мекунад.

**Хулоса оид ба боби дуюм:**

1. Вазъи бозори молҳои истеъмолӣ андешидани тадбирҳоро дар бобати мутобиқат намудани он ба фазои рақобат, дастрасии молу хидматро ба истеъмолкунандагон, инчунин қонеъ гардонидани талаботи онҳоро бо молҳои босифат тақозо менамояд. Бо назардошти афзалиятҳои рақобатӣ аз қабили захираҳои арзони ашёи хоми маҳаллӣ, неруи кории барзиёд, захираҳои пуриқтидори неруи барқ, захираҳои дастраси табиӣ тавсия дода мешавад, ки бо мақсади рушди истеҳсоли молҳои саноатӣ ва истеъмолӣ стратегияи рақобатпазир таҳия ва татбиқ карда шавад. Самти асосии чунин стратегия бояд фароҳам овардани дастрасии васеъ ба молҳои босифати истеҳсоли ватанӣ дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ, истодагарӣ кардан дар баробари рақибони беруна, ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ бошад.

2. Ҳар як фурӯшанда дар бозори молҳои истеъмолӣ айни замон метавонад ҳам монополист ва ҳам рақиб бошад. Муаллиф таъкид мекунад, ки модели бозор аз як ҷиҳат бештар ба модели «рақобати монополистӣ» наздиктар буда, бозор пеш аз ҳама, ба тафриқаи маҳсулот такя мекунад. Аҳаммияти асосӣ ба хоҳиш, даромад, макони ҷойгиршавии харидорон, тарзҳои истеъмоли мол, гуногунии эҳтиёҷи истеъмолкунанда ва ба гуногуншаклии мол дода мешавад.

3. Сабаби камшавии миқдори бозингарон дар бозори истеъмолӣ ин маҳдудиятҳои вуруд ба бозор мебошад, ки бештар хусусияти бозори

олигополиро дорад. Ташаккули нарх ва ҳаҷми таҳвили маҳсулот дар шароити таъсири сахти таҳвилгарони калони алоҳида сурат мегирад. Дар ин ҷо, мавқеи асосиро усули хароҷот ҷамъ, аниқтараш хароҷот ҷамъи илованарх ишғол мекунад. Хароҷоти ибтидоии вуруд хеле баланд аст, дар шароити фоидаи паст ва харҷи зиёд ба воҳиди маҳсулот вуруд ба соҳа ҳавасмандгардониро боз медорад. Аз ин рӯ, воридшавии сармоя ба бозори соҳавӣ ҳадди ақалро ташкил мекунад. Дар ин модели бозор, рақобат шадид буда, дар навбати худ барои гузаштан ба сатҳи нави рақобатпазирӣ, яъне ба шарикӣ даъват намудани рақибон шароити мусоид месозад. Зеро, ташкили иттифоқҳои чандир, табодули мутақобилаи дастовардҳои нави илмию техникӣ, навовариҳо ва навҷорисозиҳо иқтидори рақибон-шариконро пурзӯр намуда, ба рақобатпазирии ҳар ду ҷониб тақвият мебахшад.

# БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ РАҚОБАТПАЗИРИИ БОЗОРИ МОЛҲОИ ИСТЕЪМОЛӢ

## 3.1. Стратегияи рақобат чун модели умумии фаъолият дар муҳити тағйирёбандаи бозори молҳои истеъмолӣ

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ, байни стратегияҳои гуногуни рақобатпазирӣ, ки аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ таҳия шудаанд, модели стратегияи субъектҳои бозори молҳои истеъмолӣ шакл дода мешаванд.

Чӣ хеле ки дар бобҳои гузаштаи диссертатсия қайд карда шуд, рақобат механизмест, низоми иқтисоди бозориро ба ҳаракат дароварда, муборизаи байнихудии агентҳои иқтисодиро барои шароити манфиатовари дарёфту азхуд кардани сармоя ва мустаҳкам кардани мавқеъ дар бозор ифода менамояд.

Стратегия бошад, чун модели умумии фаъолият дар муҳити тағйирёбандаи рақобат баромад намуда, барои дарёфти захираҳои зарурӣ ва тақсимоти самараноки онҳо дар роҳи муваффақ гаштан ба мақсадҳои гузошташуда мусоидат мекунад. Дар байни намудҳои гуногуни стратегияҳо стратегияи рақобатӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад, ки амалҳо ва фаъолияти ширкатро дар бозори рақобат муайян мекунад.

Стратегияи рақобат чун муқаррарот дар ҳуҷҷати ягона инъикос ёфта, равишҳо ва усулҳои мувофиқро барои бурдани рақобат муайян мекунад, самтҳои асосии амалиёт, ки ба бунёди занҷири арзишҳо нисбат ба рақибон замина мегузорад, инъикос менамояд. Он нақшаи дарозмуддати амалест, ки ба ширкат имкон медиҳад, ки рақобатпазириро нигоҳ дорад ва ҳифз намояд, мавқеъро дар бозор мустаҳкам кунад ва бартариро аз болои рақибон таъмин намояд.

Дар сарчашмаҳои илмӣ вариантҳои зиёди моделҳои стратегияи рақобат оварда шудаанд [24; 28; 29; 35; 40; 51; 52; 53; 56; 67; 68; 71; 113; 156]. Интихоби ин ё он стратегияи рақобат аз мавқеи бозории иштирокчиёни бозор, иқтидори дохилии онҳо, инчунин аз ҳолати макро ва микромуҳит вобаста аст.

Истилоҳи «стратегияи рақобат» дар охири солҳои 1970-ум пайдо шуда онро иқтисоддони амрикоӣ Майкл Портер ҷорӣ намуда буд. Ба ақидаи Портер

дар шароити бозор ғояи стратегияи рақобатиро бо ду калима баён кардан мумкин аст: «монанд набудан». Ин ғоя маънои интихоби бомулоҳизаи як қатор намудҳои фаъолиятро дорад, ки ба пешниҳоди портфели нодири бавуҷудоварандаи арзишҳо мусоидат мекунад. Ақидаи Портерро ҷонибдорӣ намуда, стратегияи рақобатро чун раванди ҷустуҷӯйи мавқеъҳои нав баррасӣ кардан мумкин аст, ки вуруди истеъмолгарони дар ин бозор мавҷудбуда ё ҷалби истеъмолгарони комилан навро ба бозор таъмин менамояд. Дар ин бобат, Портер бар он ақида аст, ки, «...рақобати стратегӣ маънои интихоби роҳеро дорад, ки аз роҳи дигарон фарқкунанда аст. Бар ивази рақобат барои ҳуқуқи беҳтарин будан, ширкатҳо метавонанд ва бояд барои беҳамтоии худ дар бозор рақобат кунанд. Се стратегияи асосии рафтори рақобатии ширкатро дар соҳа ҷудо мекунад: стратегияи рақобатии пешвоӣ дар маҳсулот (дифференсиатсия) - маънои эҷоди моли беназирро дар соҳа дорад; стратегияи рақобатии пешвоӣ дар хароҷот (пешвоӣ дар нарх) - маънои онро дорад, ки ширкат метавонад ба сатҳи пасттарини хароҷот бирасад; стратегияи рақобатии махсус (пешвоӣ дар ҷойгоҳи бозорӣ) - маънои тамаркузи тамоми кӯшишҳои ширкатро ба гурӯҳи муайяни истеъмолкунандагон дорад»[51, с.56].

Стратегияҳои рақобатӣ одатан ба сатҳи алоҳидаи сохтор дохил карда шуда, рафтори рақобатии субъектҳои соҳибкориро инъикос менамояд. Дар робита ба ин масъала С.В. Кравтсевич таъкид менамояд, «...пеш аз он ки рафтори рақобатии сохторҳои соҳибкорӣ намуди тартиби амалиётӣ, аксуламалҳои вазъиятӣ ва амалҳои фавриро гирад, он дар сатҳи стратегӣ моделсозӣ карда мешавад ва ҳамчун стратегия ё маҷмуи стратегияҳои рафтори рақобатӣ баррасӣ карда мешавад»[91, с.60, 68]. Тавре Ю.Б. Рубин қайд мекунад, «...стратегияи рақобат ё рақобати стратегӣ мафҳумҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати маъно бояд, пеш аз ҳама, сатҳи стратегии фаъолияти рақобатӣ ва идоракунии онҳоро инъикос намоянд» [98, с.38]. Пайгирии стратегияи рақобат ба иштирокчиёни бозор имкон медиҳад, ки амалҳоро комилан амиқтар анҷом диҳанд. Мафҳуми стратегияи амалҳои рақобатпазир сатҳи амиқи асоснокӣ ва ҳавасмандии амалҳои ба рақобат майлдоштаи иштирокчиёни бозорро тавсиф

мекунад. Аз ин рӯ, стратегияи рақобат асоси фаъолияти ҳар як иштирокчии бозор дар муҳити рақобат мегардад.

Ба стратегияи амалҳои рақобатӣ стратегияҳоеро дохил кардан мумкин аст, ки ҳар як иштирокчии бозор дар раванди пешбурди бизнес роҳнамоӣ мекунад. Ин стратегияҳо чунинанд: стратегияи истеҳсолӣ, фурӯш, молиявӣ, инноватсионӣ, кадрӣ, баҳисобгирӣ ва ғайра, ки ҳамаи онҳо ҳатман тавассути рақобат истифода бурда мешаванд ва дар муҳити рақобат байни иштирокчиёни бозор нақши худро доранд.

Вобаста аз ин, стратегияи рақобат табиати худро доранд, яъне чун ҷузъи мустақили пешбурди бизнес дар иҷрои стратегияи омодагӣ ва амалҳои рақобатӣ баррасӣ мегардад. Стратегияи рақобат вақте муайян карда мешавад, ки ширкат дар бозор кай рақобат кардан мехоҳад. Нишондиҳандаи стратегияи рақобат дар маҷмуи ташаббусҳо ва амалиёти воқеӣ, инчунин вокунишҳои ширкат ба муҳити беруна бо мақсади ба даст овардани афзалияти рақобатӣ ифода меёбанд. Ба ибораи дигар, стратегияи рақобат иҷрои амалҳоро барои ноил шудан ба афзалияти рақобатӣ дар бозори алоҳидаи мол ё соҳа пешбинӣ мекунад.

Ба ақидаи мутахассиси байналмилалӣ дар соҳаи менеҷменти стратегӣ, профессори донишгоҳи католикии Левен ва донишгоҳи Милан Жан-Жак Ламбен «...стратегияҳои рақобатӣ панҷ намуд мешаванд:

1. Стратегияи пешсафӣ дар хароҷот (коҳиши пурраи ҳамаи хароҷотҳоро барои харид ва фурӯши мол ё хидматрасониҳо, ки миқдори зиёди харидоронро ҷалб мекунад, дар бар мегирад).

2. Стратегияи тафриқабандии васеъ (ба моли ширкат хусусиятҳои махсусе медиҳад, ки онҳоро аз молҳои ширкатҳои рақиб фарқ мекунонанд ва ба ҷалби бештари харидорон мусоидат мекунад).

3. Стратегияи хароҷоти оптималӣ (ба харидор имконият медиҳад, ки бо пули дар ихтиёр доштааш арзиши зиёде ба даст оварад, ширкат бошад аз ҳисоби омезиши хароҷоти кам ва фарқи васеи молҳо бартарӣ пайдо намояд).

4. Стратегияи ҳиссаи бозорӣ, ки ба хароҷоти кам асос карда шуда, ба доираи танги харидорон нигаронида шудааст, ки дар он ширкат аз рақибони худ тавассути хароҷоти пасти истеҳсолот афзалият дорад.

5. Стратегияи тафриқаи номгӯйи мол (мақсади стратегия таъмини намояндагони сегменти интихобшудаи бозор бо мол ва хидматҳое, ки ба завқ ва талаботи онҳо бештар ҷавобгӯ мебошанд)»[43, с.341].

Дар тадқиқоти профессор А.М. Раҳимов оид ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон се стратегияи ба даст овардани бартариҳои рақобатӣ баррасӣ шудаанд, аз ҷумла: «...стратегияи пешсафӣ дар хароҷот, стратегияи тафриқабандӣ ва стратегияи ҳиссаи бозорӣ»[53].

Ҳадафи стратегияи аввал аз нигоҳ доштани бартарии рақобатии корхонаҳо нисбат ба рақибон тавассути кам кардани хароҷоти истеҳсолот иборат аст. А.М. Раҳимов чунин мешуморад, ки «...истифодаи самараноки ҳамаи омилҳои истеҳсолот метавонад ба шарте таъмин карда шавад, ки арзиши иловашуда барои навсозии иқтидорҳои истеҳсолӣ кофӣ бошад. Афзоиши арзиши нав ҳамчун роҳи кам кардани хароҷоти истеҳсолот ва ҳамчун манбаъи ба даст овардани бартариҳои рақобатӣ баромад намуда, тавассути афзоиши захираҳои сармоягузорӣ барои фароҳам овардани шароити моддӣ ва васеъ кардани истеҳсолот, афзоиши шумораи кормандон ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ба даст меояд»[53].

Ақидаи А.М. Раҳимовро ҷонибдорӣ намуда таъкид мекунем, ки тафовути маҳсулот, одатан афзоиши хароҷотро дар назар дорад, аз ин рӯ баррасии стратегияи тафриқаи маҳсулот бо масъалаи хароҷоти истеҳсолот зич алоқаманд аст. Агар хароҷоти ҳадди ақал дар соҳа аз даромади ҳадди ақали корхонаҳо зиёд бошад, пас ҳар як маҳсулоти иловашуда ва коҳиши нарх даромади умумии ширкатро коҳиш медиҳад, яъне ин номусоид будани шароитро барои гузаронидани стратегияи тафриқаи маҳсулот ифода мекунад. Ҳатто, дар саноати сабук, ки шароит барои рақобати монополистӣ фароҳам аст, тафриқаи маҳсулот ва афзоиши миқдори маҳсулоти истеҳсолшуда фоидаовар нест. Дар ин ҳолат, афзоиши нархи маҳсулот нисбат ба афзоиши пешниҳоди он

дар бозор барои корхонаҳо манфиатовар аст. Чунин мавқеъ ба вазъи монополии бозор наздик мебошад.

Боиси қайд аст, ки стратегияи ҳиссаи бозорӣ ин қарори тиҷоратӣ барои коркард ва истеҳсоли маҳсулот барои як қисми муайяни бозори мақсаднок буда, стратегияи мазкур ба ихтисосмандии маҳдуди ширкат такя мекунад ва бизнес дар як сегменти бозор анҷом дода мешавад. Одатан, як сегменти бозор интихоб карда мешавад, ки аз тамоми соҳаҳои дигар, ҳам аз ҷиҳати эҳтиёҷоти истеъмолкунандагони мақсаднок, ва ҳам аз рӯйи модели харид фарқ мекунад. Дар ин фарқҳо ширкатҳо бояд бозӣ кунанд, то аз рақибон пеш гузаранд.

Бисёр стратегияҳои рақобатие, ки дар амал таҳия мешаванд, аксар вақт ба бозори рақобат таъсир расонида наметавонанд, зеро онҳо бидуни назардошти унсурҳои муҳимми зерин сохта мешаванд, аз ҷумла: ҳамбастагии муҳити бозор, иқтидори кадрӣ, захираҳои молиявӣ ва дигар унсурҳои сохтории иқтидори иқтисодӣ.

Барои истодагарӣ карда тавонистан дар бозори рақобат, муаллифи диссертатсия ду варианти модели стратегияи рақобатиро тавсия менамояд, ки ба фатҳи бозорҳои нави истеъмолӣ имконият медиҳанд.

**Варианти аввал.** Сатҳи даромади истеъмолгарон, махсусан дар деҳот паст аст ва ин моро барои таҳия ва қабули стратегияи мутобиқаткунандаи рақобатӣ водор мекунад, ки дар шароити мо ин **стратегияи хароҷоти оптималӣ** мебошад. Зеро, дар асоси стратегияи рақобатии мазкур ширкат ба харидор имконияти бо маблағи дар ихтиёр доштааш ба даст оварадани арзиши зиёдро медиҳад, яъне бо хароҷоти камтарин бо назардошти талабот дастрас намудани молу хидматҳои зарурӣ. Ширкат бошад, бо хароҷоти кам ва фарқи васеи молҳо дар бозор бартарияти рақобатӣ пайдо мекунад.

Лаҳзаи муҳимми дигареро қайд кардан зарур аст, яъне омилҳое, ки ба сатҳи рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ таъсир мерасонанд, хеле тағйирёбандаанд: дар як ҳолат таҳвилгар метавонанд ба шиддатёбии рақобат дар соҳа омили таъсиррасон гарданд, дар дигар маврид ин нақшро истеъмолгарон ё ивазкунандагони мол мебозанд. Бинобар ин, дар бозор

таҳлили доимии вазъият ва мавҷудияти мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ зарур мебошад.

Илова бар ин, Портер таъкид мекунад, «...ширкате, ки дар асоси хароҷоти кам ё нодирии маҳсулот мавқеъро ишғол накардааст ва маҷбур аст маҳсулоташро ба кӣ ки рост ояд, фурӯшад, оянда надорад, зеро он беш аз пеш осебпазир мегардад. Эҳтимол, ширкат маҷбур мешавад, бизнесашро қатъ кунад ва молашро танҳо ба истеъмолгарони камнуфуз фурӯшад»[51, с.42]. Қаблан аз ҷониби муаллифи диссертатсия нишон дода шудааст, ки «...агар бозигарони ин бозор нақшаҳои шабеҳ дошта бошанд, стратегияи нисбатан пурқувват таҳия кардан лозим меояд. Ин тадбирҳо бояд ба афзоиши самаранокии корхонаҳо дар бозори молҳои истеъмолӣ мусоидат намуда, боиси ихтисори хароҷот ба воҳиди маҳсулот, болоравии ҳосилнокии меҳнат, афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва фурӯш гарданд»[84, с.83].

Нуқтаи назари як қатор муаллифонро баррасӣ намуда, қайд кардан зарур аст, ки дар баробари дигар стратегияҳои рақобтие, ки дар боло зикр кардем, истифодаи **стратегияи ҳиссаи бозорӣ** метавонад ба корхонаҳои ватанӣ нисбат ба рақибони онҳо бартариҳои зеринро фароҳам орад, аз ҷумла:

- корхонаҳое, ки ба сегменти муайяни бозор хидмат мерасонанд, завқ ва ниёзҳои харидоронро беҳтар медонанд, ки ин барои ворид шудан ба ин бозор барои рақибони дигар монеа мешавад;

- корхонаҳо захираҳои маҳдуди худро ба хидматрасонии як қисми бозор равона мекунанд, на ба тамоми бозор.

**Варианти дувум.** Зарурати ин модели стратегияи рақобатӣ аз он бармеояд, ки даромади истеъмолгарон дар иқтисодиёти миллӣ алҳол нисбатан паст аст ва ин ҳолат пешакӣ иқтисодиёти моро ба гирифтани фоидаи паст маҳкум менамояд. Дар миқёси калон истеҳол кардани маҳсулот барои истеъмолгарони оммавӣ низ имконнопазир аст. Дар ин маврид, варианти қобили қабул воридотивазкунӣ ва самтгирии иқтисоди соҳа ба содирот ва инкишофи савдои наздимарзӣ аст.

Дар ин замина, Ҷ.А. Алиҷонов ва М.А. Исломова таъкид мекунанд, ки «...дар марҳилаи ибтидоӣ воридотивазкунӣ бояд ба ғанигардонии бозори дохилӣ нигаронида шуда, ҳангоми банақшагирии сатҳи худтаъминкунӣ ба диверсификтсияи алоқаи берунииқтисодӣ ва густариши ҳаҷми содирот такя намояд. Бо баробари ин, маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ бояд аз рӯи нарх ва сифат рақобатпазир бошад ва худи раванди воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ басташавии мутлақро аз воридоти хориҷӣ дар назар надошта, бояд бо ҷорӣ намудани технологияҳои нави инноватсионӣ ҳамрадиф бошад»[73, с.199, 200].

Ақидаи олимонро дастгирӣ намуда, муаллифи диссертатсия қайд мекунад, ки «...татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ, пеш аз ҳама, бояд бо ташаккулёбии истеҳсолоти нав ва таҷдиди истеҳсолоти мавҷуда алоқаманд бошад. Чунин муносибат ба воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ имкон медиҳад, ки дар сатҳи захираҳои мавҷудбуда даромадҳои зиёд таъмин карда шаванд» [73, с.199].

Лаҳзаи дигаре, ки таҳлил ва ҷамъбасти рақобати хориҷиро тақозо мекунад, ҷанбаҳои глобалии рақобати соҳавӣ, минтақавӣ ва миллӣ мебошад. Он далел, ки мо 40 фоизи молҳои озуқа ва то 80 фоизи молҳои ғайриозуқаро ворид месозем, чунин маъно дорад, ки бозигарони хориҷӣ қисми зиёди ин молҳоро доранд ва дар ин соҳа монополист мебошанд. Дар ин замина М.Портер қайд менамояд, ки «..як қатор мутахассисони бонуфуз ҳамчунин зарурати гузаришро аз муносибати молмеҳвар (ба мол нигаронида) ба тавсеаи функсионалии он берун аз чаҳорчӯбаи миллӣ, барои арзёбии иқтидори рақобати байналхалқӣ, ҳамчунин берун аз чаҳорчӯбаи рақибони мавҷуда, барои онҳое, ки эҳтимол фардо дар арса пайдо мешаванд, таъкид кардаанд»[51, с.47]. Мутаассифона, дар ҷумҳурии мо ба масъалаи ҷанбаҳои рақобати байналхалқӣ дар он соҳаҳое, ки онҳо (ширкатҳои хориҷӣ) бозорҳои моро забт кардаанд, барои муайян кардани тарафҳои қавию заифи ҳадафи забткории ин бозорҳо ба қадри кофӣ аҳаммият дода намешавад. Портер дар ин бобат ҳушдор додааст – яке аз ангезаҳо, хоҳиши забт кардани бозорҳои нав мебошад. Ангезаи дувум ва эҳтимол, нисбатан муҳим – бими нодида мондани манбаъҳои

ниҳонии рақобат мебошад, ки рӯзе дар соҳа дар намуди хавфҳои воқеӣ арзи ҳастӣ мекунанд. Дар мавриди охирин, аз шароити дар мамлакат ҳукмфармо ба хулосае расидан мумкин аст, ки ҷавоби мувофиқ дода намешавад.

Марҳилаи якуми ҳалли ин масъала таҳлили муфассал, дақиқ ва ҳамаҷонибаи тарафҳои қавию заиф ва имконияту хавфҳои ширкатҳои хориҷӣ мебошад, ки молҳои онҳоро мо дар бозори молҳои истеъмолӣ бо молҳои истеҳсоли ватанӣ иваз мекунем. Чунин корро мо бояд нисбат ба он бозорҳое иҷро кунем, ки ба онҳо сазоворона ва бо неруи калони иқтидорӣ ворид шуданӣ ҳастем.

Марҳилаи дигар, таҳияи стратегияи вуруд ва амалкард дар бозорҳои байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. Барои ин муайян кардан лозим аст, ки мо чиро, чӣ қадар ва ба куҷо содир карданӣ ҳастем. Ҳалли ин масъала таҳияи чунин стратегияеро талаб менамояд, ки ба соҳаи дигар мувофиқ нест. Ҳангоми тақлид кардан ба дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ва хориҷӣ баъди фосилаи муайяни вакт ширкатҳо таҷрибаи пешқадамро ба тафсил меомӯзанд ва дар худ татбиқ мекунанд. Дар он сурат барои ширкати аввал, афзалиятҳои рақобатӣ ба фазилатҳои ғайрирақобатӣ табдил меёбад.

Дар баробари ин, инкишофи маркетинг ва бренди ширкатҳои ватанӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ унсурҳои муҳим ба шумор рафта, истеъмолгар, талаботу завқи ӯ, бароҳатӣ ва дастрасии хизматрасонӣ бояд дар мадди аввал бошад. Ба назар гирифтан лозим аст, ки «...шаклҳои нави самаранокии амалиётӣ ва такмил ҳудудҳои муайяни худро доранд ва дар ин самт имкониятҳои истеҳсолии ширкатҳо маҳдуд буда, ҳамзамон, стратегияро дар асосҳои нав инкишоф додан лозим меояд»[84, с.85, 86]. Дар ин қарина, дар интихоби таҳвилгарони мол тадриҷан соҳае ҳукмфармо мегардад, ки маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тозаи ба содирот тамоюл доштаро пешниҳод мекунанд. Дар назар дошта мешавад соҳаи кишоварзии маҳдуд ё маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза, ки асал, лимӯ, меваҳои хушки омехта аз қабили онҳо мебошанд.

Дар Чин, Русия ва баъзе давлатҳои дигар истеҳсоли маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза босуръат инкишоф ёфта истодааст. Таҳия ва татбиқи стратегияи рақобатии рушд дар ин самт чун афзалияти рақобатии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад карда метавонад, зеро:

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон мамлакати кӯҳистон аст ва имкони дар ноҳияҳои кӯҳистону наздикӯҳӣ истеҳсол кардани маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тозаро дар намуди сабзавоту мева дорад.

2. Соҳаи кишоварзии маҳдуд ё истеҳсоли маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза ба шаклҳои интенсивии иқтисодиёти аграрӣ мансубият надорад, ки чун афзалияти рақобатӣ ба шумор меравад.

3. Ба шароити мо, технологияҳои меҳнатталаб ва сармоясарфакунанда технологияҳои аз ҳама мувофиқанд. Зеро, иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба ҷойҳои нави корӣ эҳтиёҷ дорад. Бинобар ин, «бояд технологияҳои худиро коркард кунем» ё онҳоро аз хориҷа дастрас намоем. Истифодаи технологияҳои нав кормандони баландихтисосро тақозо мекунад, ки технологияи нави пешқадамро моҳирона истифода бурда тавонанд. Бинобар ин, барои инкишофи сармояи инсонӣ мо бояд инвеститсияҳои калонро сарф кунем ва вазифаи асосӣ ҷустуҷӯйи инвеститсияҳои мазкур аст.

4. Афзалияти муҳимми рақобатӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар марҳилаи ибтидоии рушд омили ҳалкунанда на афзоиши фоида аз ҳисоби коҳиши хароҷоти истеҳсолот, ки самараи миқёс ва истифодаи навовариҳои технологиро тақозо мекунад, балки арзишмандии маҳсулот барои истеъмолгарон мебошад, ки нархи онҳо аз хароҷоти истеҳсолот назаррас баланд аст. Чунин варианти ҳалли масъала ҳудудҳои худро дорад, зеро бе охир нархро бардоштан имконнопазир аст. Ғайр аз ин, рақибони нав пайдо мешаванд, ки имкониятҳои коҳиши хароҷоти истеҳсолотро аз ҳисоби ҷорӣ намудани комёбиҳои нави пешрафти технологӣ истифода мебаранд. Ба ин кор тайёр шудан лозим аст.

Самтҳои стратегии дар боло таҳиягардида омодасозии ҷиддиро тақозо менамояд. Зеро, зарурияти пештар муайян кардани ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ

ва ҷуғрофияи он пеш меояд. Дар бозорҳое, ки ширкатҳои ватанӣ бояд ворид гарданд, онҳоро мунтазир нестанд. Бинобар ин, ин ширкатҳо оид ба манзараи возеҳу дақиқи омилҳои рақобатии мухолифаткунанда, тарафҳои қавию заифи бозингарон, имконияту хавфҳои омилҳои муҳит маълумоти саҳеҳ дошта бошанд.

Дар иртибот бо мулоҳизаҳои боло муаллифи диссертатсия пешниҳод мекунад, ки стратегияи омодагиро дар самтҳои зерин бурдан лозим аст[84, с.86, 87]:

- омода сохтани кормандони баландихтисос, ки дар шароити муҳити рақобатии тағйирёбандаи байналхалқӣ кор карда метавонанд;
- истифодаи босамари реклама барои ба истеъмолгарон намоиш додани маҳсулот ва хусусиятҳои муфиди он;
- зиёд намудани теъдоди истеъмолкунандагони маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза. Дар назар доштан лозим аст, ки ин истеъмолгарон истеъмолгарони наванд ва барои ба қалбашон ҷой шудану онҳоро ба мизоҷони доимӣ табдил додан, талаботи инфиродии онҳоро ба ҳадди аксар қонеъ гардонидан лозим аст. Сухан дар бораи қаноатмандӣ ҳосил кардани онҳо меравад;
- тадқиқоти маркетингӣ барои муайян кардани мушаххасоти талаботи истеъмолгарон ва бозсозии низом аз тақсими захираҳо, фурӯши чакана ва то ба харидор расонидани маҳсулот;
- интихоби низоми менеҷмент тибқи стандартҳои байналхалқӣ, ки боиси афзоиши самаранокӣ мегардад;
- интихоби низоми тақсими захираҳои маҳдуд, ки харҷи ҳадди ақалро ҳини натиҷаҳои ҳадди аксар таъмин мекунад;
- аниқ муайян кардани ҷуғрофияи содироти маҳсулот. Маҳсулотро ба давлатҳои мутараққӣ, аз ҷумла Русия, Эрон, Чин, Қазоқистон ва дигарон содир кардан мумкин аст. Аҳолии мамлакатҳои мазкур даромади нисбатан баланд дорад ва аҳаммияти маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тозаро барои мустаҳкам кардани саломатии инсон дуруст дарк мекунанд. Бо назардошти фарқи

даромад ва арзишмандии маҳсулот барои истеъмолгарон нархи нисбатан баландро муқаррар кардан мумкин аст, ки фоидаи баландро таъмин мекунад;

- аз ҷониби давлат босуръат инкишоф додани инфрасохтори истеҳсолӣ. Амалиёти мазкурро дар ноҳияҳои наздимарзӣ низ гузаронидан ба мақсад мувофиқ аст, ки бо маҳдудии зарфияти бозорҳои миллӣ ва маҳаллии ҷумҳурӣ алоқаманд аст. Савдои наздимарзӣ гардиши молу захираҳоро афзоиш дода, доираи бозорҳои маҳаллиро васеъ мекунад, ки дар иртибот бо ин нуқта ба инкишофи савдои беруна диққати махсус додан зарур аст.

Аз нуқтаи назари стратегияи рақобатии кӯтоҳмуддат дигар вариантҳои инкишофи соҳа низ мавҷуданд. Савдо бо меваҳои хушки омехта, пиёз, зардолуқоқ, зардолу, ангур, шафтолуқоқ, мурғи марҷон, олу ва гелос, себқоқ аз он ҷумлаанд. Содироти онҳо ба субъектҳои хоҷагидорӣ, ки дар ин самт амал менамоянд, манфиати калонро таъмин мекунад. Тибқи маълумотҳои бадастомада «...маҳсулотҳои номбурда бино ба манбаъ, 90 дарсади кулли содироти маводи кишоварзиро ба маблағи 21,5 миллион доллар ташкил додааст. Давлатҳои асосие, ки содирот ба онҳо сурат гирифтааст, асосан Қазоқистон ва Русия (95%) боқӣ мондаанд. Дар баробари ин ба Покистон, Туркия, Ӯзбекистон, Афғонистон, Белорус, Озарбойҷон, Чин, Олмон, Полша, Литва, Аморати Муттаҳидаи Араб ва Кореяи Ҷанубӣ низ маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон содир шудааст»[158].

Сатҳи рақобатро дар бозори молҳои истеъмолии ҷумҳурӣ арзёбӣ карда метавон гуфт, ки он хусусияти заифӣ дорад ва дар баъзе ҷойҳо набудани рақобат эҳсос мегардад. Ҳолати мавҷудаи бозори молҳои истеъмолӣ ташаккули модели стратегияи рақобатиро пешбинӣ мекунад, ки ба рафъи сатҳи пасти рақобатро мусоидат менамояд. Мутобиқан бо таҳқиқи гузаронидашуда муаллиф тарҳи модели стратегияи рақобатро дар расми 3.1.1. таҳия мекунад.

Бояд қайд кард, ки яке аз муаммоҳои асосии бозори молҳои истеъмолии кишвар таҳдиди ворид шудани бозигарони соҳавии хориҷӣ, инчунин мавқеи монополӣ пайдо кардани ширкатҳои ватаниву хориҷӣ мебошад, ки тавассути




**Расми 3.1.1.-Модели стратегияи рақобат**

***Сарчашма:*** *Коркарди муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда.*

татбиқи аслии қонунгузории зиддиинҳисорӣ оид ба бартараф сохтани фишори монополии рақибони беруна ва дохила ба субъектҳои бозори молҳои истеъмолӣ амалӣ мегардад.

Маълум аст, ки рақобат бе шикасти монополия ба вуҷуд намеояд, бинобар, қадами нахустине, ки онро дар роҳи ташаккули муҳити рақобат бояд ниҳод – ин «...ғайриинҳисорӣ намудани иқтисодиёт ва муҳайё намудани шароити ташкилӣ барои рақобати боинсофонаву бовиҷдонона мебошад»[160], зеро ташаккули муҳити рақобат яке аз арзишҳои иқтисоди бозорӣ ба шумор меравад.

Нуқтаи назари як қатор муаллифонро баррасӣ ва ҷонибдорӣ намуда [26; 41; 44; 59; 60; 63; 64; 69; 72; 80; 93; 97; 100; 112; 113; 114; 127;144; 149; 154], зикр кардан зарур аст, ки моҳияти рақобатро одатан ҳамчун мубориза барои шароити мусоидтар, барои натиҷаҳои беҳтарини фаъолияти соҳибкорӣ, яъне истеҳсол ва муомилоти мол, кор ва хизматрасонӣ дар бозор муайян мекунанд. Фаъолияти самарабахши соҳибкорӣ ва иқтисоди бозоргонӣ дар маҷмуъ ба таҳия ва такмили қонунгузорӣ дар бораи рақобат ва монополия вобаста аст, ки назорати давлатиро аз болои монополияҳо пешбинӣ мекунад. Дар ин самт бояд ба ҳимояи ҳуқуқӣ, чораҳои муҳофизатӣ «...ба танзими зиддиинҳисорӣ ва ҳифзи рақобат дар соҳаи муносибатҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[136], ки ба таъмини рақобати субъектҳои хоҷагидор нигаронида шудаанд, таваҷҷуҳи махсус додан лозим аст.

Дар шароити пардохтпазирии пасти аҳолӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ бозигарон чун мувозинат ба инвеститсияҳо асосан ба ҷамъоварии накдина ё даромад машғул мешаванд. Ҳалли ин ихтилоф аз субъектҳо қабули тадбирҳоро оид ба коҳиши хароҷот ва воҳиди маҳсулот ҳини афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, яъне истифодаи самараи миқёсро тақозо мекунад.

Илова бар ин, ихтисори ҳаҷми фурӯш ё афзоиши сусти он бо коҳиши фоида вобаста аст, коҳиши фоида бошад, бо мавҷудияти хавф аз ҷониби ивазкунандагон ва рақибон, ки дар шароити нисбатан мусоид барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ қарор доранд, алоқаманд мебошад. Ин бахши

хусусии иқтисодиёт аст ва рақибони хориҷӣ дар бозор ҳиссаи калони фурӯш доранд. Барои ин сиёсати нисбатан қатъиро пеш гирифта, дар низоми фурӯш менеҷмент, маркетинг ва логистикаро мустаҳкам кардан зарур аст.

Дар ин самт, давлат бояд дар фароҳам овардани шароити мусоид нақши мусбат бозад. Ин сиёсат, пеш аз ҳама, бояд на танҳо равандҳои тақсим ва бозтақсим, балки истеҳсолотро низ дар бар гирад. Бо назардошти мақеи М.М. Азларова, метавон гуфт, ки «...дастгирии назарраси давлатии истеҳсолкунандагони молҳои ватании таъиноти истеъмолӣ дар самти имтиёзҳои андоз ва гумрукӣ, сармоягузорӣ аз ҳисоби қарзҳои имтиёзноки давлатӣ ва тиҷоратӣ»[135], инчунин фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, дастгирии техникӣ нисбат ба хариди мустақим ва истифодаи техникаву технологияҳои нав зарур аст.

Чӣ хеле ки дар боло зикр гардид, ташаккули захираи кадрии босалоҳият дар иқтисодиёт тавассути омодасозии мутахассисони дорои сатҳи баланди касбият дар самти истифодаи техника ва технология, инчунин роҳандозии барномаҳои махсуси таълимӣ барои ихтисосҳои молия, менеҷмент ва маркетинг дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, яке аз самтҳои муҳимми рушди соҳаи кадрҳо маҳсуб меёбад. Дар натиҷаи чунин раванд, дар бахшҳои дахлдори иқтисодиёт мутахассисони фаъол, ташаббускор ва дорои қобилияти баланди эҷодӣ ва навоварӣ шакл мегиранд. Дар ин самт, яке аз роҳҳои асосии рафъи пастравии сатҳи самаранокии соҳаҳои фаъолият омодасозии менеҷерони навовар мебошад.

Дар баробари ин, таҳқиқоти илмии М.Портер, У.Чан Ким ва Рене Моборнро дар бобати стратегияи рақобат чун асос қабул намуда, «...ду стратегияро, ки эҳтимолияти рушди бозори соҳавии иқтисодиёти миллиро дар фазои рақобат таъмин менамоянд»[40; 52], баррасӣ кардан мумкин аст.

**1. Стратегияи рақобатии тафриқабандии васеъ.** Дар ин ҳолат (чӣ хеле ки дар зербоби 2.3. қайд карда шуда буд), ширкат иқтидори худро ба эҷоди хосиятҳои беназирии маҳсулот равона мекунад, ки аз ин рӯ метавонад нархро аз нархи бозорӣ болотар муқаррар намояд. Ҷанбаи муҳимтарини ин стратегияи

рақобат нигоҳ доштани устувории арзиши маҳсулот барои истеъмолкунанда мебошад. Ин намуди стратегия барои пешниҳоди маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза дар бозори истеъмолӣ махсусан муҳим ва афзалиятнок аст, зеро он бо сифати хидматҳое, ки дар ташаккули арзишҳо барои истеъмолкунанда амалӣ карда мешаванд, зич алоқаманд мебошад.

Чунин манфиатҳо метавонанд тавассути ташаккули бренд ва муносибати мусбат ба он, таҳлили интизориҳои истеъмолкунандагон, мавҷудияти потенсиали инноватсионӣ ва технологияҳои беназир ба вуҷуд оянд.

Бояд қайд кард, ки сатҳи фишори қувваҳои бозорӣ (таъсири миқёси истеҳсолот, фарқкунии соҳа ва ғайраҳо) доимӣ нестанд. Дар вобастагӣ аз марҳилаи рушди соҳа қувваҳои рақобат ва қудрати онҳо низ тағйир меёбанд, аз ин рӯ стратегияҳои рақобатӣ низ фарқ мекунанд. Бинобар ин, барои ба даст овардани бартариҳои рақобатӣ дар бозор, ширкат бояд ҳама стратегияҳоро бо маврид истифода намояд. Зеро хусусияти умумӣ барои ин стратегияҳо бунёди арзиш ва фоиданокии иловагии ҳар як мол ва хидмати пешниҳодшуда буда, ҳадаф таъмини самаранокии фаъолият аз устувории рақобатӣ аст.

**2.** Ба андешаи мо, ҳангоми ташаккули стратегияи рақобатии бозори истеъмолӣ, ҳамчунин ба «...консепсияи стратегияи уқёнуси кабуд»[40] низ муроҷиат кардан мувофиқи мақсад мебошад. Ин консепсия, аз ҷониби У. Чан Ким ва Рене Моборн таҳия шуда, мақсади татбиқи чунин стратегияи рақобат ташкили бозори озод ва озод шудан аз рақибон аст. Дар асоси он тасаввуроте ба миён меояд, ки фазои бозор маҷозан ба ду «уқёнус» тақсим мешавад: арғувон ва кабуд.

Мувофиқи ақидаи муаллифон, «...уқёнуси арғувон»[40] ҳамаи соҳаҳои мавҷудаи имрӯза дар бозор мебошад, ки он ба мубориза рақобатии классикӣ хос аст. Дар навбати худ, «уқёнуси кабуд» соҳаҳоеро дар бар мегирад, ки имрӯз дар бозор вуҷуд надоранд, яъне қитъаҳои нави бозор. Моҳияти ин равия дар он аст, ки ширкат бояд аз «уқёнуси арғувон» ба «уқёнуси кабуд» гузарад, ки дар дохили ин бозор рақибон ба вай фишор намеоранд. Тавсия дода мешавад, ки

барои амалӣ кардани чараёни «гузариш»-и зикршуда, ширкат бояд ҳадди ақал ду хусусияти фарққунанда, яъне арзишҳо ва навовариҳо дошта бошад.

Бо ошкор кардани мундаричаи хусусиятҳои зикршуда, ақидаро дар бобати муттаҳид сохтани мафҳумҳои «арзишҳо» ва «навовариҳо» ва пайдо шудани мафҳуми нави «навгонии арзишҳо» ҷонибдорӣ намуда, таъкид мекунем, ки мувофиқи ин ҳамбастагии мафҳумҳо барои харидорон ва истеҳсолкунандагон бояд ҷаҳиши арзишҳо гузаронида шуда, дар асоси он бозорҳо, соҳаҳо ё сегментҳои нави бозор кушода мешаванд, яъне навовариҳо (навгониҳо) бунёд мегарданд.

Фарқи байни «уқёнуси арғувон» ва «уқёнуси кабуд» дар он аст, ки интихоб дар якумин ё ба манфиати навоварӣ ё ба манфиати арзишҳо сурат мегирад, дар дуюмин бошад, яке бе дигаре вуҷуд дошта наметавонад. Гузашта аз ин, навоварӣ на дар таҳияи технологияҳои нав, балки дар омезиши **стратегияи тафриқабандии васеъ ва стратегияи рақобатии коҳиши хароҷот** аст. Боз як фарқи дигари «уқёнуси кабуд» аз «уқёнуси арғувон» дар он аст, ки дар он ба ҷойи муттаҳид кардани ин стратегияҳо, ба яке аз ин бартариҳои рақобатӣ афзалият дода мешавад. Хусусияти асосии стратегияи рақобатии «уқёнуси кабуд» дар он аст, ки он амалан формулаҳо ва рақамҳоро истифода набурда, диққати худро ба тасвири умумии ҳолат дар муҳити рақобатӣ равона мекунад. Ин мавқеъ, махсусан бо ҷанбаҳои асосии татбиқи стратегияи рақобатӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ алоқаманд аст, ки дар мадди аввал унсурҳои беандоза ба монанди арзишҳо барои истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда, идоракунии сифати хизматрасониҳо ва таъсири муҳити беруна гузошта мешаванд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи стратегияи рақобат чун модели умумии фаъолият дар муҳити тағйирёбандаи бозори молҳои истеъмолӣ имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

- татбиқи стратегияи рақобат дар бозор вобаста аз тағйирёбии ҳолати он тавассути параметрҳои афзоиш ва устувории (ё коҳиши) нишондиҳандаҳои асосӣ, аз қабили ҳиссаи бозор, даромаднокӣ, мавҷудияти муштариён,

пардохтпазирӣ ва самаранокӣ амалӣ мешавад. Дар амал татбиқ шуда, аксар вақт ба бозори рақобат таъсир расонида наметавонад, зеро аксар вақт стратегия бидуни назардошти унсурҳои муҳимми зерин сохта мешаванд, аз ҷумла: ҳамбастагии муҳити бозор, иқтидори кадрӣ, захираҳои молиявӣ ва дигар унсурҳои сохтории иқтидори иқтисодӣ;

- барои истодагарӣ карда тавонистан дар бозори рақобат, махсусан дар бозори соҳавии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф ду варианти модели стратегияи рақобатӣ тавсия карда шуд, ки ба фатҳи бозори молҳои истеъмолӣ имконият медиҳанд. Дар асоси варианти аввал коркард ва татбиқи стратегияи хароҷоти оптималӣ ва дар варианти дувум бошад, стратегияи рақобатии тафриқабандии васеъ ва стратегияи рақобатии «укёнуси кабуд» пешниҳод карда шудааст, ки бояд рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсоли миллиро аз рӯйи нарх ва сифат таъмин намояд;

- ҷанбаи муҳимтарини стратегияи рақобатии тафриқабандӣ нигоҳ доштани устувории арзиши маҳсулот барои истеъмолкунанда мебошад. Ин намуди стратегияи рақобат барои пешниҳоди маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза дар бозори истеъмолӣ махсусан муҳим ва афзалиятнок аст, зеро он бо сифати хидматҳое, ки дар ташаккули арзишҳо барои истеъмолкунанда амалӣ карда мешаванд, зич алоқаманд аст. Чунин манфиатҳо метавонанд тавассути ташаккули бренд ва муносибати мусбат ба он, таҳлили интизориҳои истеъмолкунандагон, мавҷудияти потенсиали инноватсионӣ ва технологияҳои беназир ба вуҷуд оянд.

- бояд қайд кард, ки сатҳи фишори қувваҳои бозорӣ (таъсири миқёси истеҳсолот, фарққунии соҳа ва ғайраҳо) доимӣ нестанд. Дар вобастагӣ аз марҳилаи рушди соҳа қувваҳои рақобат ва қудрати онҳо низ тағйир меёбанд, аз ин рӯ стратегияҳои рақобатӣ низ фарқ мекунанд. Бинобар ин, барои ба даст овардани бартариҳои рақобатӣ дар бозор бояд ҳама стратегияҳо бо маврид истифода шаванд. Зеро, хусусияти умумӣ барои ин стратегияҳо бунёди арзиш ва фоиданокии иловагии ҳар як мол ва хидмати пешниҳодшуда буда, ҳадаф таъмини самаранокии фаъолият аз устувории рақобатӣ аст.

## 3.2. Самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ

Аслан рақобатпазириро дар иқтисодиёт дар пояи меъёри сатҳи рушди субъектҳо дар бозори молҳои истеъмолӣ чунин тасниф кардан мумкин аст: ширкатҳо ва соҳаҳои рақобатпазириашон паст, рақобатпазириашон миёна, рақобатпазириашон баланд. Бинобар ин, масъалаи аз гурӯҳи якум баромада ба гурӯҳи дувуми ширкатҳову соҳаҳо даромадан ба миён меояд. Ин корро чӣ тавр анҷом додан мумкин аст? Барои ин кор кадом шаклҳо, усулҳо ва олатҳо заруранд? Албатта, дар ин ҷо интихоби афзалиятҳо пеш меояд.

Пайдоиши бозигарони нав метавонад ба афзоиши шумораи иштирокчиёни муҳити рақобат мусоидат кунад. Ширкатҳои нав иқтидорҳо, технологияҳо ва захираҳои нави истеҳсолиро ба бозор меоранд, ки метавонанд рафтори истеъмолкунандагонро тағйир диҳанд ва стандартҳои нави кориро барои бозигарони мавҷуда муқаррар кунанд. Ба афзоиши онҳо дар муҳити рақобат метавонад омилҳои зерин, аз қабили: ҷаҳонишавии бизнес, тағйиротҳои стратегӣ дар иқтисодиёти соҳа, рушди технология, тағйирёбии табиати истеъмолкунанда ва пешниҳоди молҳои нав таъсир расонанд.

Бояд таъкид кард, ки рушди ҷаҳонишавии бозор боиси вайрон шудани монеаҳои иҷтимоӣ ва ҷуғрофӣ мегардад, ки дар натиҷа равандҳои ҳаракати сармоя сода карда шуда, марзҳои бозорҳо васеъ ва тиҷорат рушд меёбад. Дар натиҷа, маҳсулот ба шумораи бештари истеъмолкунандагон пешниҳод карда мешавад, доираи молҳо ва бозори хидматҳо тағйир меёбанд, низоми нави фурӯш ва усулҳои таблиғ пайдо мешаванд, ки дар натиҷа хусусияти рақобатро тағйир дода ба афзоиши рақобат байни бозингарон мусоидат менамояд.

Албатта, афзоиши шумораи бозигарон ва объектҳои рақобат, коҳиш додани монеаҳо барои ворид шудан ба бозорҳои нав ба шарофати муттаҳидсозии инфрасохтори бозорӣ ва эҷоди қоидаҳои умумии бозӣ барои ҳама, ин маънои онро дорад, ки рақобат дар сатҳи бозори истеъмолӣ шиддат мегирад ва аз ин рӯ ба коҳиши фоида барои ҳамаи субъектҳои он оварда мерасонад.

Қаблан бори дигар такрор мекунем, ки меъёри мансубият ба соҳаҳои рақобатпазириашон паст он аст, ки хароҷоти гардиш ба истеҳсоли моли фурӯхташуда ихтисор намеёбад, баръакс зиёд мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки фурӯши мол аз ҳисоби болоравии нарх ба амал меояд ва ин ҳудуди худро дорад.

Аксарияти харидорон дар бозор алҳол ба қисми камдаромади аҳолӣ мансубанд ва дар сурати мунтазам болоравии нарх худро бо мол таъмин карда наметавонанд. Далели ҷолибтарин дар ин замина натиҷаи нишондиҳандаҳои соли охир дар робита ба даромаднокии фурӯш, фаъолияти иқтисодӣ, даромаднокии дороиҳо ва афзоиши ҳадди аксари хароҷоти гардишӣ мебошад. Бинобар ин, масъала дар он аст, ки «...хароҷот ба фурӯши маҳсулот, ки он боздоштани болоравии нарх ва, ҳатто, пастшавии нархро таъмин мекунад, тадриҷан коҳиш дода шавад. Дар ин сурат самараи миқёс чун омили асосии афзоиши рақобатпазирӣ»[89, с.189] ба кор медарояд.

Имрӯзҳо рақобат дар бозор на танҳо байни ширкатҳои маҳаллӣ, балки байни истеҳсолкунандагони ватанӣ ва хориҷӣ низ сурат мегирад. Баланд бардоштани рақобатпазирӣ на танҳо масъалаи иқтисодӣ, балки унсури муҳимми амнияти иқтисодӣ низ ба шумор меравад. Зеро маҳз рақобатпазирии баланди маҳсулоти ватанӣ имконият медиҳад, ки ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шаванд, сатҳи даромадҳои аҳолӣ афзоиш ёбад ва тавозуни савдои хориҷӣ беҳтар гардад.

Дар ин замина, таҳқиқи самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолии Тоҷикистон – яке аз масъалаҳои калидии илми иқтисод ва сиёсати давлатии рушди устувор ба ҳисоб меравад, ки дар зербоби мазкури рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф баррасӣ шудааст.

Самтҳои баланд бардоштани рақобатпазирии субъектони бозори молҳои истеъмолиро пешниҳод менамоем.

**Самти якум** – такмили сиёсати давлатӣ дар муносибат ба баланд бардоштани сатҳи рақобатнокӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ (расми 3.2.1.).




**Расми 3.2.1. Сиёсати давлатӣ дар муносибат ба баланд бардоштани сатҳи рақобатнокӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ**

***Сарчашма:*** *Коркарди муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда.*

Нигоҳ доштани тамоюли ҳозираи фаъолият дар бозор, расонидани хизматҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидори сатҳи пасти пойгоҳи моддӣ-техникӣ дошта, махсусан дар деҳот ва ноҳияҳои дурдастӣ кӯҳӣ ба назар мерасад. Набудани хавфҳои молиявӣ ва маъмурӣ афзалияти ин самти амал буда, ин вариант ҳалли муаммоҳои соҳаро дар давраи кӯтоҳмуддат тавассути истифодаи босамари захираҳои худӣ пешбинӣ мекунад. Дар ин маврид, дар бозори истеъмолӣ тағйироти бунёдӣ рух намедиҳад, зеро рақобат дар соҳа заиф, паст ва ғайрифаъол аст.

Тибқи назари Ш.Г. Азизова «...ин роҳ натиҷаҳои манфиро нигоҳ медорад ва дар натиҷа метавонад боиси афзоиши номутаносибӣ дар раванди қонеъ гардонидани талаботи аҳолии деҳот ва ноҳияҳои дурдаст бо молҳои ниёзи аввал гардад»[134]. Дар ҳамин ҳолат нигоҳдоштани механизмҳои

амалкунандаи корҳои ташкилӣ, сарфи назар кардани барномаи стратегии ҳадафманди маҷмуӣ ва рақобатпазирии пасти корхонаҳо, ки молҳои озуқаворӣ ва ғайриозуқаро истеҳсол мекунанд, боиси куҳнашавии техникӣ – технологии фаъолияти савдо, ширкатҳои маҳсулоттайёркунӣ ва истеҳсолӣ мегардад. Дар натиҷа, маҳсулоти молистеҳсолкунандагони ватанӣ аз бозор танг карда бароварда мешавад, ҳамчунин нархи мол мунтазам меафзояд ва дастрасии аҳолии аз лиҳози иҷтимоӣ ҳифзнашаванда ба молҳои мазкур мушкил мегардад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо роҳи расонидани таъсири фаъолонаи давлатӣ ба вазъияти ба миён омадаи бозори истеъмолӣ ҳалли як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, махсусан дар ноҳияҳои дурдаст имконпазир мегардад. Бо назардошти шароити мавҷуда, тақвияти дастгирии давлатӣ нисбат ба соҳибкорони ватанӣ, ки ба истеҳсоли молҳои истеъмолӣ машғуланд, метавонад ҳамчун яке аз омилҳои калидии баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва коҳиш додани таъсири вазъи баамаломада баррасӣ гардад.

Аз ин рӯ, дастгирии давлат самти муҳимми рушди бозори соҳавӣ ба шумор меравад. Такони хеле сахти давлатӣ зарур аст, ки фишори манфиро ба рушди бозори молҳои истеъмолӣ, аз ҷумла, соҳаи савдо истисно созад. Зимнан, давлат набояд ёрии бебозгашт расонад, балки шароитро барои инкишофи соҳаҳои бозори истеъмолии иқтисодиёти миллӣ таъмин кунад. Дар акси ҳол, метавонад вобастагӣ пайдо шавад. Дар фаъолияти мақомотҳо ҳатталимкон монополизм ва оппортунизм «...пайравии манфиатҳои худ, аз ҷумла бо роҳи фиреб»[89, с.191]-ро истисно сохтан лозим аст.

Аз таҳқиқи ҳолати бозор бармеояд, ки дар шароити рақобати шадид дар самти воридот, дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва технологияҳои истеҳсолӣ, аксари субъектҳои хоҷагидорӣ бо мушкилотҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Ин ҳолат ба фаъолияти онҳо таъсири манфӣ расонида, татбиқи чораҳои аниқи баланд бардоштани рақобатнокиро дар бозори соҳавӣ тақозо менамояд, аз ҷумла:

- бехсозии муҳити институтсионалии соҳибкорӣ, яъне тавассути соддагардонии ҷараёни қайди барасмиятдарорӣ ва додани иҷозат ба фаъолият коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ, ки ба ташаккули рақобати солим замина мегузоранд;

- дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони ватанӣ. Қишри асосии бозори молҳои истеъмолиро маҳз соҳибкорони хурду миёна дарбар мегиранд ва андешидани чораҳои мушаххас аз қабили рушди инфрасохтори истеҳсолӣ, татбиқи имтиёзҳои андозӣ, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба коҳиши хароҷоти истеҳсолӣ, таъмини рақобатпазирии молҳои ватанӣ ва рушди соҳа аҳаммияти хоса касб мекунанд;

- навҷорисозӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди истифодаи технологияи муосир, аз ҷумла: автоматикунонӣ, истифода бурдани технологияҳои каммасраф ва татбиқи маркетинги рақамӣ, ки чун самти афзалиятноки баланд бардоштани рақобатнокӣ баромад мекунанд.

- таъмини рақобати солим (пешгирии монополия, таҳти назорат будани бозингарони мавқеи бартаридошта, рушди соҳибкорӣ).

Ба ақидаи мо, зинаи ибтидои рушди соҳаҳои бозори молҳои истеъмолӣ инкишофи инфрасохтор мебошад. Сухан дар бораи ба вуҷуд овардани пойгоҳи мувофиқи рушд дар самтҳои зерин меравад: таъминоти моддию техникӣ, инкишофи пойгоҳи сохтмонӣ, нақлиёт, роҳҳо ва алоқа. Аз ҷумла, дар бораи муҳиммияти инфрасохтор С.У. Нуралиев бар он назар аст, ки «...инкишоф ва истифодаи самараноки инфрасохтори бозори озуқаворӣ ва иқтидори илмию техникӣ танҳо дар асоси сиёсати ягонаи мувофиқашудаи инноватсионӣ, ки бо сиёсатҳои молиявии қарзӣ, андозӣ, агросаноатӣ ва иқтисоди берунии мамлакат алоқаманд карда шудааст, имконпазир аст. Сиёсати давлатии инноватсионӣ бояд на танҳо ба истеҳсоли маҳсулоти нави рақобатпазир равона карда шавад, балки он механизми ҳавасмандкунандаи ҳаракати босуръати маҳсулоти мазкурро дар ҳамаи марҳилаҳо дар бар гирад (ғояи илмӣ – таҳқиқоти бунёдӣ – коркарди техникӣ – такмили конструктивии навоварӣ – маркетинги бозорӣ –

накшагирии бозор – истеҳсолоти таҷрибавӣ – санҷиши бозорӣ – истеҳсолоти тиҷоратӣ – истеъмолгар)»[49, с.14].

Дастгирии инвеститсионии давлат яке аз унсурҳои асосии ҳалли масъала буда, манбаъҳои инвеститсионӣ дар ин самт қарзи давлатӣ, қарзҳои имтиёзноки бонкҳои тиҷоратӣ буда метавонанд. Дар ин ҷо, таваҷҷуҳи асосӣ бояд ба истифодаи инвеститсияҳои мазкур баҳри амалигардонии мақсадҳои дарозмуддат дода мешавад. Ҳангоми таҳияи бизнес-нақшаҳо ба самаранокии сохтор ва истифодаи сарфакоронаи захираҳои инвеститсионӣ диққати махсус додан лозим аст.

Дастгирии техникии истеҳсолгарони ватании молҳои истеъмолӣ низ яке аз самти муҳим ба ҳисоб меравад. Технологияҳои нав метавонанд ба таври назаррас хароҷоти истеҳсолиро коҳиш диҳанд, афзоиши нархро боздоранд ва ҳосилнокии меҳнатро баланд бардоранд. Дар ин замина, хусусияти талабот дар самти афзоиш тағйир ёфта, метавонад боиси афзоиши нишондиҳандаҳои рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ дар соҳа гардад.

Механизми преференсиалии (имтиёзноки) фискалӣ ва гумрукиро ба вуҷуд овардан лозим аст, ки афзоиши таҳвили маҳсулоти ватаниро ба бозори молҳои истеъмолӣ ҳавасманд мегардонад ва амалҳои воридотию содиротиро сабук мекунад. Дар баробари ин, бартараф кардани муаммоҳои барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои амалиётҳои содиротӣ, ки маҳсулот ба бозори хориҷа пешбинӣ шудааст, хеле муҳим мебошад. Инчунин, тавассути бунёди марказҳои логистикӣ дар соҳаи савдо метавон бозори истеъмолиро тавассути воридоти молҳои зарурӣ пурра кард.

Таҳқиқот нишон дод, ки яке аз муаммоҳои бузурги ширкатҳои фаъолияткунандаи соҳаи савдо дар бозори молҳои истеъмолӣ, ки ба таъмини рақобатпазирии соҳа монеа мегарданд, логистикаи заиф мебошад. Бинобар ин, ақидаи олимро дар ин бобат ҷонибдорӣ намуда, таъкид мекунем, ки низоми самараноки логистикӣ имкон медиҳад «...барои паст шудани нарх мусоидат намуда пешсафии нархиро таъмин намояд, зиёдшавии доимии талаботро нигоҳ дорад ва чун афзалияти рақобатӣ дар бозор баромад кунад»[111].

Бинобар ин, аз ҷумлаи афзалиятҳои рақобатии истифодаи стратегияи самараноки логистикӣ инҳоро номбар кардан мумкин аст:

- муайян намудан ва барҳам сохтани зинаҳои нолозимаи логистикӣ, аз ҷумла бартараф кардани миёнаравҳо;
- ихтисори роҳи ҳаракати мол аз истеҳсолкунанда то ба истеъмолкунанда;
- кам кардани интиқоли бесамар;
- тавассути такмили хатсайрҳо ташкили ҳаракати бефосилаи мол;
- истифодаи технологияҳои рақамӣ дар раванди ҳаракати мол - назорати рафҳо, мувофиқати мол бо нарх, ҷойгиркунӣ, пайгирии пуркунӣ тариқи автоматӣ.

**Самти дуюм - рушди муҳити рақобат.** Муҳити рақобат ва ташаккули он маънои дар бозори молҳои истеъмолӣ мавҷуд будани шумораи зиёди корхонаҳои соҳаи савдо ва таъсиси корхонаҳои нави соҳавӣ, инчунин миқдори зиёди иштирокчиёни муносибатҳои бозориро дорад, ки барои ташаккули фазои рақобат шароити муосид фароҳам меоваранд.

Масъалаи рушди муҳити рақобат яке аз самтҳои калидии таҳқиқот дар илмҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. А.Смит «...рақобатро механизми табиии худтанзимкунии бозор арзёбӣ намуда, онро омили асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва паст намудани хароҷот номид»[58]. Ба андешаи ӯ, рақобат истеҳсолкунандагонро маҷбур месозад, ки сифати молҳои истеъмолиро беҳтар кунанд, ба талаботи бозор мутобиқ шаванд. А.Маршалл таъкид ба он дорад, ки муҳити рақобат дар бозори истеъмолӣ ба устувории нархҳо, рушди пешниҳод ва қонеъгардонии талаботи истеъмолкунандагон мусоидат намуда, сатҳи рақобат мустақиман ба сатҳи некуаҳволии аҳолӣ таъсир мерасонад.

Рушди босуръати иқтисодиёт ва ҷаҳонишавии он иштирокчиёни бозори соҳавиро водор сохта истодааст, ки асосан ба омилҳои стратегии муваффақиятҳои рақобатӣ такя намоянд. Аз ин нуқтаи назар, П.И. Ахмадова бар он назар аст, ки «...корхонаҳо бояд самтҳои гуногуни стратегии рушди дарозмуддатро дошта бошанд ва онро баҳо дода тавонанд, инчунин

иттифоқҳоро дар асоси робитаҳои самараноки тиҷоратӣ ва хоҷагидорӣ ташкил намоянд»[26, с.226].

Ташаккули муҳити рақобат ба рушди рақобат дар бозори соҳавӣ мусоидат намуда, ба пайдо шудани талаботҳои нав нисбат ба ҳамаи иштирокчиёни бозор замина мегузорад (расми 3.2.2.).




**Расми 3.2.2. Рушди муҳити рақобат дар бозори соҳавӣ**
***Сарчашма:*** *Коркарди муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда.*

Аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки дар шароити иқтисодиёти бозорӣ устувории субъектҳои хоҷагидор ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ тавассути баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ ва таъмини рақобатпазирии онҳо дар муҳити рақобатӣ таъмин мегардад.

Ақидаи Кучеров Владимир Викторовичро дар бобати ин масъала ҷонибдорӣ намуда таъкид мекунем, ки «...дар асоси марказонидани истеҳсолот ва сармоя рақобат монополияро ба вуҷуд меорад ва он аз байн бурда намешавад, балки вобаста аз ҳолат дар муҳити рақобат тағйир меёбад»[118, с.13]. Чӣ хеле ки таҷриба нишон медиҳад, бо баробари дар марҳилаи дарозмуддат аз даст додани динамикаи рушд ва самаранокӣ мавқеи монополӣ

низ коста мегардад ва имконияти ба даст овардани меъёри фоидаи аз миёна баланд субъектҳои навро ҷалб мекунад. Қаблан аз ҷониби муаллифи диссертатсия нишон дода шудааст, ки «...хоҳиши ишғол кардани мавқеи бартаридоштаи монополӣ дар бозор бозигарони навро водор месозад, ки қудрат ва маҳорати худро дар рақобати шадид исбот намоянд. Агар ташаккули афзалиятҳои рақобатии дохилӣ рост аз иқтидори рақобатии ташкилот ва самаранокии низоми идоракунии он вобаста бошад, дар ин ҳолат таҳдидҳои беруна ба самтҳои гуногуни алоқамандии ташкилот бо муҳити иҳотанамудаи рақобатӣ, инчунин ба самти рушд ва имкониятҳои рақибон нигаронида шудаанд»[104, с.199].

Вобастагии баланд аз воридот, маҳдудият дар иқтидори истеҳсолӣ ва рақобатпазирии паст ба рушди муҳити рақобат дар бозор бетаъсир намемонад. Ташаккули муҳити рақобат шарти асосии рушди иқтисоди миллӣ буда, аз механизмҳои дастгирии истеҳсолкунандагони миллӣ, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон вобастагии калон дорад. Аҳаммияти стратегӣ дошта, ба ташаккули муҳити рақобати солим замина мегузорад ва ба баланд шудани сифат, паст шудани нарх ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд.

**Самти сеюм - баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот ва хизмат дар бозор.** Махфӣ нест, ки дар фазои рақобат маҳсулот ва хизмат бо назардошти қонеъ намудани талаботи истеъмолкунанда бояд рақобатпазир бошанд. Рақобатпазирӣ бошад, на танҳо қобилияти мубориза бурда тавонистан бо рақибон, балки чун маҳорати канорагирӣ аз муқовимат бо онҳо тавассути рушди бозорҳои нави маҳсулоти фарқкунанда, тавассути истифодаи усули самараноки истеҳсолот, таъмини хароҷоти пасти истеҳсоли маҳсулот, имконияти пешбинии вазъи бозор барои оянда дар асоси таҷриба, истифодаи имкониятҳои технологӣ, маркетингӣ, истеҳсолӣ ва дигар воситаҳои пешбурди тиҷорат ба даст меояд. Инчунин, таъкид ба он оварда мешавад, ки рақобатпазирии маҳсулотро омилҳои зерин муайян мекунанд: нарх, хароҷоти

истифода ё истеъмол, хидмати пешниҳодшуда, реклама, имиҷ ва эътибори ширкат, таносуби байни талабот ва пешниҳод.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мо ҷонибдори ақидае ҳастем, ки рақобатпазирӣ на танҳо дар сифат ё нарх инъикос мегардад, балки як ҷараёни бисёрсамта буда, навҷорисозӣ, стратегияи самаранок ва дарки рафтори истеъмолкунандагонро дар бозори молу хизмат ифода менамояд. Маҷмуи хусусиятҳои беҳтарини маҳсулот ва хизмат буда ҷаззобияти онро барои истеъмолкунанда дар шароити рақобати шадиди бозор таъмин мекунад. Дар баробари ин, мувофиқат намудан ба интизориҳои истеъмолкунанда, аз рақибони худ пеш будани бозигарони бозори истеъмолӣ, пеша кардани стратегияҳои самараноки рақобат ва таваҷҷуҳи доимӣ ба такмили маҳсулоту хизмат муваффақияти ширкатҳои ватаниро дар фазои рақобат таъмин менамояд.

Дар заминаи омӯзиши васеи сарчашмаҳои илмии иқтисодӣ ва таҳлили мавқеи олимон, дар доираи таҳқиқоти мазкур самтҳои гуногуни баланд бардоштани рақобатпазирӣ муайян ва пешниҳод карда мешаванд:

- тавассути автоматикунонии истеҳсолот коҳиши арзиши аслии маҳсулот;

- татбиқи саривақтии навҷорисозӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ;

- таҷдиди (диверсификатсияи) таркиби маҳсулот ва хизматрасонӣ дар асоси стратегияҳои навсозӣ.

- таъмини чандирии нархи маҳсулот ва хизмат;

- кам кардани хароҷоти муомилот.

Хулоса, маҳсулот ва хизматрасонӣ, ки дар бозори рақобат истодагари карда метавонанд барои ҷалби сармоя омили муҳим арзёбӣ мегарданд. Доштани мавқеи устувор барои рушди минбаъдаи бозигарон дар бозор эътимоднокии бештар ва имкониятҳои зиёд муҳайё месозанд. Эътибори доимии махсус ба арзёбии рақобатпазирии масҳулот ва хизмат, инчунин татбиқи аслии стратегияи рақобат дар ин самт ҷараёни ба муҳити тағйирёбандаи бозор мутобиқ шуданро суръат бахшида, бартариятҳои

устувори рақобатиро таъмин менамояд. Дар натиҷа мавқеи ишғолнамуда дар бозор на фақат нигоҳ дошта мешавад, балки он устувортар мегардад ва фаъолияти бомуваффақро дар марҳилаи дарозмуддат нигоҳ медорад.

Таҳқиқот нишон дод, ки иҷрои амалҳои зерин афзалияти рақобатиро дар бозори молҳои истеъмолӣ таъмин менамояд:

1. Стратегияи рақобатии нисбатан таҳоҷумии (агрессивии) забти бозори молҳои истеъмолиро аз ҷониби истеҳсолгарони ватанӣ, ки афзалиятҳои рақобатӣ доранд, тахия ва амалӣ гардонидан лозим аст. Барои ин зарур аст, ки супермаркетҳои дорои тамоми иншооти инфрасохторӣ, ки ба ташкили савдо ва хизматрасониҳо, аз ҷумла хизматрасониҳои пеш аз фурӯш, хизматрасониҳои пас аз фурӯш ба аҳолии дорои категорияҳои гуногуни даромад қодир мебошанд, таъсис дода шаванд. Зимнан, масъалаи таносуби хели молро дар супермаркет ва мағозаҳои маҳаллӣ ҳал кардан муҳим аст.

2. «...Нуқтаҳои сайёри савдо бояд ба низоми дастраскунӣ дохил карда шаванд, ки дар атрофи маркази вилоят ҷойгир шудаанд ва ба «маскани» холӣ ё ҷой дар бозор дохил шуда, гурӯҳҳои баланддаромади истеъмолгаронро бо роҳи дастрас намудани маҳсулоти баландсифати гӯштию ширӣ, сабзавот, мева ва ҳоказо ба манзилашон дар рӯзу вақти барои онҳо мувофиқ, ҷалб кунанд»[89, с.191].

Барои истеҳсолгарони ватании молҳои истеъмолӣ муҳим аст, ки бозингари бозори харидорони даромадашон миёна ё баланд гардад, зеро он имкони ба даст овардани афзоиши фоида ва даромаднокии фурӯшро фароҳам меорад. Нуқтаҳои савдоро дар маҳалҳое ҷойгиронидан лозим аст, ки зичии аҳолӣ ва шиддатнокии рафтуомади нақлиёт баланд бошад. Албатта, дар ин ҷойҳо сифати хизматрасонӣ, дизайни нуқтаи савдо ва хели мол бояд ба сатҳи шаҳр мувофиқ бошад.

Савдои наздимарзӣ бо ташкили таҳфилгоҳ (ҷойи борфарорию боркунӣ) барои содирот ва воридоти молҳо имконияти муҳимми рушди бозори молҳои истеъмолӣ ба ҳисоб меравад. Амалан, ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ бо давлатҳои ҳамсоя ҳамсарҳаданд ва ин имконият медиҳад:

- гурӯҳи харидорони маҳсулоти ватанӣ назаррас васеъ гардад;

- фишори рақобатии соҳаи савдои мамлакатҳои ҳамсояро дарк кунанд;

- бозорро аз ҳисоби моли ҷумҳуриҳои дигар пур намоянд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки қаблан аҳолии бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаммарзи Қирғизистон захираҳои молии худро аз ҳисоби вилояти Суғд назаррас пурра мекунанд. Дар ин самт, масъалаи аз ҳама муҳим «ба даст даровардани ин харидорон» дар роҳи ба шаҳр баранда мебошад.

Дар корҳои қаблан нашршудаи муаллифи диссертатсия нишон дода шудааст, ки «...дар маҳалҳои ба сарҳад наздик ва наздикиҳои шаҳр супермаркетҳои хурд ташкил кардан ба мақсад мувофиқ мебошад. Ин тағйирот афзоиши самаранокии соҳаи савдоро талаб намуда, дар ин самт таҳқиқ ва амалигардонии асосҳои маркетинг ва логистика аҳаммияти калонро касб мекунанд. Дар баробари ин, дарёфтан, фатҳ намудан ва ба таври сазовор қонеъ гардонидани талаботи харидорон, муайян кардани вариантҳои самарабахши ҳаракати мол аз марҳилаи тақсими захира то хариди мол аз ҷониби истеъмолгарон низ муҳимияти ҷиддӣ пайдо мекунанд»[86, с.96].

Бозори молҳои истеъмолӣ яке аз сегментҳои муҳимми низоми иқтисоди миллӣ ба гурӯҳи соҳаҳои ташаккулдиҳандаи қисми даромадҳои буҷетӣ шомил мебошад. Чунин мавқеъ аҳаммияти онро дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ муайян мекунад. Аз ин рӯ, густариши рақобат дар ин бозор аз зарурати такмили сифати молҳо ва хизматрасониҳо, васеъкунии хел ва пайдошавии молҳои нав, инчунин ташаккули механизми самараноки нархгузорӣ бармеояд.

Аз оғози дигаргунсозиҳои бозорӣ иқтисодиёти Тоҷикистон дучори тағйироти ҷиддию бунёдӣ гардид. Махсусан, дар даҳсолҳои охир ба туфайли амалигардонии бомуваффақияти марҳилаи созандаи рушд бозори истеъмолии Тоҷикистон дучори тағйироти мусбат шуд. Вобаста ба тавсеаи фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи ташкили савдои чакана дар шаҳрҳои калон ва нуқтаҳои аҳолинишин савдои ғайримуташаккил назаррас ихтисор карда шуд. Нуқтаҳои савдои мазкур ба нуқтаҳои муҷаҳҳази хӯроки умумӣ табдил ёфтанд, ки дар

натиҷа ба афзоиши рақобат байни субъектҳои бозори молҳои истеъмолӣ замина гузошт.

Алҳол дар ҳамаи минтақаҳои мамлакат зиёдшавии мағозаҳои ҷавобгӯ ба талаботи шароити имрӯза ба назар мерасад ва инфрасохтори хӯроки умумӣ беҳтар мегардад. Дар умум, тадриҷан шаклҳои нави нисбатан пешқадами савдо инкишоф меёбанд, ки ба расонидани хизмат ба аҳолӣ нигаронида шудаанд. Масалан, солҳои охир байни минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Суғд аз рӯйи гардиши савдои чакана яке аз индикаторҳои рушди савдо буда, мақоми пешсафро ишғол мекунад.

Бо такя ба мулоҳизаҳои қаблӣ, муаллифи диссертатсия «...ба сифати роҳҳои муҳайё сохтани фазои рақобат ва баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳо дар бозори молҳои истеъмолӣ тавсия медиҳад:

- ташаккул додани шароити муносиб барои ташкили сохторҳои нави тиҷоратии ба рақобат тобовари ватанӣ ё ташкили босамари фаъолияти сохторҳои мавҷуда дар бозор;

- тайёр кардани кадрҳо, коркарди низоми бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси онҳо;

- ташаккули савдо ва хизматрасонӣ дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ;

- дар доираи ташаккули муҳити рақобати мукаммал фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ҷалби намояндагиҳои ширкатҳои байналмилалӣ ва таъсиси корхонаҳои муштараки соҳавӣ, ки ба муомилоти молҳои брендӣ машғуланд, ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми таҳкими рақобатпазирии бозори дохилӣ арзёбӣ мегардад;

- ҷорӣ намудани технологияву равандҳои инноватсионӣ, ҷустуҷӯйи доимии инноватсияҳо дар самти таҷдиди пешбурд ва фурӯши молҳо;

- ташаккул додани муҳити мусоид барои сохтмони объектҳои инфрасохторӣ аз рӯйи самтҳои афзалиятнок, аз ҷумла меҳмонхонаҳо, маҷмааҳои савдо, инфрасохторҳои логистикӣ ва ҳоказо;

- таҳия ва амалигардонии тадбирҳои мухталиф, аз ҷумла дастгирии қарзию буҷетӣ ва ёрии методӣ ба корхонаҳои маҳаллии истеҳсолкунандаи молҳои истеъмолӣ, хӯроки умум, савдо ва хизматрасонӣ;

- ташкил ва мунтазам гузаронидани намоишу ярмаркаҳо, конгрессу конференсияҳои байналхалқӣ дар тамоми минтақаҳои мамлакат, аз ҷумла намоишҳои молу хизматҳои нави истеъмолӣ ё имкониятҳои мавҷуда;

- дар дурнамои соҳаи савдо амалӣ гардонидани тадбирҳои иҷтимоӣ-меҳвар барои дастгирии гурӯҳҳои аз ҳама камтаъмини аҳолӣ ба мақсад мувофиқ аст. Аз ҷумла, барои амалӣ гардонидани дастгирии мақсадноки қишри камбизоат ё камтаъмини аҳолӣ, ки дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ номнавис шудаанд, пешбинии додани кортҳои махсус барои имконияти гирифтани тахфифи назаррас ҳангоми хариди мол ё хизматҳоро медиҳад. Дар ин қарина механизми ҷуброни тахфифро барои субъектҳои таҳвилкунандаи молу хизмат ба бозори молҳои истеъмолӣ таҳия кардан зарур аст»[89, с.196].

Дар шароити иқтисоди бозорӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ ба яке аз самтҳои калидии рушди устувори иқтисоди миллӣ мубаддал гаштааст. Таҳқиқоти анҷомдодашуда нишон дод, ки рақобатпазирӣ на танҳо сифати маҳсулотро, балки самаранокии фаъолияти субъектҳои бозор ва сатҳи қонеъгардии талаботи аҳолиро низ муайян менамояд. Аз маводи омӯхташуда хулосаю пешниҳодҳои зеринро баровардан мумкин аст:

1. Дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ ва ҷаҳонишавии равандҳои иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатнокӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ ҳамчун омили муҳимми таъмини устувории иқтисодӣ ва беҳбудии сатҳи зиндагии аҳолӣ баромад мекунад. Дар раванди таҳқиқот муайян карда шуд, ки дар Тоҷикистон рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ то ҳол ба таври кофӣ рушд накардааст. Сабабҳои асосии он аз норасоии танзими муассири давлатӣ, набудани инфрасохтори рақобатпазир, монополия ва воридоти

бенизоми молҳо иборатанд. Тавсия дода мешавад, ки барои такмили сиёсати давлатӣ дар ин самт бояд чораҳои зерин амалӣ гарданд:

- рушди заминаҳои ҳуқуқии танзими бозор бо мақсади пуштибонии рақобати озод;

- таъмини шаффофият дар фаъолияти субъектҳои бозорӣ ва маҳдуд намудани таъсири ширкатҳои монополист;

- пуштибонии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ;

- такмили маҷмуи механизмҳои институтсионалии назорат ва мониторинги бозор;

- таъмини имконияти дастрасӣ ба афзалиятҳо ва бартариҳои молҳои ватанӣ бо мақсади бедорсозии ҳавасмандии истеъмолкунандагон барои интихоб.

2. Дар шароити ҷаҳонишавии равандҳои иқтисодӣ ва болоравии рақобати глобалӣ, рушди муҳити солими рақобат яке аз омилҳои калидии таъмини рушди устувори иқтисодӣ, инноватсионӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, муаллиф самтҳои баланд бардоштани рақобатпазирии субъектони бозори молҳои истеъмолиро пешниҳод менамояд, ки чунинанд:

- самти якум – такмили сиёсати давлатии рақобат;

- самти дуюм – рушди муҳити рақобат;

- самти сеюм – баланд бардоштани рақобатпазирӣ.

Таҳқиқот нишон дод, ки муҳити рақобатии бозори истеъмолӣ дар Тоҷикистон дар марҳилаи ташаккулёбии нокифоя қарор дорад. Сабабҳои асосии ин ҳолат аз шумораи маҳдуди субъектҳои бозорӣ, мавҷудияти унсурҳои монополӣ, дастрасии маҳдуд ба захираҳо ва технологияҳо, сатҳи пасти ҳавасмандсозии соҳибкорӣ ва нокифоя будани механизмҳои танзими давлатӣ мебошанд.

Заминаҳои назариявии фаҳмиши муҳити рақобат ва унсурҳои ташаккулдиҳандаи он таҳлил карда шуда, муқаррар гардид, ки рушди муҳити

рақобат на танҳо тавассути озодии иқтисодӣ, балки бо роҳандозии сиёсати давлатии фаъол ва самаранок имконпазир аст.

**Хулоса оид ба боби сеюм:**

1. Баланд бардоштани рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ яке аз ҳадафҳои стратегӣ барои рушди иқтисоди Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар боби мазкур самтҳо ва механизмҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар шароити иқтисоди бозаргонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар асоси таҳлили амиқи вазъи кунунии бозор, омилҳои таъсиррасон ба рақобатпазирӣ муайян ва гурӯҳбандӣ карда шуданд.

2. Муайян гардид, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ на танҳо беҳтар намудани сифати маҳсулот, балки такмил додани инфрасохтори бозор, ҷорӣ кардани технологияи муосир, таҳкими сиёсати нархгузорӣ ва ташаккули фарҳанги рақобат аҳаммияти калон доранд.

3. Ҳамзамон, дар натиҷаи таҳқиқот пешниҳодҳо ҷиҳати истодагарӣ карда тавонистан дар бозори рақобат тавассути коркард ва татбиқи модели стратегияи рақобатии хароҷоти оптималӣ, стратегияи рақобатии тафриқабандии васеъ ва стратегияи рақобатии «уқёнуси кабуд» таҳия карда шудааст, ки бояд рақобатпазириро аз рӯйи нарх ва сифат таъмин намояд.

4. Таҳкими рақобатпазирии маҳсулот ва хизматрасонӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои калидии назарияи иқтисодӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва ҷаҳонишавии равандҳои иқтисодӣ аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ касб намудааст. Маҳз рақобат ва рақобатпазирӣ асоси инкишофи механизми бозор буда, танзими самараноки он ба баланд бардоштани сифат, оптимизатсияи нарх, таъмини саривақтии ниёзҳои аҳолӣ ва рушди устувори иқтисодиёт мусоидат мекунад.

## ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

Натиҷаҳои таҳқиқот собит менамояд, ки ташаккули асосҳои назариявию методологии рақобат дар бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ба такмили муносибатҳои бозорӣ, баланд гардидани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд. Таҳлили асосҳои назариявии таҳқиқоти рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ моро водор сохт, ки дар асоси натиҷаҳои бадастомада хулосаҳои зерини илман асоснок барорем:

**Натиҷаҳои муҳим ва илман асосноки диссертатсия:**

1. Дар ҳар давраи таърихии инкишофи назарияи иқтисодӣ рақобат ҳамчун категорияи иқтисодӣ мазмун ва шакли нави илмӣ пайдо мекунад. Методологияи таҳқиқи рақобат дар илми иқтисодӣ аз принсипҳои классикӣ ба равишҳои муосири таҳлили мураккаби институтсионалӣ ва низомии бозор табдил ёфтааст. Ин раванд имкон дод, ки рақобат на танҳо ҳамчун воситаи самаранокии иқтисодӣ, балки ҳамчун механизми ташаккули муҳити устувори иқтисодӣ ва инноватсионӣ арзёбӣ гардад. Рақобат дар бозори соҳавӣ на танҳо аз омилҳои иқтисодӣ, балки аз сиёсати давлатӣ, сохтори ҳуқуқӣ, низоми танзими институтсионалӣ ва фарҳанги иқтисодӣ вобаста буда, таҳқиқи он бо назардошти таъсири мутақобилаи ин омилҳо анҷом дода шудааст [3-М; 4-М; 6-М].

2. Рақобат ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар тули инкишофи таърихии муносибатҳои иқтисодӣ марҳилаҳои муайяни эволютсиониро гузаштааст. Панҷ марҳилаи асосии ташаккули назарияи рақобат муайян карда шуд. Таҳаввули назарияи рақобат на танҳо бо ташаккули шаклҳои «мусбат» ё «манфӣ»-и он маҳдуд намешавад, балки дар ҳар марҳилаи инкишоф шаклҳое ба вуҷуд меоянд, ки ба талаботи муҳити тағйирёбанда мутобиқ мебошанд. Ин шаклҳои мутобиқшаванда имкон медиҳанд, ки рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ ҳамчун механизми ташаккули самаранокии иқтисодӣ амал намояд. Таҳаввули назарияи рақобат инъикоси мустақими тағйироти сохторӣ ва методологии низоми иқтисодӣ мебошад. Рушди минбаъдаи рақобат ба таҳияи моделҳои муосири рақобат вобастагӣ дошта, дар маҷмуъ тағйирёбии муҳити

бозор аз таъсири омилҳои институтсионалӣ, технологӣ ва иҷтимоӣ бармеояд [5-М].

3. Афкори олимони иқтисодшинос оид ба моҳият ва самтҳои танзими рақобат нишон медиҳад, ки дар илми иқтисодӣ то имрӯз фаҳмиши ягона нисбат ба муносибати байни танзими бозории рақобат ва танзими давлатии рақобат ташаккул наёфтааст. Муқоисаи андешаҳои олимон гувоҳӣ медиҳад, ки гурӯҳи аввал танзими бозорро ҳамчун механизми худтанзимкунандаи иқтисодиёт арзёбӣ намуда, дахолати давлатро танҳо дар ҳолатҳои зарурӣ қобили қабул мешуморанд; гурӯҳи дуюм бошад, зарурати иштироки фаъоли давлатро дар ташаккули муҳити рақобатпазир ва таъмини адолати иқтисодӣ таъкид менамоянд. Шакли асосии танзими бозорӣ, яъне рақобати бозорӣ, ҳамчун омили худтанзимкунандаи бозор боқӣ мемонад, ки тавассути механизмҳои нарх, талабот ва пешниҳод фаъолияти иқтисодиро ба тавозун мебарад. Бо вуҷуди ин, танзими давлатии рақобат наметавонад аз ин раванд ҷудо бошад, зеро он вазифаи самтгирии стратегӣ ва ташаккули муҳити мусоиди рушдро ба уҳда дорад [3-М; 4-М].

4. Таҳлил анҷомдода нишон медиҳад, ки дар марҳилаи муосири рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он раванди гузариш аз модели аграрӣ-саноатӣ ба модели саноатӣ-аграрӣ шакл гирифтааст, масъалаи ташаккул ва такмили механизми танзими рақобат тадриҷан аҳаммияти афзояндаи илмию амалиро касб мекунад. Ин механизм бояд ҳам қувваҳои бозорӣ (механизмҳои худтанзимкунандаи рақобат) ва ҳам мақомоти давлатӣ (омилҳои сиёсати стратегӣ ва институтсионалӣ)-ро дар бар гирад. Танҳо дар сурати ҳамоҳангии ин ду ҷиҳат имконпазир аст, ки иқтисоди миллӣ ба тавозуни устувор ва рушди инноватсионӣ ноил гардад [2-М; 4-М].

5. Барои таъмин намудани устувории фаъолияти субъектҳои бозорӣ дар шароити рақобати шадид, махсусан дар бозори соҳавии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоби модели дурусти стратегияи рақобат нақши ҳалкунанда дорад. Стратегияи рақобат дар иқтисоди бозорӣ ҳамчун яке аз муҳимтарин механизмҳои ҳаракатдиҳандаи рушди иқтисодӣ шинохта шудааст. Самти асосии фаъолияти субъектҳои бозорро дар фазои рақобат

муайян намуда, барои ҳифзи рақобатпазирӣ, мустаҳкамсозии мавқеи бозорӣ ва ба даст овардани бартарӣ нисбат ба рақибон шароит фароҳам меоварад. Он на танҳо як маҷмуи чорабиниҳои тактикӣ, балки воситаи муайянкунандаи самти дарозмуддати рушди иштирокчиёни бозор ва умуман иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

Дар ин замина, таҳлил ва арзёбии вазъи воқеии бозори молҳои истеъмолӣ имкон дод, ки ду варианти асосии модели стратегияи рақобат, ки татбиқи онҳо метавонад рақобатпазириро дар асоси нарх, сифат ва инноватсия таъмин намуд, пешниҳод карда шаванд. Варианти аввал ба стратегияи хароҷоти оптималӣ асос меёбад, ки тибқи он ширкатҳо тавассути коҳиш додани хароҷоти истеҳсолӣ, истифодаи самараноки захираҳо, такмили технологияи истеҳсолот ва афзоиши ҳаҷми маҳсулот метавонанд арзиши ниҳоии маҳсулотро паст намуда, мавқеи рақобатии худро дар бозор мустаҳкам созанд. Варианти дуюм бошад, бар пояи стратегияи рақобатии тафриқабандии васеъ (дифференсиатсия) ва стратегияи «уқёнуси кабуд» асос ёфтааст [3-М; 7-М; 10-М].

6. Сатҳи фишори қувваҳои бозорӣ, аз ҷумла таъсири миқёси истеҳсолот, дараҷаи фарққунии соҳа, навоварӣ ва сатҳи технология, омили доимӣ ва статикӣ набуда, вобаста ба марҳилаи рушди соҳа ва хусусиятҳои сохтории бозор тағйир меёбад. Дар ҳар як марҳилаи инкишофи бозор – аз марҳилаи ташаккули ибтидоӣ то марҳилаи рақобати мукаммал ё монополистӣ – қувваҳои рақобат ва тавоноии онҳо шаклу миқёси гуногунро соҳиб мегарданд. Дар натиҷа, стратегияҳои самарабахши рақобат низ бояд мутобиқи ин тағйирот таҳия ва татбиқ карда шаванд [5-М; 9-М].

7. Вазъи бозори молҳои истеъмолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниёз ба чораҳо барои мутобиқсозии сохтор ва механизмҳои фаъолияти он ба фазои рақобат дорад. Рушди босуръати муносибатҳои бозорӣ ва воридшавии фаъолонаи молҳои хориҷӣ ба бозори дохилӣ масъалаи таъмини дастрасии истеъмолгарон ба молу хизматҳои босифат ва ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватаниро мубрам мегардонад. Рақобат дар бозори молҳои истеъмолии кишвар ҳанӯз пурра ташаккул наёфта, бозор дорои

нишонаҳои монополӣ ва вобастагӣ аз воридот мебошад. Дар чунин шароит, таҳияи стратегияи рушди устувори бозори истеъмолӣ, ки ба рушди рақобати солим ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ нигаронида шудааст, аҳаммияти калидӣ дорад [2-М; 3-М; 9-М; 10-М].

8. Модели мавҷудаи бозор бештар хусусияти олигополӣ дорад, ки дар он нарх ва ҳаҷми таҳвил зери таъсири таҳвилгарони калони монополист ташаккул меёбад. Муаммои таносуби таъсиси корхонаҳои нав ва қобилияти устувории онҳо дар фазои рақобат яке аз масъалаҳои калидии рушди иқтисоди бозорӣ боқӣ мемонад. Аз шумораи умумии корхонаҳои таъсисёфта, дар давраи таҳлил 40,7 фоиз аз фаъолият бозмондаанд, ки сабаби асосии он тағйирёбии муҳити макроиқтисодӣ, шиддатёбии рақобат ва пастшавии талаботи бозорӣ мебошад.

Сатҳи баланди хароҷоти ибтидоии вуруд ба бозор, фоидаи паст ва ҳавсмандии нокифояи сармоягузорӣ боис мегардад, ки воридшавии бозингарони нав ба соҳа маҳдуд шавад. Дар чунин муҳит, рақобат шадид буда, ширкатҳои хурду миёна маҷбуранд барои нигоҳ доштани мавқеи худ ба шаклҳои ҳамкории стратегӣ рӯй оваранд. Дар ин замина, дар диссертатсия муаллиф исбот намудааст, ки майл ба сӯйи «рақобати ҳамкорона» ё «шарикии рақобатӣ» метавонад роҳи самараноки баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар шароити бозор гардад [2-М; 7-М; 9-М].

9. Ҳаҷми воридоти маҳсулот ба бозори молҳои истеъмолӣ мунтазам афзоиш ёфта, дар баробари ин, истеъмоли дохилии кишвар аз ҳисоби маҳсулоти ватанӣ таъмин намешавад. Дар натиҷа, вобастагии иқтисоди миллӣ аз воридоти хориҷӣ, хусусан дар бахши маҳсулоти озуқаворӣ меафзояд. Ин вазъ на танҳо ба тавозуни савдои хориҷӣ, балки ба амнияти иқтисодӣ ва рақобатпазирии миллии кишвар таъсири манфӣ мерасонад. Муайян карда шуд, ки омилҳои ташаккулдиҳандаи муҳити рақобат шароитҳо ва механизмҳое мебошанд, ки фаъолияти бозорро танзим ва самаранокии рақобатро таъмин мекунанд [4-М; 10-М].

10. Ҷойгиршавии нуқтаҳои савдо дар низоми бозори молҳои истеъмолӣ ҳамчун омили муҳимми ташаккули рақобати солим ва таҳкими мавқеи бозорӣ ба ҳисоб меравад. Муайян карда шуд, ки омили фазоӣ ва логистикӣ дар рушди

рақобат накши калидӣ дошта, ташкили низоми фурӯш бо дарназардошти қишрҳои дорои қобилияти харидории баланд барои рушди бозори рақобат аҳаммияти хоса дорад [6-М; 8-М].

11. Фарқи назаррас байни бозорҳои шаҳрӣ ва деҳотӣ мавҷуд аст. Дар ҳоле ки дар шаҳрҳо ширкатҳои савдо тавонистаанд тавассути такмил додани сифати мол, дизайн, реклама, хизматрасонии босуръат ва гуногунии номгӯ рақобати фаъоли бозориро таъмин намоянд, дар минтақаҳои деҳот ва маҳалҳои дурдаст камбудани рақобат, маҳдуд будани номгӯ ва сифати пасти хизматрасонӣ мушоҳида мегардад. Дар чунин ҳолат, қувваи харидории аҳолии деҳот ҳамчун омиле таъсиргузор ба рақобат амал намекунад, зеро имкониятҳои интихоб ва дастрасии онҳо ба молҳои гуногун маҳдуд аст. Ин вазъ ба нокифоягии инфрасохтори савдо, таъмири пасти роҳҳои нақлиёт, масофаи дур аз марказҳои фурӯш ва сатҳи пасти технологияҳои маркетингӣ вобаста мебошад [8-М; 10-М].

12. Ҷанбаҳои сифатии рақобат яке аз унсурҳои асосии ташаккули афзалиятҳои рақобатии корхонаҳо дар бозори молҳои истеъмолӣ ба шумор меравaнд. Ҳарчанд маҳсулоти рақибон метавонанд хусусияти якхелаи ниёзҳои истеъмолиро қонеъ созанд, бартарияти ҷанбаҳои сифатӣ дар ин раванд аз имкони такмилдиҳии бемаҳдуди хусусиятҳои мол сарчашма мегирад. Аз ин рӯ, ҷанбаҳои сифатӣ бояд ҳамчун самти асосии ташаккули рақобати солим ва устувори бозорӣ арзёбӣ шаванд. Модели стратегии дифференсиатсияи маҳсулот барои бозори молҳои истеъмолии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардид, ки он воситаи муассири рақобати ғайринархӣ ба ҳисоб меравад.

13. Қувваҳои бозорӣ (аз қабили таъсири миқёси истеҳсолот, фарққунии соҳа, рақобати воридотӣ ва ғайра) доимӣ нестанд ва вобаста ба марҳилаи рушди соҳа тағйир меёбанд. Аз ин рӯ, стратегияҳои рақобатӣ бояд мутобиқшаванда ва чандир бошанд, то дар ҳар марҳилаи давраи иқтисодӣ самаранок татбиқ шаванд.

Самтҳои асосии рушди муҳити рақобат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба коҳиш додани қудрати бозории субъектҳои монополӣ, таъмини дастрасии баробар ба захираҳои иқтисодӣ чун омили калидии кам кардани нобаробарии

бозорӣ ва рушди рақобати солим, дастгирии давлатӣ барои таҳкими рақобат ва афзоиши самранокии фаъолияти бозор равона гардад [4-М; 6-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Бо мақсади таҳкими низоми рақобат дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода мешавад, ки таҳқиқи назарияи рақобат бо дар назардошти омилҳои рақамисозӣ ва навовариҳои технологӣ такмил дода шуда, модели миллии рақобат бо хусусияти мутобиқшавии босуръат ба иқтисоди бозории муосир таҳия ва самтҳои сиёсати давлатӣ оид ба дастгирӣ ва рушди рақобат ҷиҳати фароҳамсозии муҳити мусоиди бозор таҳким бахшида шаванд.

2. Дар раванди ташаккули муҳити рақобат ва таҳкими рақобатпазирии иқтисоди миллӣ сиёсати давлатии танзими рақобат ҳамчун омили калидӣ баррасӣ гардида, дар асоси мутаносибии танзими бозор ва танзими давлатӣ, ки дар он бозор нақши худтанзимкунанда ва давлат нақши фароҳамсозандаи шароити мусоидро иҷро менамояд, амалӣ мегардад. Ин танзим хусусияти стратегӣ дошта, ба ҷойи иваз намудани механизми бозор, ба ҳифзи рақобати солим, пешгирии монополизм ва дастгирии соҳибкории инноватсионӣ равона шуда, ҳамзамон ба афзоиши рақобатпазирии миллӣ ва рушди бозорҳои нав мусоидат менамояд.

3. Стратегияи рақобат дар асоси татбиқи модели мутобиқшудаи стратегияҳои «хароҷоти оптималӣ» ва «уқёнуси кабуд» бо дарназадошти хусусиятҳои соҳавӣ ва иқтидори истеҳсолӣ таҳия ва амалӣ гардида, ҳамзамон истифодаи комплексии стратегияҳои рақобат дар шакли равиши чандқабата бо таъмини мутаносибии арзиш, сифат ва нарх ба роҳ монда шуда, бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии қарорҳои стратегӣ, таҳлили мунтазами муҳити бозор, арзёбии омилҳои рақобатӣ ва мониторинги доимии талабот ва пешниҳод дар сатҳи субъектҳои бозор таъмин карда шаванд.

4. Механизми афзоиши иштирокчиёни бозор ва таъмини баробарии имкониятҳои иқтисодӣ тавассути таҳкими дастгирии институтсионалӣ ва молиявии соҳибкории хурду миёна, коҳиши монеаҳои вуруд ба бозор, баланд бардоштани шаффофияти равандҳои бозорӣ, татбиқи барномаҳои рушди рақобат, ҳавасмандгардонии инноватсия ва диверсификатсияи истеҳсолот амалӣ гардида, ба коҳиши монополизатсия ва таҳкими худтанзимкунии бозор мусоидат менамояд.

5. Дар самти таъмини устувории бозор ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодии миллӣ механизми ҳамгироии рақобат ва ҳамкорӣ ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати иқтисодии давлатӣ татбиқ гардида, такмили модели бозори рақобати монополистӣ дар асоси мукаммалсозии заминаҳои институтсионалӣ, тақвияти шаклҳои ғайринархии рақобат (сифат, инноватсия ва бренд), коҳиши хароҷоти транзаксионӣ ва монеаҳои вуруд ба бозор, ташаккули ҳамкории стратегӣ ва кластерии субъектҳои хоҷагидорӣ, инчунин таҳкими механизмҳои сиёсати зиддиинҳисорӣ ва мониторинги мунтазами муҳити рақобати амалӣ карда шавад.

6. Ҷиҳати рушди низоми муосири савдо, таъмини ҳамоҳангии манфиатҳои истеҳсолгарон ва истеъмолгарон, таҳкими муҳити рақобати солим ва устувории бозори молҳои истеъмолӣ, такмили инфрасохтори савдо ва логистика дар асоси ҷорӣ намудани моделҳои муосири идоракунии занҷири таъминот ва рақамикунонии гардиши мол, рушди савдои электронӣ тавассути платформаҳои рақамии фурӯш, ислоҳи сохтори савдои яклухт тавассути ташаккули низоми бисёрзинаи ҳаракати мол, баланд бардоштани рақобат дар бозорҳои деҳот дар асоси дастгирии молиявӣ ва рушди иқтидори соҳибкории маҳаллӣ, инчунин такмили сифати хизматрасонӣ бо истифодаи усулҳои муосири маркетинг ва рушди хизматрасонии пас аз фурӯш арзёбӣ мегардад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## 1. Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ:

[1]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2006, №7, мод.346; соли 2008, №10, мод.811; соли 2012, №12, қ.1, мод.1007; соли 2015, №3, мод.217.

[2]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи инҳисороти табиӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, №3, қ.2, мод.168; соли 2008, №10, мод.814; соли 2013, №12, мод.899; соли 2015, №11, мод.977.

[3]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2014, №7, қ.2, мод.404; соли 2015, №3, мод.216; соли 2017, №1436; соли 2020, №1684.

[4]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017, №5, қ1, мод. 274; соли 2022, №7, мод. 454.

[5]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1912, аз 15.03.2023 № 1857). С. 3.

## 2. Стратегия ва барномаҳои давлатӣ:

[6]. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016 № 636 тасдиқ шудааст.- Душанбе, 2016.- 99с.- [манбаи электронӣ].- ҳолати дастрасӣ: https://investcom.tj

[7]. Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе, 2021. - 68с.

## 3. Баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[8]. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон.- [манбаи электронӣ].- 26.12.2019.- ҳолати дастрасӣ: www.president.tj

[9]. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- [манбаи электронӣ].- 26.01.2021.- ҳолати дастрасӣ: www.president.tj

[10]. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- [манбаи электронӣ].- 23.12.2022.- ҳолати дастрасӣ: www.president.tj

[11]. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- [манбаи электронӣ].- 28.12.2023.- ҳолати дастрасӣ: www.president.tj

[12]. Суханронӣ дар маросими расмии савгандёдкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 18 ноябри соли 2006. шаҳри Душанбе.- [манбаи электронӣ].- ҳолати дастрасӣ: https://president.tj

**4. Маводҳои оморӣ:**

[13]. Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №4-2024. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025. - 56с.

[14]. Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №4-2021. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. - 51с.

[15]. Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №4-2023. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. - 51с.

[16]. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. - 702 с.

[17]. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025. - 442 с.

[18]. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2023. - 419 с.

[19]. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. - 429 с.

[20]. Тоҷикистон дар рақамҳо. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025. - 167 с.

[21]. Ҳисоботи фаъолияти хоҷагидории ширкатҳои тиҷоратии Анис, Амид, Оазис, Ёвар барои солҳои 2018-2023.

**5. Монография, китоби дарсӣ, васоити таълимӣ:**

[22]. Абдугафаров А. Теоретические проблемы формирования модели рыночной экономики Таджикистана. Монография [Текст] / А. Абдугафаров, Д.А. Ахмедова. - Худжанд: Издательство «Рахим Джалил», 2006. -132с.

[23]. Азоев Г.Л. Конкурентное преимущество фирмы: учебное пособие [Текст] / Г.Л. Азоев, А.П. Челенков. - М.: Издательство «Новости», 2000. - 256с.

[24]. Азоев Г.Л. Конкуренция: анализ, стратегия, практика. Монография [Текст] / Г.Л. Азоев. - М.: Центр экономики и маркетинга, 1996. - 248с.

[25]. Аминов И.А. Продовольственный рынок: проблемы развития товарно-торгового бизнеса. Монография [Текст] / И. Аминов. - Душанбе: Издательство «Ирфон», 2013. -180с.

[26]. Ахмадова П.И. Формирование конкурентной среды как приоритетное направление совершенствования сферы торговли в регионе. [Текст] / П.И.Ахмадова. ГОУ ВПО «Кабардино-Балкарский государственный университет имени Х.М. Бербекова», г. Нальчик. С-226

[27]. Барабанов А.С. Управление региональной конкурентоспособностью. Монография [Текст] / А.С. Барабанов; под науч. рук. д.э.н. Т.В. Усковой. - Вологда: ИСЭРТ РАН, 2014. - 160с.

[28]. Барфиев К.Х. Управление конкурентоспособностью аграрного производства Республики Таджикистан и проблемы её учетно-аналитического обеспечения. Монография [Текст] / К.Х. Барфиев, М.И. Исраилов. - Душанбе, 2020. - 220с.

[29]. Вальтер Ж. Конкурентоспособность: общий подход. Учебное пособие [Текст] / Ж. Вальтер. - М.: Российско-Европейский центр экономической политики, 2002. - 368с.

[30]. Вехи экономической мысли. Теория потребительского поведения и спроса. Т. 1. [Текст] / Под ред. В. М. Гальперина. СПб.: Экономическая школа, 2000. - С. 67-69

[31]. Газибеков С.А. Потребительская кооперация Республики Таджикистан: состояние, концепция развития. Монография [Текст] / С.А. Газибеков. - Душанбе: Деваштич, 2008. - 256с.

[32]. Джамшедов М.Д. Рынок потребительских товаров Республики Таджикистан. Монография. [Текст] / М.Д. Джамшедов, С.Х. Хабибов, Х.Н. Факеров. - Душанбе: Ирфон, 2002. - 204с.

[33]. Джевонс У.С. Деньги и механизм обмена [Текст] / У.С.Джевонс. - М.: Социум, 2005. 186с.

[34]. Дуглас Н. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики. [Текст] / Н. Дуглас; пер. с англ. А.Н. Нестеренко; предисл. и науч. ред. Б.З. Мильнера. - М.: Фонд экономической книги «Начала», 1997. - 180с.

[35]. Жуламанов Р.К. Конкурентоспособность национальной экономики (теория и практика). Монография [Текст] / Р.К. Жуламанов. - Алматы: Принт, 1995. - 164 с.

[36]. Ибрахимов И.Р. Теоретические основы государственного регулирования рынков малой открытой периферийной экономики (на примере Таджикистана). Монография [Текст] / И.Р. Ибрахимов. - Душанбе, 2018. -157 с.

[37]. Иванов В.Н. Управление конкурентоспособностью предприятия: теория, методы оценки. Монография [Текст] / В.Н. Иванов, Г.В. Калинина, Л.П. Федорова. - Чебоксары: Салика, 2007. - 124 с.

[38]. Кадыров Д. Б. Формирование и пути повышения благосостояния населения. Монография [Текст] / Д.Б. Кадыров. - Душанбе: Сохибкор, 2013. - 254 с.

[39]. Кейнс Дж. М. Общая теория занятости, процента и денег [Текст] / Дж.М. Кейнс // Антология экономической классики: в 2 т. [сост. И. А. Столяров]. - М.: Эконов, 1992. - Т. 2. - С. 137.

[40]. Ким У. Чан, Моборн Р. Стратегия голубого океана: пер. с англ. [Текст] / У.Ч.Ким, Р.М.Моборн. - ГИППО, 2010. - 272 с.

[41]. Кристенсен К. М. Дилемма инноватора. Как из-за новых технологий погибают сильные компании. [Текст] / К.М.Кристенсен. -М.: Издательство «Альпина Паблишер», 2017. - 240 с.

[42]. Круглова Н.Ю. Основы бизнеса. Учебник [Текст] / Н.Ю.Круглова. - М.: Издательство «РДЛ», 2005. - С. 219.

[43]. Ламбен Ж. Ж. Стратегический маркетинг. Европейская перспектива. [Текст] / Ж.Ж.Ламбен. - СПб.: Издательство «Наука», 1996. С. 341

[44]. Макконнелл Кэмпбелл Р., Брю Стэнли Л. Экономикс: принципы, проблемы и политика. Монография [Текст] / К.Р. Макконнелл, С.Л. Брю; под общ. ред. А. А. Пороховский. - М.: Республика, 1992.- 404 с.

[45]. Маркс К. Капитал. [Текст] / К.Маркс. - М.: Манн, Иванов и Фербер, 2016. - 1200 с.

[46]. Маршалл А. Принципы экономической науки. [Текст] / А.Маршалл. - М.: Издательство «Прогресс», 1993. С. 172

[47]. Милль Дж. С. Основы политической экономии. [Текст] / Дж.С. Милль. - М.: Издательство «Прогресс», 1981. - 448 с.

[48]. Норт Д. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики. [Текст] / Д.Норт. Пер. с англ. А.Н. Нестеренко; науч. ред. Б.З. Мильнера. - М.: Фонд экономической книги «Начала», 1997. - С. 25.

[49]. Нуралиев С.У. Регулирование рынка продовольственных товаров и внешнеторговой деятельности. Монография [Текст] / С.У. Нуралиев. - Астрахан: ВНИЭСХ, 2004. - 210 с.

[50]. Основы экономической безопасности (Государство, регион, предприятие, личность). [Текст] / под ред. Олейникова Е. А. - М.: ЗАО Бизнес-школа “Интел-Синтез”, 1997. - С. 72

[51]. Портер М. Конкуренция/Пер. с англ. [Текст] / М. Портер. - М.: Издательский дом «Вильямс», 2000. - 495 с.

[52]. Портер М. Конкурентная стратегия: Методика анализа отраслей и конкурентов/Пер. с англ. [Текст] / М. Портер. - М.: Издательство Альпина Бизнес Букс, 2007. - 453 с.

[53]. Рахимов А.М. Проблемы повышения конкурентоспособности экономики республики Таджикистан. Монография [Текст] / А.М. Рахимов. - Худжанд: Издательство Р. Джалил, 2004. - 234 с.

[54]. Рауфи А. Конкурентная экономика. /Под общ. ред. доктора экономических наук, профессора /О.Б. Бобоева //. - Душанбе: “Дониш”, 2014.- 430 стр.

[55]. Рикардо Д. Начала политической экономии и налогового обложения. [Текст] / Д. Рикардо. - М.: Эксмо, 2016. - 1040 с.

[56]. Робинсон Дж. Экономическая теория несовершенной конкуренции. [Текст] / Дж. Робинсон. - М.: Прогресс, 1986. - 471 с.

[57]. Розанова Н.М. Теория отраслевых рынков в 2 ч. Часть 1. [Текст]: учебник для вузов // Н.М. Розанова. - 3-е изд., перераб. и доп. - Москва: Издательство Юрайт, 2021. - 345 с

[58]. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов [Текст] / А. Смит; пер. с англ. В.С. Афанасьева. - М.: Эксмо, 2009. - 960 с.

[59]. Социальные аспекты развития конкуренции. Монография [Текст] / А.А. Варызгина, Н.Н. Ивашиненко, А.В. Куликова и др.; под науч. ред. Н.Н. Ивашиненко. Н. Новгород: Изд-во НИСОЦ, 2020. - 186 с.

[60]. Тапскотт Д. Викиномика. Как массовое сотрудничество изменяет все [Текст] / Д. Тапскотт, Э. Уильям. - М.: Best Business Books, 2009. - 392 с.
[61]. Терещенко Н.Н. Экономическая диагностика состояния и развития потребительского рынка. Монография [Текст] / Н.Н. Терещенко. - М.: Креативная экономика, 2008. -384 с
[62]. Толковый словарь современного русского языка. Языковые изменения конец XX в. [Текст] Под ред. Г.Н. Скляревской. - М.: ООО «Издательство АСТ», 2001. - 894 с.
[63]. Факеров Х.Н. Потребительский рынок: состояние и перспективы. Монография [Текст] / Х.Н. Факеров. - Душанбе: Ирфон, 2019. - 290 с.
[64]. Фатхудинов Р.А. Стратегическая конкурентоспособность. [Текст] / Р.А. Фатхуддинов. - М.: Издательство «Экономика», 2003. - 504 с.
[65]. Фатхутдинов Р.А. Управление конкурентоспособностью организации. Учебник [Текст] / Р.А. Фатхуддинов; 2-е изд., М.: Издательство «Эксмо», 2005. - 544 с.
[66]. Хабибов С.Х. Проблемы повышения эффективности розничной торговли. Монография [Текст] / С.Х. Хабибов, И.А. Аминов, Ф.Р. Шаропов. - Душанбе: Ирфон, 2004. - 95 с.
[67]. Хамел Г. Конкурируя за будущее. Создание рынка завтрашнего дня. [Текст] / Г. Хамел, К.К. Прахалад. - М.: Олимп-бизнес, 2002. -288 с.
[68]. Хушвахтзода Қ.Х. Рақобатпазирии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар бозори агроозуқавории минтақа. Монография [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Д.Т. Расулов. - Душанбе: ЧДММ “Бебок”, 2020. - 244 с.
[69]. Ҳакимов А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. [Матн] / А. Ҳакимов. - Душанбе: Ирфон, 2007. - 437 с.
[70]. Чемберлин Э. Теория монополистической конкуренции: реориентация теории стоимости. [Текст] / Э.Чемберлин; пер. с англ. Э.Г. Лейкина, Л.Я. Розовского. Под ред. О.Я. Ольсевича. - М.: Экономика, 1996. - 349 с.
